ТАВАККАЛ ЧОРИЕВ

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 4-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон ба нашр тавсия кардааст*



Тошканд
«O‘ZBEKISTON»
2015

УЎК: 811.222.8(075)
372.881.1
КБК 81.2 Тож-922
Ч-78

**М у қ а р р и з о н :**

**Марҳабат Истамова** – дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДС, номзади улуми филологӣ

**АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:**

– машқҳои эҷодӣ
– бозиҳои грамматикӣ
– шарҳи луғатҳо
? – ба саволҳо ҷавоб гӯед
– тест
– вазифаи хонагӣ

## Донишомӯзони гиромӣ!

Китобро бо шавқу завқ хонед. Аз мазмуни он донишатонро ғанӣ гардонед. Бомаърифату соҳибхирад шавед. Онро чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоед!

Донед, ки китобхониву китобдӯстӣ инсонро ҳатман ба қуллаи мурод мерасонад, мартабаашро дар ҷамъият баланд мебардорад, ӯро ҳимматбаланду қадршинос мегардонад.

**Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.**

© Т. Чориев, 2015
© «O'zbekiston» НМИУ, 2015

ISBN 978-9943-28-341-1

# ӮЗБЕКИСТОН – КИШВАРИ СУЛҲУ САОДАТ ВА ДАВЛАТИ ПОЯНДА



## 1 СЕНТЯБР – ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

– Аз шумо дорам умед:
Донои замон шавед!
Ба қалъаи Истиқлол
Аз ҷон нигаҳбон шавед!

Шукронаи Истиқлол
Мо аз дилу ҷон кунем.
Ободии ҳақиқӣ
Бо амри виҷдон кунем.

*Алӣ Бобоҷон*

# ТАКРОРИ МАВОДҲОИ ДАР СИНФИ III ОМӮХТАШУДА

## ДАРСИ 1. АЪЗОҲОИ ҶУМЛА

**Машқи 1.** Матнро хонед ва ба саволҳо ҷавоб гардонед. Сараъзову аъзоҳои пайрави ҷумлаҳоро муайян кунед.

### ВАТАН

Ватан азизтарин, зеботарин, ноёбтарин макон аст. Ватан маконест, ки мо дар он ҷо дида ба олами ҳастӣ кушодаем. Хуни нофамон дар он ҷо рехтааст.

Ҳар шахси оқилу хирадманде, ки ба қадри ғамхориҳои Ватан, ба қадри неъматҳои он мерасад, ватандӯст аст. Ватандӯстӣ баландтарин қуллаи фазилати маънавии инсонист. Вазифаи ватандор аз он иборат аст, ки ҳар амали бар дӯши худ доштаро самимона, бо ҳавсалаи том иҷро намояд. Дар кадом ҷодае, ки фаъолият дорад, бояд қувва, дониш, маҳорати худро дареғ надорад.

**Шарҳи луғат:**

**Дида** – чашм
**Хирадманд** – донишманд
**Ғамхор** – мӯнис, меҳрубон
**Самимона** – бо меҳр

**Ҳавсала** – кӯшиш, саъй
**Том** – ҷамъулҷамъ
**Ҷода** – соҳа
**Дареғ** – ҳайф, афсӯс

**Саволҳо:**

1. Ватандӯстӣ чист ва ватандӯст кист?
2. Вазифаи ватандор аз чӣ иборат аст?
3. Дар васфи Ӯзбекистон кадом шеърро аз ёд гуфта метавонед?

| Мисолҳо барои муайян намудани аъзоҳои ҷумла | |
|---|---|
| 1. | Ватан азизтарин, зеботарин, ноёбтарин макон аст. |
| 2. | Ватандӯстӣ баландтарин қуллаи фазилати маънавии инсонист. |
| 3. | Ҳар як фарзанд Ватани худро мисли модар дӯст медорад. |

*Намуна:* Мафҳуми Ватан хеле васеъ ва пурмазмун аст.

**чӣ гуна аст?** – васеъ ва пурмазмун аст (сараъзо)
**чӣ?** – мафҳуми Ватан (сараъзо)
**чӣ қадар?** – хеле (аъзои пайрав)

**Машқи 2.** Хонед ва аз рӯйи мазмуни он фикратонро баён кунед.

## КИШВАРИ НОМДОР

Эй Ватани озодам,
Мустақилӣ муборак!
Сарзамини ободам,
Мустақилӣ муборак!
Тӯй асту базм дорӣ,
Савту садо муборак!

Ҳусни ту сад ҷаҳон шуд,
Ҳусни расо муборак!
Эй кишвари номдорам,
Шавкати ту, муборак!
Ӯзбекистон исми ту,
Давлати ту, муборак!

*Асад Гулзодаи Бухороӣ*

**Машқи 3.** Ба ҷойи нуқтаҳо сараъзо ва аъзоҳои пайрави мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра ба дафтар рӯбардор кунед.

1. ... солим будани моро мехоҳанд. 2. Дандон ба инсон тамоми умр ... . 3. Нағз хонем, ... соҳиби касби хуб мегардем. 4. Оҳуча бо дандонҳои ... себаргаҳоро канда қирт-қирт мехӯрд. 5. Мо ... сахт танбеҳ додем.

**Сараъзоҳо барои истифода:** *хизмат мекунад, падару модарамон.*

**Аъзоҳои пайрав барои истифода:** *дар оянда, ӯро, тези нозукаш.*

**Машқи 4.** Савол гузоред ва сараъзову аъзоҳои пайрави ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Одоби салому хайру хуш алифбои маданияти шахс аст.

2. Дар даруни автобус ва троллейбус оғӯш гирифта салом кардан раво нест.

*Намуна:* Ҷавонон аз душвориҳо наметарсанд.
**чӣ кор мекунанд?** – наметарсанд (сараъзо)
**киҳо?** – ҷавонон (сараъзо)
**аз чӣ?** – аз душвориҳо (аъзои пайрав)

## ДАРСИ 2. ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО

Аъзоҳои пайдарпай воқеъгаштаи ба саволи ягона ҷавобшаванда, **ҷумлаҳои чидааъзо** ном доранд.

1. **Дашту саҳро** заррин гардид.

2. **Кӯчаю бозор, одаму олам** ба назарам хубу дилрабо менамуданд.

3. **Манижаю Мижгона** духтаракони аълохон мебошанд.

**Машқи 5.** Ҷумлаҳои дар сутунҳои чап ва рост навишташударо ба таври муқоиса аз назар гузаронед. Ҷумлаҳои чидааъзоро номбар кунед.

| | |
|---|---|
| Маънавият – нишонаи асосии одамият. | Забон калиди дониш ва маърифат аст. |
| Лафзи модарӣ муқаддас аст, *онро* азизу гиромӣ бояд дошт. | Қаторкӯҳҳои кабудчаранг, зардчахол, сурхчатоб сар ба фалак мекашиданд. |

Агар дар таркиби ҷумлаҳои чидааъзо пайвандакҳои **ва, -у, -ю** омада бошад, баъд аз онҳо вергул гузошта намешавад.

**Машқи 6.** Аъзоҳои чида ва воситаҳои алоқаи грамматикии ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Осмони каб-кабуд ба мисли шишаи поккардашуда тозаю равшан буд. 2. Рустаму Роҳат аз мактаб бармегаштанд. 3. Як марди қадбаланд, камгӯшт, пешонавасеъ, хушфеъл моро бо хурсандӣ пешвоз гирифт.

**Машқи 7.** Ҷумлаи чидааъзо тартиб диҳед. Аъзоҳои чидаи ҷумлаҳои тартибдодаатонро муайян кунед.

 ҳосили фасли тирамоҳ мебошанд.

1. Дар домана ва рӯйи теппаҳои сабзу хуррам, дар атрофи киштзорҳо, дар канорҳои дарёча ва ҷӯйҳо, дар сари боми деворҳои деҳа – дар ҳама ҷо лола рӯйида буд. 2. Хӯҷаназарбой на дар вақти киштукор, на дар вақти хишова, на дар вақти чинак ба сари пахта қадам намондааст.

**Машқи 8.** Шеърро хонед, аз рӯйи мазмуни он бо интихоби сарлавҳа ва ҷумлаҳои чидааъзо матн тартиб диҳед.

## ТАЪТИЛИ ТИЛЛО ГУЗАШТ

Се моҳи сармо гузашт,
Сайру тамошо гузашт,
Давраи аъло гузашт,
Таътили тилло гузашт...

Мактаби ҷон, ассалом!
Ҳамсабақон, ассалом!
Мӯҳтарам устодҳо,
Аз дилу ҷон ассалом!

*Наримон Бақозода*

## ДАРСИ 3. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 9–12

**Машқи 9.** Сараъзо ва аъзоҳои пайрави чаҳор ҷумлаи аввали матнро муайян кунед.

## 2 СЕНТЯБР – РӮЗИ ДОНИШ

## ДӮСТИ БЕҲТАРИН

Китоб ганҷи бебаҳо, хазинаи шеъру суханҳои оқилона, макони илму дониш ва рафиқу бародари мост. Ба китобхонӣ ман аз хурдӣ шавқу ҳавас пайдо карда будам. Ҳоло вақтҳои холиамро бо хондани китобҳо мегузаронам. Дар синфи мо китобдӯстон бисёранд. Мо дар синф ҳар ҳафта

аз рӯйи асарҳои хондаамон сӯҳбат мегузаронем.

Шавқи китобхонӣ маро маҷбур кард, ки китобхонаи шахсии худамро ташкил намоям. Дар давоми чор сол шумораи китобҳоям қариб ба 400 адад расид.

*Намуна:* Мо дар синф ҳар ҳафта аз рӯйи асарҳои хондаамон сӯҳбат мегузаронем.

**чӣ кор мекунем?** – сӯҳбат мегузаронем (сараъзо).
**киҳо?** – мо (сараъзо).
**дар куҷо?** – дар синф (аъзои пайрав).
**кай?** – ҳар ҳафта (аъзои пайрав).
**аз рӯйи чӣ?** – аз рӯйи асарҳои хондаамон (аъзои пайрав).

**Машқи 10.** Ҷумлаҳои чидааъзову бечидааъзоро дар алоҳидагӣ номбар кунед.

1. Гирду атрофи мактабамон зебову хушманзар аст. 2. Хоҳари дӯстрӯяки саҳархезам Дилсора ном дорад. 3. Дар арафаи ҷашни истиқлолият бо ҳамсинфонамон шеър хондем ва рақс кардем. 4. Комрон дар дил орзуи кайҳоннавард шуданро мепарварад. 5. Ифтихори ватандӯстӣ аз донистани таъриху забон ва фарҳанги Ватан сарчашма мегирад.

**Машқи 11.** Савол гузоред, сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумлаҳои чидааъзоро муайян кунед.

1. Маънои аслии маънавият маъниҷӯйӣ, маърифат, дониш аст. 2. Маънавият аз худҷӯйиву худрасӣ оғоз меёбад ва ба худшиносиву худогоҳӣ

меоварад. 3. Маънавияту фарҳанг шаҳсутуни ягонагии миллист.

*(Аз «Хуросон аст ин ҷо»-и*
*Муҳаммадҷон Шукуров)*

*Намуна:* Маънавият – маҷмӯаи ҷанбаҳои фикрӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ.

**чист?** – маҷмӯаи ҷанбаҳои фикрӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ (хабари ҷида).

**чӣ?** – маънавият (мубтадо).

**Машқи 12.** Се ҷумлаи ҷидааъзо нависед. Саволҳои мувофиқ гузоред ва аъзоҳои ҷидаро муайян кунед.

## ДАРСИ 4. КОРБАСТИ ҲИССАҲОИ НУТҚ ДАР НУТҚИ ХАТТӢ

**Машқи 13.** Ҳиссаҳои нутқи таркиби ҷумлаҳоро дар алоҳидагӣ муайян намоед.

1. Мо аз табиати зебоманзари кишварамон завқ мебарем. 2. Дӯсти ман одами донову ростқавл, некандешу хоксор мебошад. 3. Растаниҳои доругӣ дар саҳрову боғ, киштзору кӯҳсор ва бешазорҳо месабзанд. 4. Деҳқонон дар фасли тирамоҳ анор, ангур, себ, нок, хурморо ғун кардаанд.

**Исм:** растанӣ, саҳро ...
**Сифат:** доругӣ ...
**Феъл:** месабзанд ...
**Ҷонишин:** мо ...
**Пешоянд:** ...
**Пайвандак:** ...
**Пасоянд:** ...

**Машқи 14.** Мисолҳо тартиб диҳед ва катакчаҳои холии ҷадвалро пур кунед.

| ИСМ | | СИФАТ | | ШУМОРА | | ФЕЪЛ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| чӣ? | | чӣ хел? | | чанд? | | чӣ кор мекунад? | |
| чиҳо? | | | | чандто? | | чӣ кор кард? | |
| кӣ? | | чӣ гуна? | | чандум? | | | |
| киҳо? | | | | | | чӣ мешавад? | |

**Машқи 15.** Ба ҷойи нуқтаҳо ҳиссаҳои нутқи мувофиқ ёфта гузоред.

1. Дар давоми ... дақиқа барги дарахтон рехта кӯрпа барин шуданд. 2. Бегоҳ аз тарафи шимол ... баланд шуд. 3. Ҳунарашро ба кор бурда, ба халқ хизмат ... . 4. Тамоми шаҳрвандони ... соҳиби ҳуқуқи озоди якхела мебошанд.

**Ҳиссаҳои нутқ барои истифода:** *кард, абри сиёҳе, панҷ, Республикаи Ӯзбекистон.*

**Машқи 16.** Бо истифода аз сифатҳои *кушодарӯ, оташзабон, халқдӯст, тавоно* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Намуна:* Мо бо шоири оташзабон вохӯрӣ гузаронидем.

## ДАРСИ 5. КОРБАСТИ ҲИССАҲОИ НУТҚ ДАР НУТҚИ ШИФОҲӢ

**Машқи 17.** Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед. Таърифи *исм, сифат, феъл, ҷонишин, шумораро* гӯед.

## БАҲСИ СЕ ҲИССАИ НУТҚ

Як рӯзи зимистон буд. Се ҳиссаи нутқ – Исм, Сифат, Феъл дар як ҷо ҷамъ шуданд. Дар байнашон баҳси сахте ба амал омад. Ба ҳамааш Исм гунаҳкор. Баҳсро ӯ сар кард.

– Ман, – гуфт исм, – ҳиссаи нутқи аввалинам. Маро бачаҳо аз ҳама пеш меомӯзанд ва мехонанд. Бе ман ҳар дуи шумо нестед.

– Не, – гуфт Сифат. – Ана гӯш кун, агар ман набошам, бачаҳо аз куҷо медонанд, ки ту зебоӣ, тозаӣ, ё ки чиркин; чаққонӣ, далерӣ, зиракӣ ё ки танбал? Бинобар ин бе ман ту вуҷуд надорӣ.

Гапи ҳар дуят маъқул-куя, – гуфт феъл. – Вале гӯед, ки агар ман набошам, шумо чӣ хел ҳаракат мекунед, гап мезанед, механдед? Биёед ба назди бачаҳо меравем. Бигузор, онҳо гӯянд, ки кадоми мо асосӣ ва кадомамон ғайри асосием.

Маслиҳати Феъл ба Исму Сифат маъқул шуд. Онҳо назди бачаҳо омаданд, то ки баҳсашонро яктарафа кунанд. Канӣ, бачаҳо, шумо ҳар сеи ин ҳиссаҳои нутқро омӯхтед. Гӯед, ки даъвои кадомашон маъқул аст.

*М. Лутфуллоев*

**Машқи 18.** Бо интихоби ҳиссаҳои нутқ ба саволҳо ба таври шифоҳӣ ҷавоб гардонед.

**? Саволҳо:**

1. Дар байрақ ва герб чӣ гуна рангҳо муҷассам аст?
2. Рангҳои байрақи Ватани мо – Ӯзбекистон чӣ гуна рамзҳоро ифода мекунанд?

3. Дар герб расми кадом предметҳо тасвир гардидааст?

4. Конститутсияи Ӯзбекистон кай қабул шудааст?

**Машқи 19.** Бо интихоби ҳиссаҳои нутқ аз рӯйи расм ва сарлавҳаи «Сулҳу осоиши Ватан абадӣ бошад!» фикратонро баён кунед.



**Машқи 20.** Ҳиссаҳои нутқи таркиби ҷумлаҳоро дар алоҳидагӣ муайян кунед.

1. Хурду калон бо ғунучини пахта машғуланд. 2. Дар кишварамон тирамоҳи заррин ҳукмрон аст. 3. Хазонрезӣ дар фасли тирамоҳ ба амал меояд. 4. Ман аз дӯкони мевафурӯшӣ анор, анҷир, хурмо харид мекунам.

## ДАРСИ 6. ИСТИФОДАИ ИБОРА ДАР ҶУМЛАҲОИ СОДДА

**Машқи 21.** Бо истифода аз ибораҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.





Поезди тезгарди Афросиёб, ҳаракат аз Самарқанд ба Тошканд, роҳи оҳан, самолёти Ӯзбекистон, парвоз аз шаҳри Тошканд, нақлиётҳои навбунёди Ӯзбекистон, тамошои шаҳри Самарқанду Тошканд, осмони мусаффо, ватани озоду обод.

*Намуна:* Поезди тезгарди Афросиёб аз Самарқанд ба Тошканд равона аст.

**Машқи 22.** Аз таркиби шеър ибораҳои ба тавсифи модар алоқамандро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

### МОДАРАМ

Хушрӯз модарам,
Дилсӯз модарам,
Ганҷи ягонаам,
Хуршеди ховарам.

Фарзанди ту бузург,
Фарзанди ту калон.
Монанди зиндагӣ,
Умри ту ҷовидон.

Чун дасти орзу,
Дасти ту дар сарам.
Бахти баланди ман,
Бахти ту, модарам.

Фарде надидаам,
Мисли ту хоксор.
Марде надидаам,
Мисли ту бурдбор.

*Гулрухсор Сафиева*

**Машқи 23.** Иборaҳои таркиби ҷумлаҳоро муайян кунед ва шарҳ диҳед.

1. Ҷонаш ба лаб омад. 2. Гапи кӯҳнаро бод медод. 3. Ғаму ғусса одами танумандро ҳам аз по меафтонад.

*(Аз ҳикояҳои Бекназари Тӯйназар)*

**Машқи 24.** Бо иборaҳои *заргари нозуктабъ, оташпораи хокистаролуд, ҳезуми сердуд, шамъи ториксӯз* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 7. КОРБАСТИ ҶУМЛАҲОИ СОДДА ДАР НУТҚИ ХАТТӢ





**Машқи 25.** Ҷумлаҳои *ҳикоятӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ* тартиб диҳед.

**Машқи 26.** Ба ҷойи нуқтаҳо бо гузоштани калимаҳо ҷумлаҳоро пурра кунед.

Шаби маҳтоб монанди … равшан буд.
Дарё ... барин ҷило медод.
Раъду барқ монанди ... садо медод.

**Калимаҳо барои истифода:** *тӯб, ойина, рӯз.*

**Машқи 27.** Ба ҷойи нуқтаҳо бо гузоштани калимаҳои ҳаммаънои **шамол, бод, насим, шаббода** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

… сахт мевазад.
... баҳорӣ мевазад.

… форам мевазад.
... маҳин мевазад.

## ДАРСИ 8. КОРБАСТИ ҶУМЛАҲОИ СОДДА ДАР НУТҚИ ШИФОҲӢ

**Машқи 28.** Аломатҳои китобӣ ва канори ҷумлаҳоро номбар кунед.

Деҳқон ба хона расида аз назди дарвоза фарёд кард:

– Эй занак, шодӣ кун! Тилло ёфтам! Кӯзаи тилло ёфтам! Занаш хурсанд шуда, тозон омада, халтаро гирифт.

*(Аз афсонаи «Марди деҳқон ва кӯзаи зар»)*

**Машқи 29.** Шеърро хонед, фикратонро аз рӯйи мавзӯи Соли 2015 – Соли гиромидошти куҳансолон баён кунед.

Соли эъзози пирон –
Муборак аз дилу ҷон.
Бар навҷавону пирон –

Мардуми Ӯзбекистон.
Ҳамроҳи пиру барно
Зиндагӣ хубу зебо.

*Салим Кенҷа*

**Машқи 30.** Матнро хонед ва мазмунашро баён кунед.

## АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

*(Ривоят)*

Рӯзе Абӯалӣ ибни Синои табибро ба қаср мебаранд. Ӯ подшоҳро табобат мекунад. Подшоҳ ба ақлу дониши ҷавони 18-сола қоил шуда мегӯяд: – Ту табиби хуб будаӣ. Дарди маро шифо бахшидӣ. Акнун бигӯ, аз ман чӣ мехоҳӣ? Ҳар чӣ хоҳишат бошад, ман иҷро мекунам. Абӯалӣ ибни Сино шунида буд, ки дар қасри шоҳ китобхонаи бузурге ҳаст. Ӯ дер фикр накарда, аз подшоҳ хоҳиш мекунад, ки иҷозат диҳад, дар ҳамон китобхона кор кунад ва китоб бихонад.

*(Аз «Нақлу ривоятҳо дар бораи Абӯалӣ ибни Сино»)*

**Шарҳи луғат:**

**Табиб** – шифокор
**Қаср** – сарой, кӯшк
**Подшоҳ** – шоҳ, амир
**Бузург** – калон
**Иҷозат** – рухсат

**Машқи 31.** Хонед, давоми афсонаро ба хотир оварда нақл кунед.

## МАРДИ ДЕҲҚОН ВА КӮЗАИ ЗАР

Як деҳқоне буд. Камбағал буд. Дар дил орзуе дошт он марди деҳқон, ки бою бадавлат шавад. Рӯзе ҷуфт меронд, ки нӯги сипор ба чизе бархӯрд. Кофта дид, ки як кӯза. Даруни кӯза пур аз тангаҳои зар! Марди деҳқон хурсанд шуда,

кӯзаро ба халта андохта пинҳон кард. Пинҳон карду сар бардошта дар раҳе, ки аз назди саҳро мегузашт, савореро диду ба дилаш алав афтод...

*(Аз «Афсонаҳои халқи тоҷик»)*

**Машқи 32.** Мазмуни зарбулмасалҳоро маънидод кунед.

1. Аз марворид донаи гандум қиматтар аст.
2. Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан.

**Машқи 33.** Бо гузоштани аломатҳои китобии *нуқта* (.), *савол* (?), *хитоб* (!) ҷумлаҳои дилхоҳ тартиб диҳед.

## ДАРСИ 9. МАТН ВА НУТҚ

**Машқи 34.** Матни нотамомро бо навиштани фикр давом диҳед.

Модар! Бе ту ҳеҷ баҳоре зебо ва ҳеҷ тирамоҳе пурфайз нахоҳад буд. Файзи зиндагонии мо аз туст. Ту ситораи дурахшоне ҳастӣ, ки роҳи фарзандатро равшан месозӣ ...

**Машқи 35.** Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни он саволҳо тартиб диҳед.

### ҲАСАНАК

Ҳасанак ба кӯҳ рафта, ҳезум ҷамъ кард. Баъд ба шаҳр оварду фурӯхт. Боз ба кӯҳ рафту ҳезум ҷамъ карду оварда фурӯхт. Бори сеюм Ҳасанак ҳезум оварда фурӯхт ва пулашро шуморида дид, ки акнун ӯ метавонад гӯшту биринҷу сабзӣ харад. Рафт ба бозору ҳар чизе, ки барои палав лозим

буд харид. Баъд Ҳасанак ба як ҳавлии холӣ даромаду дар тараддуди пухтупази палав шуд.

(*Аз «Афсонаҳои халқи тоҷик»*)

**Машқи 36.** Аз рӯйи амалу ҳаракатҳояшон матни диалогӣ тартиб диҳед.



**Машқи 37.** Бо интихоби ҷумлаҳои *хабарӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ* дар мавзӯи «Китобхонаи мактаби мо» матн тартиб диҳед.

## ДАРСИ 10. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 38–40

**Машқи 38.** Бо назардошти сарлавҳа ва расм ҷумлаҳои соддаи мазмунан бо ҳам алоқаманд тартиб диҳед.

### ӮЗБЕКИСТОНИ – ВАТАНИ МУҚАДДАС



**Машқи 39.** Бо гузоштани саволҳо сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Дар кишвари мо пахтаҳои навъашон олӣ ва маҳиннах рӯёнида мешаванд. 2. Мавсими шукуфтани гулҳои тирамоҳӣ сар шуд. 3. Дар фасли тирамоҳ ҳарорати ҳаво нисбат ба фасли тобистон пасттар мешавад.

**Намуна:** Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам.
**чӣ дорад?** – ҷӯш дорад (сараъзо)
**чӣ?** – дилам (сараъзо)
**зи чӣ?** – зи ишқи Ватан (аъзои пайрав)

**Машқи 40.** Ҷумлаҳои чидааъзои аз сараъзо ва аъзои пайрави чида таркибёфта нависед.

# ҲИССАҲОИ НУТҚ

## ИСМ

## ДАРСИ 11. ИСМ

Он ҳиссаи нутқе, ки номи предметҳоро ифода карда ба саволҳои **кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?** ҷавоб мешавад, **исм** ном дорад.

**Машқи 41.** Аз силсилаи мисолҳо исмҳоро муайян намоед.

Мо, шумо, инсон, борон, панҷ, барф, нуқрарез, форам, хунук, ҳаво, меравад, мепарад, имрӯз, дирӯз.

**Машқи 42.** Исмҳои ҳар ду сутунчаҳоро аз назар гузаронед ва маъношро шарҳ диҳед.

**Бозии грамматикӣ**

Дониш –
Маърифат –
Адолат –

Ҷумъа –
Бозор –
Деҳқон –
Раҳмат –

дониш –
маърифат –
адолат –

ҷумъа –
бозор –
деҳқон –
раҳмат –

**ШАРҲИ МАЪНОИ ИСМҲОИ ХОСУ ҶИНС**

**Машқи 43.** Хонед, исмҳои таркиби шеърро номбар кунед.

## ДӮКОНИ РАНГРЕЗӢ

Дар боғу роғ ид аст:
Фасли хазон расидаст!
Ангуру ноку хурмо
Пухтаст ҳамчу ҳалво.
Барги чанорро бин,

Шохи анорро бин:
Ранги дигар гирифтаст,
Гӯё ки даргирифтаст!
Ниливу сурху зард аст,
Инро кӣ ранг кардаст?!

*Салоҳиддини Садриддин*

**Машқи 44.** Ба исмҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

Варзиш, майдон, варзишгарон, Садафмоҳ, Гулрухсор, шаҳрвандон, шиноснома, гузаргоҳ, ҳунармандон, чархофалак, хиёбон, ҳайвонот.



**Машқи 45.** Ба ҳар як саволи исм панҷтоӣ мисолҳои ҷавобшаванда нависед.

## ДАРСИ 12. ИСМҲОИ ХОС

**Исмҳои хос** номи одамон, шаҳру деҳот, кишварҳо, дарёҳо, ҳайвонот ва дигар предметҳоро ифода мекунанд.

**Машқи 46.** Исмҳои хосро муайян кунед ва номҳои ифодакардаашонро гӯед.

1. Сойи хурд, Сойи калон, Симбулоқ, Эҷ, Соб, Синтаб номи деҳаҳои ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ, Моҷарм, Андагин, Ӯхм, Порашт номи деҳаҳои ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах мебошанд, ки дар онҳо тоҷикон зиндагӣ мекунанд. 2. Мурғобак яке аз чашмаҳои обаш зулоли деҳаи Эҷи ноҳияи Нурато мебошад. 3. Дар байни мардуми Эҷ Фӯчак ном дара маъмул аст. 4. Гули Боғ чашмаи мавсимии диёри Нурато ба шумор меравад.

Саволи **кӣ? киҳо?** ба исмҳое гузошта мешаванд, ки одамонро ифода мекунанд: муаллим, Назира, ошпазҳо... Ба исмҳои дигар саволи **чӣ? чиҳо?** гузошта мешавад: замин, нур, оҳувон...



**Машқи 47.** Бо назардошти сарҳарф номи шаҳрҳои кишварамон – Ӯзбекистонро дар шакли пурра нависед.

| | | |
|---|---|---|
| Х– | Н– | Ч– |
| Т– | А– | С– |
| Б– | С– | С– |
| Ф– | Н– | Қ– |

**Машқи 48.** Шинос шавед ва ба дафтар рӯбардор кунед.

| | | |
|---|---|---|
| Бекобод | | Тошканд |
| Бука | | Чиноз |
| Бӯстонлиқ | **НОМИ НОҲИЯҲОИ ВИЛОЯТИ ТОШКАНД** | Юқори Чирчиқ |
| Зангиота | | Янгийӯл |
| Оққӯрғон | | Ӯрта Чирчиқ |
| Оҳангарон | | Қибрай |
| Паркент | | Қуйи Чирчиқ |
| Пискент | | |

**Машқи 49.** Аз китоби *«Имлои забони тоҷикӣ»* имлои исмҳои хосро ба дафтар рӯбардор кунед.

## ДАРСИ 13. ИМЛОИ ИСМҲОИ ХОС

Исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд.

**Номи кишвар:** Ӯзбекистон, Бухоро, Хева ...
**Номи одамон:** Фаридун, Ҳушанг, Анӯшервон ...
**Номи деҳа:** Чорбоғ, Ҳушёр, Ғелон, Вардонзе ...
**Номи хоси ҳайвонот:** Мошон, Хайбар, Рахш ...
**Номи рӯзнома ва маҷаллаҳо:** «Чашма», «Ховар», «Булбулча», «Маърифат» ...

**Машқи 50.** Аз рӯйи расм исмҳои хос тартиб диҳед ва ба дафтар нависед.






*Намуна:* Азизова Анора муаллимаи мо аст.

**Машқи 51.** Ноҳияҳои шаҳри Тошкандро номбар кунед, саҳифаи китобро пӯшонед ва аз лавҳи хотир ба дафтар нависед.

| | | |
|---|---|---|
| Акмал Икромов | НОҲИЯҲОИ ШАҲРИ ТОШКАНД | Чилонзор |
| Бектимир | | Шайхонтоҳур |
| Мирзо Улуғбек | | Юнусобод |
| Миробод | | Яккасарой |
| Сергелӣ | | Ҳамза |
| Собир Раҳимов | | |

**Машқи 52.** Тезгӯякро бо як нафасгирӣ такрор кунед ва исмҳои хосашро муайян намоед.

Муродчӯра, хӯр мурут
Мурутҳои Мағмӯрут.

**Машқи 53.** Хонед ва исмҳои хосро муайян кунед.

Аҳмаду Йӯлдошу Ҳасан, Фотима
Дода ба дарси худашон хотима.

*Садриддин Айнӣ*

Дигарон аз Чорбеду Ҳафтбед,
Мо зи Даҳбеди Самарқанд омадем.

*Ҷаъфар Муҳаммад*

**Машқи 54.** Сабаби бо ҳарфи калон навишта шудани номи сабзавоту растаниҳоро фаҳмонед.

Дар деҳаи Боғи Тилло дар полизи Фарзон ном деҳқоне байни ҷӯякҳо қатори Сабзию Боимҷон, Бодирингу Қаламфур, як дона ниҳолаки Офтобпараст рӯйид. Ниҳолак, ки аз донаи аз ким-куҷо овардаи Шамолак руста буд, рӯз аз рӯз озодона сӯйи боло қад мекашид.

... Дар назди Офтобпарасти баланду боло ниҳоли Боимҷон меруст. Вале ӯ баръакси Офтобпараст бадаъмолу туршрӯй буд, ҳама чизи атроф Сабзию Каду, Бодирингу Шалғам ҳатто Қаламфури сурхро бад медид. Хусусан, вай чашми дидани Офтобпарастро надошт...

*Маҳбуба Неъматзода*

**Машқи 55.** Ба китобхонаи мактаб рафта, номи якчанд рӯзномаву маҷаллаҳои хурдсолонро ба дафтар нависед.

## ДАРСИ 14. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 56–59

**Машқи 56.** Сабаби дар матн бо ҳарфҳои калон навишта шудани номи гулҳоро фаҳмонед.

### САВСАНГУЛ

Замоне Боғи биҳишти Самарқанд гулистоне буд рангин ва бемислу монанд. Дар ин чаҳорбоғи саб-

зу хуррам Савсангул, Садбарг, Лола, Настаран, Ёсуман, Наргис, Ҳафтранг, Ошиқи печон, Райҳон, Хайрӣ, Бобуна ва боз чандин гулҳои дигар нашъунамо доштанд. Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, он замонҳо Савсан зеботарин гули Боғи биҳишт ба шумор мерафт. Вай чунон рӯйи хушу бӯйи дилкаш дошт, ки аз диданаш чашм, аз шамиданаш дил сер намешуд. Ҳар кас ки вориди боғ мегашт, аввал назди Савсангул мерафт, қаду қомати зебо, рӯйи шукуфон ва хандаи беғубори ӯро тамошо мекарду бӯйи биҳиштии ӯро мешамиду мешамид. Вале Савсан бо ин ҳама хубиҳои дунё забони бадгӯю хабаркаш дошт. Байни гулҳо иғво меангехт.

*Маҳбуба Неъматзода*

**Машқи 57.** Аз рӯйи расм касбу амали одамон ва номи предметҳоро нависед. Баъд аз он ба одамон ном интихоб кунед.



### Шарҳи луғат:

**Боғи биҳишт** – боғи зебоманзар
**Нашъунамо** – сабзиш, нумӯъ
**Шамидан** – бӯйидан, бӯй кашидан
**Ворид шудан** – дохил шудан
**Иғво** – низоъ, ҷангу ҷидол

**Машқи 58.** Бо интихоби исмҳои хос панҷто ҷумлаи чидааъзо тартиб диҳед.

*Намуна:* Фарзандонаш Мавҷуда, Олимҷон, Гулнора, Фирдавсҷон ва Фаррухҷонро дар рӯҳияи меҳнатдӯстию илмомӯзӣ тарбия намудааст.

**Машқи 59.** Бо навиштани матни табрикотӣ омӯзгорону мураббиёнро бо иди фархунада табрик кунед.

## 1 ОКТЯБР – РӮЗИ ИДИ ОМӮЗГОРОН ВА МУРАББИЁН

1 октябр Рӯзи иди омӯзгорону мураббиён ба шумор меравад. Дар ин рӯз донишомӯзон омӯзгоронро бо суханҳои дилнишину пурмазмун ва гулдастаҳо табрик мекунанд. Ранҷу заҳматашонро қадр намуда, дар ҳаққи онҳо шеърҳо мехонанд. Омӯзгорон аз ин гуна амали шогирдон хурсанд гардида, ба онҳо ташаккур мегӯянд.

## ДАРСИ 15. ИСМҲОИ ТАНҲО ВА ҶАМЪ

Исмҳо **танҳо** ва **ҷамъ** мешаванд. Исмҳо дар шакли танҳо якто будани предмет ва дар шакли ҷамъ миқдори зиёди предметҳои ҳамҷинсро мефаҳмонанд.

**Даст** (исми танҳо) – **дастҳо, дастон** (исми ҷамъ).
**Чашм** (исми танҳо) – **чашмҳо, чашмон** (исми ҷамъ).
**Абрӯ** (исми танҳо) – **абрӯҳо, абрӯвон** (исми ҷамъ).

**Машқи 60.** Аз таркиби матн исмҳои ҷамъро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

## ҲАВЛӢ – БОҒИ ҲАЙВОНОТ

Дар як тарафи ҳавлӣ катакҳои қатор буд, ки дар даруни онҳо харгӯшу харгӯшчаҳои зебо зиндагӣ мекарданд. Дар поёни онҳо мурғҳои ҳаррангаи хушрӯй ҷой гирифта буданд. Дар болохона кабӯтари бисёр, ки ҳар замон мепариданду менишастанд. Дар дигар тараф оғили калони пешкушодае буд, ки гӯсфанду баррачаҳо, бузу бузғолаҳо мехобиданд. Дар таги чормағз хонаи саг – Алопар ҷой гирифта буд. Дар хонаи гарм гурбачаи онҳо Мошон зиндагӣ мекард. Дар таги долон як қафаси кабк овезон. Хулоса, ҳавлии furthermore бобоҷонам гӯё боғи ҳайвонот буд.

*Файзулло Шарифов*

**Машқи 61.** Аз исмҳои танҳо бо ҳамроҳ намудани пасвандҳои **-он, -гон, -вон, -ён** исмҳои ҷамъ созед.

| | |
|---|---|
| Оҳу – ..., | Давлатманд – ..., |
| Ангушт – ..., | Донишҷӯ – ..., |
| Дуредгар – ..., | Хонанда – .... |

Исмҳои танҳову ҷамъ аз ҳамдигар фарқ доранд. Исмҳои ҷамъ миқдори бисёр, исмҳои танҳо якто будани предметро мефаҳмонанд.

**Машқи 62.** Исмҳои порчаи шеърро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Баҳори гулфишон дорад Самарқанд,
Зи ҷаннат як нишон дорад Самарқанд.
Зиёрат гар намоӣ хоки покаш,
Ҳамеша дар амон дорад Самарқанд.

*Асадуллоҳ Шукуров*

**? Саволҳо:**

1. Чӣ гуна исмҳоро исмҳои танҳо меноманд?
2. Исмҳои ҷамъ аз исмҳои танҳо чӣ фарқ доранд?
3. Кадом пасвандҳо исмҳои ҷамъ месозанд?

**Машқи 63.** Исмҳои ҷамъро ба исмҳои танҳо табдил диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| Шоирон – | Навозандагон – | Сурудҳо – |
| Гесувон – | Шунавандагон – | Ҳашарчиён – |

## ДАРСИ 16. ПАСВАНДҲОИ ҶАМЪСОЗИ ИСМ

Пасвандҳои **-ҳо, -он, -ён, -гон** исмҳои ҷамъ месозанд

1. Шоҳпараку чирчиракҳо, малаху гамбӯсакҳо ва дигар ҷонварони доно аз Карнайгул худро дур мегирифтанд.

2. Дорую давои духтурон як ду соат таъсир мекарду баъд дардаш аз нав авҷ мегирифт.

**Машқи 64.** Исм ва пасвандҳои *-ҳо, -он, -ён, -гон* -ро интихоб карда, калимаҳое нависед, ки касбу ҳунарро ифода мекунанд.

> Пасвандҳои исмсоз пас аз калима меоянд ва бо онҳо якҷоя навишта мешаванд.

**Машқи 65.** Исмҳои пасванди ҷамъсоз қабул намударо муайян кунед.

1. Ҳаво соф буд, ситорагон бо дурахшандагии худ ба ҷаҳон равшанӣ мепошиданд. 2. Деҳқонон заминро шудгор карданд. 3. Гӯсфандон, бузҳо, барраҳо ва бузғолагон ба ҷойи худ даромада осуда хобида буданд. 4. Чарогоҳҳояшон ҳам бо рамаҳо ва галаҳо пур буд.

**Машқи 66.** Аз рӯйи расм пасвандҳои ҷамъсози исмро номбар кунед. Фарқи исмҳои танҳову ҷамъро гӯед. Бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.



*Намуна:* Дарахтон меваҳои бисёр андохтанд.

**Машқи 67.** Бо интихоби пасвандҳои *-ҳо, -он, -ён, -гон* аз исмҳои танҳо исмҳои ҷамъ тартиб диҳед. Онҳоро ба дафтаратон нависед.

## ДАРСИ 17. ПАСВАНДИ ҶАМЪСОЗИ *-ҲО*

Пасванди **-ҳо** яке аз пасвандҳои ҷамъсози исм аст. Ин пасванд ба исмҳои ҷондору беҷон илова гардида, миқдори бисёрии предметҳоро ифода мекунад.

Пасванди **-ҳо** нисбат ба дигар пасвандҳои ҷамъсози исм серистеъмол буда, ба воситаи он ҳама гуна исмҳо ҷамъ баста мешаванд.

**Машқи 68.** Аз силсилаи мисолҳо исмҳои ҷондори дар шакли ҷамъ воқеъгардидаро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Нонҳо, нонвойҳо, боғҳо, боғбонҳо, сурудҳо, ҳофизҳо, расмҳо, наққошҳо, хонандагон, нависандагон, бофандагон, барраҳо, бузғолаҳо, ситорагон.

**Машқи 69.** Аз шакли ҷамъи шикаста шакли ҷамъи хоси забони тоҷикиро пайдо кунед.

| АЗ ҶАМЪИ ШИКАСТА ҶАМЪИ СОЛИМ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| асрор | ашхос | атроф | афкор | афлок | амвоҷ |
| | | | | | |

**Исмҳои ҷамъ барои истифода:** шахсҳо, сирҳо, фикрҳо, тарафҳо, мавҷҳо, фалакҳо.

**Машқи 70.** Шеърро хонед ва аз таркиби он исмҳои ҷамъро муайян кунед. Гӯед, ки пасванди *-ҳо* бо гузоштани кадом аломат баъд аз калимаҳои ихтисора навишта шудааст?

## ИМРӮЗ

Дунё шудаст пур зи нависонависҳо –
Пайғомҳо, E-mailҳову SMS-ҳо.
Ҳар ҷо ки меравӣ, хабаре аз муҳаббат аст:
Ҳамрозҳо, ҳабибҳо ё анисҳо.
Як шаҳр бо паём музайян, зи чор сӯ,
Ucell-ҳо, Beeline-ҳову MTC-ҳо.
Аз шаш ҷиҳат ба чашму дилу гӯш мерасад,
Тасвирҳо, килипҳову MMS-ҳо.

*Ҷаъфари Муҳаммад*

### Шарҳи луғат:

**Пайғом** – хабар
**Ҳамроз** – ҳамфикр
**Ҳабиб** – маҳбуб
**Анис** – ҳамдам, рафиқ
**Паём** – мужда
**Музайян** – зебу зинат додашуда
**Килип** – сабти садо

**Машқи 71.** Исмҳои ҷамъро муайян кунед.

Дар моҳи рамазон шабона ҳамаи дӯконҳо, саройҳо, тиҷоратхонаҳо ва инчунин самоворхонаҳо, ошхонаҳо ва сартарошхонаҳо то ними шаб кушодагӣ буданд.

* * *

Падару модар кӯҳи баланд, такягоҳ ва соябони сари фарзандҳоянд. Ҳар касе бомдод хезаду падару модараш аз ӯ шодмон бошанд, ба рӯйи ӯ дари кушоиши корҳояш боз мегардад.

**Машқи 72.** Бо илова намудани пасванди *-ҳо* дахто исмҳои ҷондору беҷон нависед.

*Намуна:* Ғозҳо, сайёдҳо, мусичаҳо (исмҳои ҷондор) ...

Дарахтҳо, меваҳо, баргҳо (исмҳои беҷон) ...

## ДАРСИ 18. ПАСВАНДИ ҶАМЪСОЗИ *-ОН*

Пасванди **-он** яке аз пасвандҳои ҷамъсози исм буда, мисли пасванди **-ҳо** исми ҷамъ месозад. Пасванди **-он** бештар бо исмҳои ҷондор истифода мешавад. Исм агар бо ҳамсадо тамом шавад, пасванди **-он** барои ифодаи ҷамъ ба он илова мегардад.

**Машқи 73.** Бо илова намудани пасванди *-он* аз исмҳои танҳо исмҳои ҷамъ созед.

Аттор, мисгар, дӯкондор, савдогар, давлатманд.

**Машқи 74.** Бо исмҳои ифодакунандаи аъзоҳои ҷуфти бадани инсон ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Дастон, лабҳо, чашмон, гӯшҳо, зулфон.

**Машқи 75.** Реша ва пасвандҳои калимаҳоро номбар кунед.

Кӯҳсорон, чашмасорон, ҷӯйборон, сабзазорон, лолазорон.

**Машқи 76.** Бо исмҳои ифодакунандаи номи растаниву наботот ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Дарахтон, баргҳо, шохҳо, ниҳолон, нилуфарҳо.

## ДАРСИ 19. ПАСВАНДИ ҶАМЪСОЗИ *-ГОН*

Пасванди **-гон** яке аз пасвандҳои ҷамъсози исм буда, мисли пасвандҳои **-ҳо, -он** исми ҷамъ месозад. Исмҳое, ки бо садоноки ***а*** тамом шудаанд, пасванди ҷамъбандии **-гон** қабул менамоянд.

**Машқи 77.** Бо интихоби сарлавҳа ва пасванди *-гон* матн тартиб диҳед.

**Машқи 78.** Аз таркиби ҷумла исмҳои ҷамъ ва пасвандҳои ҷамъсозро муайян намоед.

1. Бадхоҳи касон ҳеҷ ба мақсад нарасад. 2. Ҳаво соф буд, ситорагон бо дурахшандагии худ ба ҷаҳон равшанӣ медоданд. 3. Ҳама касоне, ки дар кӯча ба ӯ дучор меоянд, ба андозаи синну солашон фарзандон, наберагон ва аберагони ӯ мебошанд. 4. Дӯстон оинаи якдигаранд.

**Машқи 79.** Аз рӯйи расм бо интихоби пасванди *-гон* якчанд исми ҷамъ нависед.



## ДАРСИ 20. ПЕШВАНДИ ИСМСОЗИ *ҲАМ-*

Пешванди **ҳам-** бо исмҳо омада ҳамроҳӣ, алоқаи тарафайни шахсҳо ва предметҳоро мефаҳмонад: ҳамроҳ, ҳамсоя, ҳамхона ...

Пешванди **ҳам-** пеш аз калима омада, бо калимаҳои пас аз худ якҷоя навишта мешавад.

**Машқи 80.** Аз таркиби ҷумла калимаҳои аз исму пешванди исмсоз таркибёфтаро муайян намоед.

1. Мо бо шоири барнодил ҳамсӯҳбат шудем. 2. Ҳамсинфонамон ғолиби мусобиқа гардиданд. 3. Ӯ рози дилашро ба ҳамнишинаш изҳор намуд. 4. Ҳамсояи мо инсони меҳрубон ва ғамхор аст. 5. Яке аз ҳаммуаллифон дар бораи китоби чопгардида маълумот дод. 6. Бачаҳои ҳамсинну сол дар як ҷо ҷамъ омаданд. 7. Мо ҳамгапу ҳамрозем.

**Машқи 81.** Сутуни дуюми катакчаҳои холии ҷадвалро мисли сутунчаи якум бо навиштани исмҳо пур кунед.

### ПЕШВАНДИ ИСМСОЗИ *ҲАМ-*

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| ҳамсоя | ҳам-сӯҳбат | ҳам-хона | ҳам-забон | ҳам-шаҳр | ҳам-нишин |
| | | | | | |

**Машқи 82.** Бо интихоби пешванди *ҳам-* даҳто исми дилхоҳ нависед.

## ДАРСИ 21. ИСМҲОИ СОХТА

Исмҳои аз калимаи мустақил ва пасванду пешванд таркибёфта, исмҳои **сохта** ном дорад.

Пасвандҳои **-ҳо, -он, -ён, -гон, -чӣ, -гар, -истон, -сор** ва ғайра, пешванди **ҳам-** воситаҳои калимасози исмҳои сохта ба шумор меранванд.

Таркиби морфологии исмҳои сохта гуногун мешаванд. Онҳо аз морфемаҳои зерин иборатанд:

а) реша ва пасванд: кор + гар, дӯст + ӣ, гул + зор.

б) реша ва пешванд: ҳам + фикр, ҳам + нишин.

в) пешванд, реша ва пасванд: ҳам + соя + гӣ, ҳам + роҳ + ӣ.

**Машқи 83.** Исмҳои сохта нависед, ки онҳо аз реша ва пасвандҳои *-ҳо, -он, -ён, -гон* таркиб ёфта бошанд.

**Машқи 84.** Аз рӯйи қолаби зерин панҷтогӣ исмҳои сохта тартиб диҳед.

1. Реша ва пасванд: ...
2. Реша ва пешванд: ...
3. Пешванд, реша ва пасванд: ...

**Машқи 85.** Шеърро хонед, аз таркиби он исмҳои сохтаву мураккабро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

## ШАМОЛАКИ ТИРАМОҲ

Ба ҳавлирӯбӣ ояд,
Ба донакӯбӣ ояд,
Ба рақсу бозӣ ояд,
Ба тоз-тозӣ ояд.
Ба мевачинӣ ояд,
Аҳволбинӣ ояд –
Шамолаки тирамоҳ,
Шамолаки тирамоҳ.

Бо Ҳадя ҳавлӣ рӯбад,
Бо Шодӣ дона кӯбад,
Бо рақси гул бибозад,
Бо оби ҷӯ битозад.
Бо хола мева чинад,
Бекору хап нашинад.
Шамолаки тирамоҳ,
Шамолаки тирамоҳ.

*Латофат Кенҷаева*

**Машқи 86.** Дахто исми сохта нависед.

## ДАРСИ 22. ИМЛОИ ИСМҲОИ СОХТА

Воситаҳои калимасози исм – пешванди **ҳам-**, пасвандҳои **-ҳо, -он, -ён, -гон, -чӣ, -гар, -истон, -сор** бо исмҳои содда якҷоя навишта мешаванд. Дар ин ҳолат исмҳои содда ба исмҳои сохта табдил меёбанд.

**Машқи 87.** Ба исмҳои содда бо иловаи пасвандҳо исмҳои сохта тартиб диҳед.

Барг, растанӣ, карам, хор, кӯҳ.

**Машқи 88.** Катачакҳои холии ҷадвалро бо навиштани исмҳои сохта пур кунед.

| Реша ва пасванд | Реша ва пешванд | Пешванд, реша ва пасванд |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

**Машқи 89.** Мазмуни мақолҳоро маънидод кунед ва исмҳои соддаро ба исмҳои сохта баргардонед.

Ҳунар – кони зар.

* * *

Ранҷи мо – ганҷи мо.

**Машқи 90.** Аз саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои дар дастатон буда исмҳои сохта интихоб кунед.

## ДАРСИ 23. ПАСВАНДҲОИ ИСМСОЗ

> **-чӣ, -гар, -зор, -истон, -сор** пасвандҳои исмсозанд. Ин пасвандҳо аз рӯйи вазифа аз пасвандҳои ҷамъсози исм фарқ мекунанд.

**Машқи 91.** Реша ва пасвандҳои калимаҳоро муайян кунед.

Иқтисодиёт, варзишгар, рақибон, майдонча, шӯразор, чароғистон.

**Машқи 92.** Бо илова намудани пасвандҳои **-чӣ, -гар, -зор, -истон, -сор** исмҳои сохта тартиб диҳед.

Сурнай, карнай, зар, оҳан, мис, бодом, нок, алаф, гул, себ, кӯҳ, чашма.

**Машқи 93.** Аз таркиби ҷумла исмҳои пасванд қабул кардаро муайян кунед.

1. Аксари бозорчиён шоҳивориро аз вай мехаранд. 2. Дар он тараф аз дур дарахтзоре намудор буд. 3. Бобоям ба ман яке аз ҳикоятҳоро аз «Гулистон»-и Саъдӣ нақл кард. 4. Саводнокии бародарамро дида, эҳтироми ман нисбат ба вай зиёдтар мешуд.

**Машқи 94.** Бо интихоби пасвандҳои *-чӣ*, *-гар*, *-зор*, *-истон*, *-сор* исмҳои дилхоҳ нависед.

## ДАРСИ 24. ПАСВАНДИ -ЧӢ

Пасванди **-чӣ** аз исмҳо исмҳое месозад, ки онҳо шахсро аз рӯйи касбу ҳунар ифода менамоянд.

**Машқи 95.** Бо исмҳои ифодакунандаи касбу ҳунар ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Карнайчӣ, рубобчӣ, тракторчӣ, сурнайчӣ, шикорчӣ.

**Машқи 96.** Аз силсилаи мисолҳо исмҳои ифодакунандаи ихтисос ва касбу пешаро муайян кунед.

Навбатчӣ, иқтисодчӣ, тӯҳматчӣ, дуруғчӣ, адабиётчӣ, ҳашарчӣ, назариётчӣ, саёҳатчӣ.

**Машқи 97.** Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.

### 21 ОКТЯБР – РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Забони ӯзбекӣ забони давлатии Ватанамон – Ӯзбекистон мебошад. 21 октябри соли 1989 Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» қабул карда шуд.

Ҳар сол дар шаҳру деҳоти кишварамон 21 октябр чун Рӯзи иди забони давлатӣ тантанавор ҷашн гирифта мешавад. Дар иди забони давлатӣ шоиру нависандагон, ҳофизону наққошон, омӯзгорону донишомӯзон ва дигарон иштирок менамоянд.

Алифбои забони давлатӣ лотинӣ мебошад. Он аз 29 ҳарфу 30 овоз таркиб ёфтааст. Фанни «Забони ӯзбекӣ», «Луғати тафсирии забони ӯзбекӣ», «Имлои забони ӯзбекӣ», «Энсиклопедияи миллии

Ӯзбекистон», осори шоирону нависандагон барои омӯзиши забони давлатӣ аз наздик ёрӣ мерасонад. Хонед, то ки забони давлатиро ба дараҷаи аъло бидонед!

**Машқи 98.** Бо корбасти пасванди *-чӣ* даҳто калима нависед.

## <u>ДАРСИ 25.</u> ПАСВАНДИ *-ГАР*

> Пасванди **-гар** аз исм исми дигар месозад. Он мисли пасванди **-чӣ** шахсро аз рӯйи касбу ҳунар ифода мекунад.

**Машқи 99.** Бо илова намудани пасванди *-гар* исмҳои ифодакунандаи касбу ҳунар созед. Фарқияти маънову сохташонро номбар кунед.

| | | |
|---|---|---|
| Оҳан – ..., | мис – ..., | ҳалво – ... . |
| Наъл – ..., | сӯзан – ..., | шиша – ... . |
| Кулол – ..., | челон – ..., | чарм – ... . |

*Намуна:* кор – коргар.

**Машқи 100.** Бо корбасти пасванди *-гар* панҷ исми дилхоҳ нависед. Аз онҳо истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Намуна:* маслиҳат + гар = маслиҳатгар.

Бобои куҳансолам сарвар ва маслиҳатгари оилаи мо мебошад.

**Машқи 101.** Маънои калимаҳоро аз *«Фарҳанги забони тоҷикӣ»* ҷустуҷӯ намуда, шарҳ диҳед ва ба дафтар нависед.

Тарбиятгар, даъвогар, барзгар, рехтагар.

## ДАРСИ 26. ПАСВАНДИ *-ЗОР*

Пасванди **-зор** бо исм якҷоя омада, макону фаровониро мефаҳмонад.

**Машқи 102.** Бо интихоб ва корбасти пасванди *-зор* исмҳое нависед, ки онҳо макону фаровонии предметҳоро ифода кунанд.

**Машқи 103.** Аз рӯйи расм бо иловаи пасвандҳо исмҳои пасванддор нависед.

-зор

-гун

-истон



-гар

-чӣ

-бон

**Машқи 104.** Бо интихоби пасванди *-зор* даҳ исми ифодакунандаи макон нависед.

*Намуна:* гандум – гандумзор.

## ДАРСИ 27. ПАСВАНДИ *-ИСТОН*

Пасванди **-истон** бо исмҳои халқу миллат якҷоя омада, номҳои ҷуғрофӣ месозанд.

Мисол: Ӯзбекистон, Гурҷистон.

Ба ғайр аз ин пасванди **-истон** инчунин бо предметҳои дигар низ истифода мешавад.

Дар ин маврид он пасванд макону фаровонии предмети асосашро далолат мекунад. Монанди **кӯҳистон**. Агар пасванди **-истон** бо исмҳои ифодакунандаи набототу растаниҳо ва калимаҳои **регу санг** ояд, бо пасванди **-зор** ҳамвазифа мешавад.

**Машқи 105.** Ба ҷойи нуқтаҳо исмҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед.

1. Деҳаҳои Кӯл, Ғелон, Ҳисорак дар ... ноҳияи Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарё ҷойгир мебошанд. 2. ... бо ... ҳамсарҳад мебошад. 3. Санъаткорони шӯҳратманд бо намоишҳои мусиқӣ дар қасри ... баромад мекунанд.

**Калимаҳо барои истифода:** Ӯзбекистон, кӯҳистон, Туркистон, Қазоқистон.

**Машқи 106.** Катакчаҳои холиро бо навиштани исми ифодакунандаи маъноҳои гуногун пур кунед.



**Машқи 107.** Бо илова намудани пасванди *-истон* ба исмҳои ифодакунандаи номи халқу миллатҳо номи кишварҳоро пайдо кунед.

| НОМИ КИШВАР СОЗЕД: | | |
|---|---|---|
| **Номи халқу миллатҳо** | **Пасванд** | **Номи кишварҳо** |
| ӯзбек | | |
| тоҷик | | |
| қазоқ | *-истон* | |
| қирғиз | | |
| тотор | | |
| туркман | | |
| бошқирд | | |

**Машқи 108.** Бо интихоби пасванди *-истон* исмҳоеро нависед, ки макону фаровонии растаниҳоро ифода кунанд.

*Намуна:* гул + истон = гулистон.

**Машқи 109.** Бо интихоби исмҳои ифодакунандаи номҳои кишвари дар таркиб пасвандаки *-истон* дошта, панҷто ҷумла тартиб диҳед.

*Намуна:* Муҳаббат ва ифтихори ман туӣ, Ӯзбекистони азиз!

## ДАРСИ 28. ПАСВАНДИ *-СОР*

Пасванди **-сор** мисли пасванди **-зор** бо исм омада, макону фаровониро мефаҳмонад. Он яке аз пасвандҳои камистеъмоли исм аст.

**Машқи 110.** Аз силсилаи мисолҳо исмҳои пасванди *-сор* қабул намударо муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Кӯҳсор, гуфтор, чашмасор, харидор, шохсор, парастор, Гулрухсор.

**Машқи 111.** Исмҳои ҳаммаъноро муайян кунед ва аз ҷиҳати маъно фарқияташонро гӯед.

1. Ситора духтараки баодоб аст. 2. Ситораҳои дурахшон шаби торикро мисли рӯз равшан менамуданд. 3. Раҳмат фарзанди нахустини падару модар аст. 4. Барои кори шоиста ҳама ба ӯ раҳмат гуфтанд. 5. Садбарг овози форам ва дилнишин дорад. 6. Мо ба саҳни мактаб кӯчати гули садбаргро шинонидем.

**Машқи 112.** Бо интихоби пасванди *-сор* исмҳои дилхоҳ тартиб диҳед.

*Намуна:* Дар кӯҳсор борони сел борид.

## ДАРСИ 29. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 113–116

**Машқи 113.** Исм ва пасвандҳои ҷамъсозро муайян кунед.

1. Китоб ганҷи бебаҳо, хазинаи шеъру суханҳои оқилона, макони илму дониш ва рафиқу барода-

ри мост. 2. Дар тарафи шимолии роҳ айвони дарозе буд, ки дар вай дар айёми сайр баззозон, ҳалвогарон, атторон ва дигар дӯкондорон ҷой мегирифтанд.

**Машқи 114.** Шеърро хонед, исмҳои хоси таркиби онро номбар кунед.

## ШАҲРИ ОФТОБ

Ҷоч хонам, Шош хонам ҳам, туӣ,
Соч хонам, Тош хонам ҳам, туӣ.
Санъати наққош хонам ҳам, туӣ,
Нақши Кӯкалдош хонам ҳам, туӣ.

Шаҳри аз мозӣ нишонам, Тошканд,
Бостонӣ бӯстонам, Тошканд.
Сар ба сӯйи осмонам, Тошканд,
Шаҳри обу шаҳри нонам, Тошканд!

Нақшбанду Яссавӣ шуд ёри ту,
Шайхи Хованди Таҳур дилдори ту,
Файз борад аз дару девори ту,
Бо дуои Хоҷаи Аҳрори ту!

*Ҷаъфари Муҳаммад*

**Машқи 115.** Бо интихоби пасвандҳои ҷамъсози исм мисолҳо нависед.

**Машқи 116.** Аз исмҳои танҳо исмҳои ҷамъ созед.



-ҳо ?



→ омӯзгор → *-он*

хонанда → *-гон* →

## ДАРСИ 30. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 117–119

**Машқи 117.** Матнро хонед, савол гузоред ва исмҳои хосро ба дафтар рӯбардор кунед.

### ОЛУФТАМАЙМУН

Номи ман Хубону номи додаракам Шодон аст. Аммо Баҳромамакам бо навозиш маро Гуласал, додаракамро Шакарсеб мегӯянд. Хуб дар ёд дорам, ки мо ҳанӯз хурд будем, амакҷонам бо мо дар як ҳавлӣ зиндагӣ мекарданд. Он кас ҳар шом баъди кор аз дари ҳавлӣ даромада, бо шодӣ фарёдзанон мегуфтанд:

Гуласали ман куҷост? Шакарсеби ман куҷост?

Баробари шунидани садояшон ману додаракам «амакҷонам омаданд», – гӯён болзанон сӯяшон давида худро бо шаст ба бағали гармашон мепартофтем. Амакҷонам аввал аз сару рӯйи мо

бӯсида, баъд даст ба кисабағалашон бурда, мегуфтанд:

– Барои ҷону ҷаҳони амак, ду гули хандони амак, медонед имрӯз чӣ овардам? Кулчақанди мавиздор! ...

*Маҳбуба Неъматзода*

**Машқи 118.** Бо номи хоси ҳайвонот ҷумлаҳо тартиб диҳед.



Рахш   Зирак   Мошон   Алоча

Саманд, Ҷайрон, Шабдиз → номи [ ]

Ҳушёр, Бӯгир, Хайбар → номи [ ]

**Машқи 119.** Исмҳои хосро муайян намоед ва саволҳо гузоред.

Дар як вохӯрӣ адибон Лоиқ, Гулрухсор, Ҳақназар, Саидҷон Ҳакимзода шеър хонданд.

Гулрухсор шӯхиомез гуфт:

– Саидҷон, мардум ба шеърхонии ман нисбат ба шумо бештар кафкӯбӣ карданд.

– Дар ин ҷо мардҳо бештар буданд, – ҷавоб дод Саидҷон Ҳакимзода.

## ДАРСИ 31. ТАҲЛИЛИ ХАТТӢ ВА ШИФОҲИИ ИСМ

Исм **хаттӣ** ва **шифоҳӣ** таҳлил карда мешавад. Инро **таҳлили грамматикии исм** меноманд.

**Тартиби таҳлили шифоҳӣ ва хаттии исм:**

1. Номбар кардани калимаи ҳамчун исм воқеъгардида.
2. Хотирнишин намудани исми хос ва имлои он.
3. Муайян намудани пасвандҳои ҷамъсоз ва исмсоз.
4. Пешванди исмсоз.
5. Исми сохта ва воситаҳои калимасози он.

**Мисол:** Тобистон ҷуссаи Кукучаҳо ду баробари Саъба гардид.

**Намунаи таҳлил:**

1. Калимаҳои тобистон, ҷусса, Кукучаҳо, Саъба исм аст. Ба саволи *чӣ? чиҳо?* ҷавоб мешавад.
2. Кукучаҳо, Саъба исми хос аст. Онҳо номи паррандагон буда, бо ҳарфи калон навишта шудаанд.
3. Исми хоси Кукуча пасванди ҷамъсози *-ҳо* қабул намудааст.
4. Пешванди исмсоз истеъмол нашудааст.
5. Калимаи Кукучаҳо исми сохта ва боқимонда исмҳои содда ба шумор меравнд.

**Мисолҳо барои таҳлил:**

1. Рӯзе Занбӯр ба дидани Шонасарак омад.

2. Додараки шашсолаам Исфандиёр мактабрав шуду хурсандии ман афзуд.

**Машқи 120.** Хондани мавзӯъҳои омӯхташудаи исм.

## ДАРСИ 32. ТАКРОРИ ИСМ

**Саволҳо:**

1. Чӣ гуна исмҳоро исми хос меноманд?
2. Имлои исмҳои хос гуфта чиро дар назар доред?
3. Исмҳои сохта аз исмҳои содда чӣ фарқ доранд?
4. Пасвандҳои ҷамъсози исм кадомҳоянд?
5. Фарқи пасвандҳои ҷамъсози исм аз дигар пасвандҳо дар чист?
6. Пешванди исмсоз кадом аст?

**ТЕСТ**

1. Кадом ҳиссаи нутқ ба саволҳои *кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?* ҷавоб мешавад?

а) исм б) сифат в) феъл

2. Дар кадом банд исми хос навишта шудааст?

а) рӯзнома б) Субҳи Гулобод

в) маҷалла

3. Қатори пасвандҳои ҷамъсози исмро муайян кунед.

а) *-ҳо, -он, -гон, -вон* б) *ҳам-*

в) *-чӣ, - гар, -зор, -истон, -сор*

4. Исми хос бо кадом ҳарф навишта мешавад?
а) бо ҳарфи калон б) бо ҳарфи хурд
в) дар байни ҳарфу овоз бо гузоштани дефис

5. Кадоме аз воситаҳои калимасози исм пеш аз калима омада, бо он якҷоя навишта мешавад?
а) *-зор* б) *-истон* в) *ҳам-*

## ФЕЪЛ

### ДАРСҲОИ 33–34. ФЕЪЛ

Ҳиссаи нутқе, ки амалу ҳолат ва вазъиятро ҳамчун амал ифода менамояд, **феъл** номида мешавад.

Феъл ба саволҳои **чӣ кор кард? чӣ кор мекунад? чӣ мешавад? чӣ шуд? чӣ кор карда истодааст?** ва ғайра ҷавоб мешавад.

**чӣ кор мекунад?**
Мехонад мисли булбул,
Бе нуқтаю бе вергул.

**чӣ кор мекард?**
Писта шикаста мехӯрд,
Танҳо нишаста мехӯрд.

чӣ кор кард? → омад, дид, гуфт, рафт

чӣ кор мекунад? → мебозад, мехонад, меҷаҳад, мерақсад

**Машқи 121.** Ба ҳар як саволи феъл панҷтогӣ мисол интихоб кунед.

чӣ кор кард? – ...
чӣ кор мекунад? – ...

чӣ мешавад? – ...
чӣ шуд? – ...
чӣ кор карда истодааст? – ...

**Машқи 122.** Бо интихоби сарлавҳа матн тартиб диҳед. Дар таркиби матн бештар феълҳоро кор фармоед.



**Машқи 123.** Феълҳои таркиби порчаҳои шеъриро муайян кунед ва мавриди истеъмолашонро гӯед.

Нишастам дар лаби дарёи кӯҳӣ,
Ба худ ман ёфтам маъвои кӯҳӣ.

Мешавад ояндаи онҳо аён,
Пеши чашми ман дунёи калон.

*Мирзо Турсунзода*

**Машқи 124.** Ҷумла тартиб диҳед ва феълҳои таркиби онро номбар кунед.

**Машқи 125.** Аз эҷодиёти шоирон доир ба феъл мисолҳо интихоб кунед.

*Намуна:* Мебарад ба ҳар хона,
Анори шириндона.

*Муҳаммад Ғойиб*

## ДАРСИ 35. ФЕЪЛҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ ҲАРАКАТУ ҲОЛАТ

**Машқи 126.** Феълҳои ифодакунандаи ҳаракату ҳолатро дар алоҳидагӣ нависед.

Хандидан, хобидан, хондан, истодан, шодмон шудан, рафтан, навишта гирифтан, хафа шудан, кор кардан.

**Машқи 127.** Ба ҷойи нуқтаҳо феълҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед.

1. ..., додарам, ҳар ду як гӯштин .... 2. Кош, моҳ ... . 3. Барои бачаҳо аз бозор мева харида ... . 4. Об дар хушкӣ ... . 5. Ба кӯчаи сарбаста ... . 6. ... у ба лаб кулӯх ... . 7. Ӯ бо тарсу ҳарос чун мурғи посӯхта ... . 8. Кафшро монда, патакро пӯшида ... .

**Феълҳо барои истифода:** биё, бигирем, мебаромад, биёред, намеистад, афтодан, мехӯрад, мемолад, медавид, давидан.

**Машқи 128.** Мазмуни зарбулмасалу мақолҳоро маънидод кунед. Феълҳои ифодакунандаи ҳолат ва ҳаракати предметро муайян намоед.

Шунидан кай бувад монанди дидан?

* * *

Аввал пурсиш, баъд кушиш.

* * *

Аз барф гурехта, ба борон дучор шудам.

* * *

Офтобро бо доман пӯшонида намешавад.

**Машқи 129.** Аз рӯйи расм ҳолат ва ҳаракати одамонро номбар кунед. Матн тартиб диҳед ва сарлавҳа гузоред



**Машқи 130.** Бо феълҳои *давидан, паридан, омадан* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 36. ТАКРОРИ ЧОРЯКИ ЯКУМ

## ДАРСҲОИ 37–38. ФЕЪЛҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ ВАЗЪИЯТ ВА ТАҒЙИРОТИ АЛОМАТ

**Машқи 131.** Бо феълҳои ифодакунандаи вазъият ва тағйироти аломат ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Сабзидан, доштан, дигар шудан, сурх шудан, хушк шудан.

**Машқи 132.** Аз рӯйи маъно таъбирҳои ифодакунандаи вазъият ва тағйироти аломатро дар қисми холии ҷадвал гузоред.

| ВАЗЪИЯТ ВА ТАҒЙИРОТИ АЛОМАТ | | |
|---|---|---|
| Қувва пайдо намудан, ба ҷӯшу хурӯш омадан | МАН МЕДОНАМ! | |
| Аз ғаму ғусса фориғ будан | | |
| Саъю кӯшиш намудан | | |
| Пеш рафтани кори касе | | |
| Ғамгин, димоғсӯхта будан | | |
| Кунҷковӣ накун, сабаби чизеро напурс | | |

**Таъбирҳо барои истифода:** Болу пар баровардан, дили худро холӣ кардан, дасту по задан, гули бахт шукуфтан, лунҷи худро овезон кардан, ангура хӯру боғашро мапурс.

**Машқи 133.** Аз силсилаи мисолҳо феълҳои ифодакунандаи вазъият ва тағйироти аломатро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Хобидан, андӯҳгин будан, хандидан, хушҳол шудан, суст шудан, сер шудан, дӯст доштан, розӣ шудан, бад дидан, эҳтиром намудан, иззат кардан.

**Машқи 134.** Ба ҷойи нуқтаҳо феълҳои ифодакунандаи вазъият ва тағйироти аломат гузоред. Ҷумлаҳоро пурра кунед.

1. Шодиҷон ин пагоҳӣ аз хобаш барвақт хеста ... ба тарафи пайколи харбуза рафт. 2. Паҳлу ба паҳлу мегашт, ... мехӯрд. 3. Латофат пояшро

... монда буд. 4. – Абдусалом, чаро ту ... карда истодай, ё аз имтиҳонҳои қабул метарсӣ?. 5. Дар айни ... и сӯҳбатамон маҷлис тамом шуд.

**Феълҳо барои истифода:** лабу лунҷашро овезон карда, печу тоб, ба замин сахтакак, буздилӣ, гарм шуда истодан.

**Машқи 135.** Бо интихоби феълҳои ифодакунандаи вазъият ва тағйироти аломат хушнудиву комёбиҳои варзишгаронро баён намоед.





**Машқи 136.** Панҷтогӣ феълҳои ифодакунандаи вазъият ва тағйироти аломат нависед.

## ДАРСИ 39. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 137–140

**Машқи 137.** Феълҳои таркиби матнро муайян намоед ва ба кадом саволҳо ҷавоб шуданашонро гӯед.

Мир Алишер баъд аз вафоти Ҷомӣ, ки дар соли 1492 воқеъ шуда буд, хеле танҳоӣ мекашид. Ҳамдарде надошт, ки аламҳои замонро ба

ӯ гуфта, дили худро холӣ кунад. Бо дилдорӣ ва маслиҳатҳои ӯ тасаллӣ ёбад.

*(Аз рисолаи «Алишер Навоӣ»-и С.Айнӣ)*

**Машқи 138.** Бо назардошти савол дар дохили доирачаҳои холӣ бо феълҳои мувофиқ ҷавоб нависед.




**Машқи 139.** Зарбулмасал ва мақолҳоро шарҳ диҳед. Феълҳои таркиби онро номбар кунед.

Дар ҷӯйи носанда об намеравад.

* * *

Дар хонаи мӯр шабнаме тӯфон аст.

* * *

Дар тобистон морон борад, беҳтар аст аз борон.



**Машқи 140.** Феълҳои дилхоҳи ҳаракату ҳолат, вазъияту тағйироти аломатро ифодакунанда нависед.

## ДАРСИ 40. ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ

**Машқи 141.** Ҳаракату амалҳоро аз рӯйи расм бо феълҳои замонҳои гуногун нависед.







**Машқи 142.** Ба замонҳои феъл саволҳо гузошта, мисолҳо нависед.

Замон муносибати нисбат ба амалу ҳолат доштаи гӯяндаро вобаста ба ҳангоми нутқ ифода мекунад.

Феъл асосан дорои **се замон** мебошад: **замони гузашта, замони ҳозира, замони оянда.**

| Замони гузашта | Замони ҳозира | Замони оянда |
|---|---|---|
| | САВОЛҲО: | |
| чӣ кор кард?<br>чӣ шуд? | чӣ мешавад?<br>чӣ кор карда истодааст? | чӣ кор мекунад?<br>чӣ кор карданӣ? |

| ҶАВОБҲО: | | |
|---|---|---|
| Осиё дирӯз ба кор **даромад.** Полизро об зер кард. | Ҳаво **хунук шуд.** Зӯҳро **бозӣ карда истода-аст** | Ҳасан дарс **тайёр карданӣ аст.** Падарам пагоҳ **меояд.** |

**Машқи 143.** Феъл ва замонҳояшро муайян кунед.

Шамолаке, хез! Хез!
Дӯлонаҷон, рез! Рез!
Ду чашмакам, бин! Бин!
Ду дастакам, чин! Чин!

*Наримон Бақозода*

**Машқи 144.** Даҳто феъли дилхоҳ нависед ва ба кадом савол ҷавоб шуданашонро муайян кунед.

## ДАРСИ 41. ЗАМОНИ ГУЗАШТА

**Замони гузаштаи** феъл амали пеш аз лаҳзаи нутқ воқеъ шуда ва ба анҷом расидаро мефаҳмонад.

**Машқи 145.** Феълҳои ишора гардидаро ба дафтар рӯбардор кунед ва замонҳояшро номбар кунед.

1. Он рӯз ҳаво абрнок буд, аз осмон чанг **меборид.** 2. Ман шеърҳои дӯстдоштаамро ба коғазпораҳо **навишта мегирифтам.** 3. Дар он зиёфатҳо оширо ман **мепухтам.** 4. Соати деворӣ тик-тик **мезад.** 5. Ҳар чӣ хоҳад пайдо **мекардаму** ҳар чӣ гӯяд, ба ҷону дил **мешунидам.**

**Машқи 146.** Бо интихоби феълҳои замони гузашта дар асоси сарлавҳаи пешниҳодшуда матн тартиб диҳед.

## МО ВОРИСИ БУЗУРГОНЕМ!



Пайкараи Муҳаммад Бобур дар шаҳри Андиҷон



Пайкараи Аҳмад ал-Фарғонӣ дар шаҳри Фарғона



Пайкараи Алпомиш дар шаҳри Термиз

**Машқи 147.** Феълҳои замони гузаштае нависед, ки ба саволҳои *чӣ кор кард? чӣ шуд?* ҷавоб мешаванд.

**Машқи 148.** Сето ҷумла нависед, ки феълҳояшон ба саволи *чӣ шуд?* ҷавоб мешаванд.

*чӣ шуд?*

*Намуна:* Имрӯз маро ору **газид.**

## ДАРСИ 42. ЗАМОНИ ҲОЗИРА

**Замони ҳозираи** феъл амалеро ифода мекунад, ки ҳангоми нутқ идома дорад.

**Машқи 149.** Ба ҷойи нуқтаҳо феълҳои мувофиқи замони ҳозираро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед.

*чӣ кор карда истодааст?*

1. Духтури дандон дандони дардманди бачаро ... .

*чӣ кор карда истодааст?*

2. Писарак подаро ба чарогоҳ ... .

**Феълҳо барои истифода:** ронда истодааст, канда истодааст.

**Машқи 150.** Аз рӯйи расм бо интихоби феълҳои замони ҳозира ҷумлаҳо тартиб диҳед.



**Машқи 151.** Феълҳои замони ҳозира нависед, ки ба саволи *чӣ мешавад?* ҷавоб медиҳанд.

**Машқи 152.** Ба кадом савол ҷавоб шудани феълҳои замони ҳозираро номбар кунед.

1. Бародарам дар донишгоҳи омӯзгорӣ мехонад.
2. Вай барои бомуваффақият хатм намудани донишгоҳ кӯшиш карда истодааст.

**Машқи 153.** Даҳто феъли замони ҳозира нависед.

## ДАРСИ 43. ЗАМОНИ ОЯНДА

Феъле, ки амали пас аз лаҳзаи нутқ, яъне баъд аз сухан рондан дар бораи он воқеъшударо ифода мекунад, феъли **замони оянда** ном дорад.

Замониояндаи феъл амалеро мефаҳмонад, ки баъд аз лаҳзаи сухани гӯянда содир мешавад.

**Машқи 154.** Феълҳои замони оядаро муайян намуда, савол гузоред.

1. Собир пагоҳ ба Чорбоғ меравад, ман низ хоҳам рафт. 2. Аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор.

**Машқи 155.** Шеърро хонед. Феъл ва замонҳояшро номбар кунед.

Аз ҳама пеш аз хобаш,
Нонвойдухтар мехезад.
Дасту рӯяшро шуста,
Аввал ӯ орд мебезад.

*Маҳбуба Неъматзода*

**Машқи 156.** Феълҳои замони ояндае нависед, ки ба саволи *чӣ кор мекунад?* ҷавоб медиҳад.

**Машқи 157.** Хонед, савол гузоред ва феълҳои таркиби шеърро ба дафтар рӯбардор кунед.

### ДУ МУШАК

Ду мушаки гурусна,
Обу дона мекофтанд,
Ногоҳ аз кунҷи хона,
Китобаке биёфтанд.

– Ин китоби афсона,
Биё, бо ҳам мехонем!
– Охир, чӣ хел мехонем,
Алифборо надонем?...

Китобро ба мушхона
Кашола карда бурданд,
Бо чангаку корди тез
Пора карданду хӯрданд.

*Акобир Шарифӣ*

**Машқи 158.** Панҷто ҷумла нависед, ки дар таркиб феълҳои замони оянда дошта бошанд.

*Намуна:* Рӯзҳои сахт гузашта мераванд.

## ДАРСИ 44. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 159–162

**Машқи 159.** Бо назардошти ҳаракату амали шахсони дар расм тасвиршуда феълҳои замонашон гуногун нависед.



**Машқи 160.** Ба ҷойи нуқта бо гузоштани қисми даркорӣ шакли пурраи зарбулмасалу мақолҳоро пайдо кунед.

| МАН МЕГӮЯМ, ШУМО ОНРО ДАВОМ ДИҲЕД | |
|---|---|
| 1. | Илм хоҳӣ ... . |
| 2. | Кори имрӯзаро ... . |
| 3. | Ба як ҷавонмард ... . |
| 4. | Ба кӯрпаат нигоҳ карда ... . |

**Қисми зарбулмасалу мақолҳо барои истифода:** такрор кун, ба фардо магузор, чил ҳунар кам, по дароз кун.

**Машқи 161.** Бо феълҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Навиштан, гирифтан, донистан, овардан, омӯхтан, дидан.

**Машқи 162.** Панҷтогӣ феълҳое нависед, ки ба саволҳои *чӣ кор кард? чӣ кор мекунад?* ҷавоб шаванд.

## ДАРСИ 45. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 163–166

**Машқи 163.** Феълҳоеро нависед, ки ба саволи *чӣ мешавад?* ҷавоб медиҳанд.

- Пагоҳ борон ...
- Ӯ футболбоз ...
- Об пур ...
- Абрҳо пароканда ...
- Моҳӣ бирён ...

→ чӣ мешавад?

**Машқи 164.** Феълҳои таркиби ҷумларо муайян кунед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

1. Мо барои бахт, барои саодати худамон кор мекунем. 2. Луқмаҳои нон гулӯяшро харошида гузаштанд. 3. Шабҳо бисёр вақт аз хона намебаромад.

**Машқи 165.** Феъл ва замонҳои таркиби порчаи шеърро муайян кунед.

Шамол ояд, меларзад,
Метарсад? Наметарсад!

*Гулназар Келдӣ*

**Машқи 166.** Калимаҳоро ҷо ба ҷо гузошта, ҷумлаҳо тартиб диҳед. Ба феълҳои таркиби он саволҳои мувофиқ гузоред.

Соли Нав, мерақсем, мебозем, дар гирди арча, Боби Барфӣ, Барфак, бо, тӯҳфа, медиҳад, дар, мо, мегирем, пешвоз.

## ДАРСҲОИ 46–47. КОРБАСТИ ФЕЪЛ ДАР НУТҚ

**Машқи 167.** Феълҳои таркиби ҷумлаҳоро муайян кунед ва мавриди истеъмолашонро гӯед.

1. – Хезед, зуд рафта бо мардум коратонро баробар кунед.
2. Аввал бубин ҷойи худ, баъд бимон пойи худ.
3. Одамҳои солхӯрдаро иззат кардан лозим.

**Машқи 168.** Ба сарлавҳаи «8 декабр – Рӯзи Конститутсияи Ӯзбекистон» фикратонро баён намуда, саволу ҷавоб ташкил кунед.

**Машқи 169.** Ба ҷойи нуқтаҳо феълҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед.

*чӣ кор мекунем?*
1. Халқи Ӯзбекистонро бо Соли Нав аз таҳти дил ... .

*чӣ кор мекунанд?*
2. Мардум Соли Навро бо хурсандӣ ... .
3. Дар атрофи арча кӯдакон бо қаҳрамонони

*чӣ кор мекунанд?*
афсонавию филмҳои лӯхтакӣ ... .
4. Ҳамроҳи Бобои Барфӣ ва Барфак, Гург ва Рӯбоҳ, Харгӯшак, Хоҷа Насриддин ва дигар қаҳрамонҳои афсонавӣ шеъру суруд ... .

**Калимаву ибораҳо барои истифода:** муборакбод менамоем, пешвоз мегиранд, хурсандӣ мекунанд, мехонанд.

**Машқи 170.** Феълҳои таркиби шеърро муайян карда, замонҳои феълро номбар кунед.

## ФАЛСАФАИ КӮДАК

Кӯдакеро бидидам
Исми ӯро пурсидам,
Фурсате нагузашта
Ҷавоби ӯ шунидам:

– Ҳоло Шералӣ гӯянд,
Чизи дигар нагӯянд.
Фардо калон мешавам
Шояд Алишер гӯянд.

*Асад Гулзодаи Бухорой*

**Машқи 171.** Ҷумлаҳоро хонед, вақту замони амалро номбар кунед.

Ман мехонам. 2. Ман хондам. 3. Ман хоҳам хонд.

**Машқи 172.** Феъл ва замонҳои онро муайян кунед.

1. Бародарам падар шуд. 2. Ду бачаи калонаш дар рӯйи ҳавлӣ бозӣ карда мегаштанд. 3. Ҳар ду гаштаю баргашта механдиданду завқ мекарданд.

**Машқи 173.** Ба Соли Нав номаи табрикотӣ навишта, ҳамсинфонатонро табрик кунед.

## ДАРСҲОИ 48–49. АЗ ТАРКИБИ ҶУМЛА МУАЙЯН НАМУДАНИ ФЕЪЛ

**Машқи 174.** Ба зери феълҳо ду хати рост кашед. Саволҳояшонро дар боло гузоред.

1. Бо онҳо гарму ҷӯшон вохӯрӣ кард. 2. Ҳама гапи ману шуморо мегӯянд. 3. Дермонии ӯ ба дили модар изтироб андохт. 4. Замину осмонро ба сар мебардоштанд. 5. Ман каму беш намаки зиндагиро чашидам.

**Машқи 175.** Феълҳои таркиби шеърро муайян кунед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

### ДАВИДЕМУ ДАВИДЕМ

Давидему давидем,
Ба ҷӯйи нав расидем.
Ҷӯйи нава обаш не.
Ниҳолчая тобаш не.
Рафтем ба пеши деҳқон,
Гуфтем: – Ба ҷӯйи калон
Оби калон кушодем,
Софу равон кушодем.
Деҳқонамак ба моён
Гуфто: – Пагоҳ оетон! ...

*Аминҷон Шукӯҳӣ*

**Машқи 176.** Аз рӯйи сарлавҳаи «1 январ – Иди Соли Нав» матн тартиб диҳед. Дар таркиби матн феълҳоро истифода баред.

**Машқи 177.** Феълҳои таркиби матнро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Мо боэҳтиёт по монда, кӯшиш менамудем, ки ба бутта ё шохаи дарахте нарасем, зеро ҷонварони дарранда аз садои ногаҳонӣ бедор шуда, бо мақсади дифоъ ҳамла меоварданд. Аз назди тути кӯҳнаи танковок гузашта, андешидам, ки эҳтимол хонаи хирс андаруни он аст.

*(Аз «Мурғи сухангӯй»)*

**Машқи 178.** Шеърро бурро ва равон хонед. Феълҳои таркиби онро номбар кунед.

## СОЛИ НАВ

Тифлони сарфарозем,
Чун арча бениёзем.
Дар даври арча бозем,
Дар гирди арча тозем.

Бобои Барфии мо,
Бо тӯҳфаҳои аъло,
Хушнуд карда моро,
Гӯяд басо тасанно.

Шеъру суруд хонем,
Рақсему пофишонем.
Хушрӯзу хушзамонем,
Хушбахт кӯдаконем.

Соли нав ояд имрӯз,
Фоли нав ояд имрӯз.
Иқболи шоду пирӯз,
Ҳоли нав ояд имрӯз.

Ин соли нав муборак!
Ин фоли нав муборак!
Иқболи нав муборак!
Омоли нав муборак!

Соли самар шавад он,
Соли ҳунар шавад он.
Бар кӯдакони олам,
Соли зафар шавад он!

*Паймон*

**Машқи 179.** Аз афсона, ҳикояҳои хондаатон панҷ-то ҷумлаи дилхоҳ интихоб намуда, ба дафтаратон нависед. Ба зери феълҳо ду хати рост кашида, ба кадом савол ҷавоб шудани онҳоро муайян кунед.

## ДАРСҲОИ 50–51. БО ИНТИХОБИ ФЕЪЛ ТАРТИБ ДОДАНИ ҶУМЛАҲО

**Машқи 180.** Бо тарзи навишти феълҳо шинос шавед. Аз онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Гуфтугӯ, равуо, даводав, гирогир, тозотоз.

**Машқи 181.** Аз рӯйи расм бо феълҳои дилхоҳ ҳашт ҷумла тартиб диҳед.



**Машқи 182.** Ба саволҳои додашуда ҷавоб нависед. Ба зери феълҳо ду хати рост кашед.

1. Кадом рӯзномаҳоро мехонед?

2. Кадом нависанда ва шоиронро медонед?

3. Бо парвариши кадом паррандаву ҳайвонот бевосита машғулед?

## ДАРСИ 52. ТАҲЛИЛИ ХАТТӢ ВА ШИФОҲИИ ФЕЪЛ

**Тартиби таҳлили шифоҳӣ ва хаттии феъл:**

1. Муайян намудани феъл.
2. Савол гузоштан ба феъл.
3. Номбар кардани замонҳои феъл.

**Мисол:** Аз осмон чакраҳои калон-калон боридан гирифт.

**Намунаи таҳлил:**

1. *«Боридан гирифт»* феъл аст. Ҳаракати ҳодисаи табиӣ, яъне бориши боронро ифода кардааст.
2. Ба саволи *чӣ кор кард?* ҷавоб мешавад.
3. Феъли замони гузашта ба шумор меравад.

**Супориши 1.** Хонед ва бо мазмуни матн шинос шавед.

**Супориши 2.** Ҷумлаҳои тартиби матнро дар алоҳидагӣ ба дафтар рӯбардор карда, бо таҳлили феълҳо машғул шавед.

## ТЕЛЕФОН

Ба хонаи Шавкатино сими телефон гузаронида шуд. Шодиашон ҳадду канор надошт. Гоҳ онҳо

ба ҷойе телефон мекарданд, гоҳ аз ҷойе ба онҳо занг мезаданд. Аз ҳама бештар Шавкат телефон мекард. Худаш надонист, ки ба куҷо, ба кӣ ва барои чӣ занг мезанад. Вай аз назди телефон дур намешуд ва ҳар замон рақамчинӣ мекард.

*Чоршанбеи Деҳнавӣ*

**Машқи 183.** Такрор кардани мавзӯъҳои гузашта оид ба феъл.

## ДАРСИ 53. ТАКРОРИ ФЕЪЛ

**Саволҳо:**

1. Феъл чист?
2. Феъл ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Феъл чанд замон дорад?
4. Замони гузаштаи феъл гуфта кадом замонро дар назар доред?
5. Чӣ гуна замонро замони ҳозираи феъл меноманд?
6. Замони оянда чӣ гуна амалро ифода мекунад?
7. Феъл кадом амалҳои предметро ифода мекунад?

**ТЕСТ**

1. Кадоме аз онҳо феъл ба шумор меравад?

а) хунук б) ҳаво в) борид

2. Дар кадом банд саволҳои феъл дарҷ гардидааст?

а) кӣ? киҳо?

б) чӣ кор мекунад? чӣ мешавад?

в) чӣ гуна?

3. Феълҳои *метозам, мехонам, мебозам, медонам* ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?

а) чӣ кор кард? б) чӣ кор мекунам?
в) чӣ шуд?

4. *Ҳаракат, ҳолат, вазъияти* предметро кадом ҳиссаи нутқ ифода мекунад?

а) сифат; б) исм; в) феъл

5. Феълҳои *хобидан, хестан* чиро ифода кардааст?

а) ҳолати амалро; б) вазъияти амалро;
в) тағйироти амалро

6. Кадоме аз ин феълҳо ҳолати хурсандиро муайян мекунанд?

а) рақсидан, бозидан б) сангпаронӣ кардан
в) тарсидан

7. Замони феълҳои *омад, нишаст* ва *рафт* кадом аст?

а) гузашта б) ҳозира в) оянда

8. Кадоме аз замонҳои феъл амалу ҳаракатҳои дар оянда содиршавандаро ифода мекунад?

а) ҳозира б) оянда в) гузашта

## СИФАТ

### ДАРСИ 54. СИФАТ

Он ҳиссаи нутқе, ки аломат ва чигунагии предметро фаҳмонида, ба саволҳои **чӣ хел? чӣ гуна?** ҷавоб мешавад, **сифат** ном дорад.

**Машқи 184.** Хонед, сифатҳоро муайян кунед.

***чӣ гуна?***



Себаки сурхи сероб
Ширин асту хӯрданбоб,
Себак хеле хушрӯй аст,
Хушмазаву хушбӯй аст.

**Машқи 185.** Ба ҷойи нуқта сифатҳои муқобилмаъноро гузоред.

| | | |
|---|---|---|
| Доно – ... | Нек – ... | Кӯҳна – ... |
| Калон – ... | Гарм – ... | Ҷавон – ... |

**Сифатҳо барои истифода:** пир, нав, хунук, бад, хурд, нодон.

**Машқи 186.** Бо сифатҳои пешниҳодгардида ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**СИФАТ**

*Шакл*: нишеб

Ранг: сурх, сафед.

*Таъм*: ширин, талх.

*Аломатҳои хоса*: саховатпеша, далер.

*Бӯ*: хушбӯ, бадбӯ.

*Ҳаҷм*: васеъ, хурд.

**Машқи 187.** Бо саволҳои сифат панҷтой мисол нависед.

чӣ хел? – ...
чӣ гуна? – ...

## ДАРСИ 55. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 188–192

> Сифат бо исм алоқаи мустаҳкам дошта, аломатҳои гуногуни предметҳоро ифода менамояд.

**Машқи 188.** Исм, сифат ва воситаҳои грамматикии ибораҳои поёниро номбар кунед.

Гули хушбӯй, марди ҳунарманд, шаҳри калон.

**Машқи 189.** Ба ҷойи нуқтаҳо пас аз исму бандаки изофӣ сифатҳои мувофиқро гузошта, ибораҳоро тартиб диҳед.

Нони ..., оби ..., духтари ..., абри ..., бӯйи ..., ҳавои ..., одами ..., замини ... .

**Сифатҳо барои истифода:** гарм, соф, сафед, хуш, беғубор, корам.

**Машқи 190.** Бо мисолҳои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.



Хуршеди заррин



ангури ширин



қайчии тез



харгӯшаки хушҳол

*Намуна:* Барфрезаи нуқрафом шаби торикро равшан намуд.

**Машқи 191.** Ба ҷойи нуқтаҳо сифатҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед. Ба зери сифатҳои пайдарпай омада хат кашед.

1. Пагоҳӣ ... шуду ҳама ҷоро ... кард. 2. Дар зери чойҷӯш ... бо дуди ... месӯхтанд.

**Сифатҳо барои истифода:** тозаю тар, боронаки нағзакак, хасу хошокҳои тару нам, ғафсу тунд.

**Машқи 192.** Матни номаи табрикотӣ нависед ва ҳимоятгарони Ватанро табрик кунед. Дар матн бештар сифатҳоро кор фармоед. Сарлавҳаи матн: «14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан».

## ДАРСИ 56. СИФАТҲОИ АСЛӢ ВА НИСБӢ

> Сифате, ки аломат, хусусият ва чигунагии шахс, предмет ва ҳодисаю воқеаҳоро бевосита ифода менамояд, **сифати аслӣ** ном дорад: **ширин, гарм, сурх** ва монади инҳо.
>
> Сифате, ки аломат, хосият ва чигунагии шахс, предмету ҳодисаҳоро мувофиқи муносибати ба шахсе, предмете ё ҳодисае доштаи онҳо мефаҳмонад, **сифати нисбӣ** ном дорад: **табақи чӯбин, панҷараи оҳанин, девори сангин.**

**Машқи 193.** Ба ҷойи нуқта сифатҳои аслии муқобилмаъноро гузоред.

Меваи талх – ..., девори паст – ..., одати бад – ..., ҳавои гарм – ..., бачаи қоматбаланд – ... .

**Машқи 194.** Сутуни сифатҳои аслӣ ва нисбии дар ҷадвал навишташударо муайян кунед.

| | |
|---|---|
| Гиёҳи шифобахш | Иродаи оҳанин |
| Анори ширин | Бозуи сахт |
| Қуллаи баланд | Кӯпруки сангин |
| Уқоби тезчангол | Ҷомаи пахтагин |

**Машқи 195.** Бо сифатҳои нисбии поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Иродаи оҳанин, қалби сангин, саломи оташин.

**Машқи 196.** Панҷтогӣ сифатҳои аслӣ ва нисбӣ нависед.

## ДАРСИ 57. КОРБАСТИ СИФАТҲОИ АСЛӢ ВА НИСБӢ ДАР НУТҚ

**Машқи 197.** Матнро хонед, мазмунашро баён кунед. Сифатҳои аслиро номбар кунед.

### ҚАНДИ ИРИС

Писарчаеро, ки ба хонаашон меҳмон омада буд, ба мағоза барои қанд мефиристанд ва таъкид мекунанд, ки қанди «ирис» бихарад. Писарча барои он ки номи қандро фаромӯш накунад, раҳорах такрор мекунад: «қанди ирис, қанди ирис, қанди ирис, қанди ирис». То мағоза 10 қадами дигар монда буд, ки раиси маҳалларо вомехӯрад. Мӯйсафед ба ӯ мегӯяд, ки «падаратро гӯй, баъди нисфирӯз ба маҳалла биёед, ҳашар дорем». Чун писарак ба мағоза медарояд, номи қанд аллакай

фаромӯш шудааст. Ночор аз фурӯшанда хоҳиш мекунад, ки номҳои қандро бигӯяд.

Фурӯшанда:

– Қанди сафед?
– Не.
– Қанди «ордак»?
– Не.
– Қанди печак?
– Не.
– Қанди «Му-му»?
– Не.
– Қанди барбарис?
– Не.
– Қанди «рачки»?
– Не.
– Қанди «ласточка»?
– Не.

Додарҷон, – мегӯяд фурӯшанда ҳамагӣ ду намуди қанди дигар дорем. О, гӯй, чӣ мехоҳӣ?

*Аз китоби «Аралашбод»*

**Машқи 198.** Сифат, исм, феълҳои таркиби шеърро муайян кунед.

## МАНЗАРИ ЗИМИСТОН

Кӯҳу камар – сап-сафед,
Бораву ҷар – сап-сафед.
Роҳи гузар – сап-сафед,
Хонаву дар – сап-сафед.
Оби дарё дамида,
Дарахтон сар хамида.

Мусичаҳо бедонанд,
Бедон гунҷишкаконанд.
Ҳаво парво надорад,
Мебораду меборад ...
Меборад шишапора,
Ё резаи ситора?

*Убайд Раҷаб*

**Машқи 199.** Бо сифатҳои аслии такрор ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Қадамҳои калон-калон, химчаҳои дароз-дароз.

**Машқи 200.** Бо интихоб ва корбасти сифатҳои аслию нисбӣ матн тартиб диҳед.



**Машқи 201.** Хонед, сифатҳояшро муайян намуда, саволҳои мувофиқ гузоред.

Нӯлаки сурхаш – зебо,
Болу параш – қаҳрабо.
Ҷонвараки безавол,
Ҷонвараки хушнамо.

*Нӯъмон Розиқ*

## ДАРСИ 58. ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗИ *-ТАР, -ТАРИН*

Пасвандҳои **-тар, -тарин** пас аз сифат омада, зиёд будани аломати амалро ифода мекунанд.

**Машқи 202.** Бо иловаи пасванди *-тар, -тарин* сифатҳоро ба дафтар рӯбардор кунед.

Кам, баланд, талх, хушбӯ, дилрабо.

*Намуна:* калон – калонтар – калонтарин.

**Машқи 203.** Сифат ва пасвандҳои сифатсозро номбар кунед. Бо истифодаи онҳо сето ҷумла тартиб диҳед.

Бинои калон, бинои калонтар, бинои калонтарин.

**Машқи 204.** Ба ҷойи нуқтаҳо сифатҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед.

1. Мо ҳам ..., ... ва серу ... зиндагӣ кардан мехоҳем. 2. Бемор бошад, рӯз то рӯз ... ва ... мешуд. 3. Рухсораи гулгуни ӯ боз ... шуд. 4. Ин ҳол ба асаби вай боз ҳам ... таъсир кард. 5. Дар рӯзҳои охир қадре ... шуда, сар аз болишт бардошта буд.

**Сифатҳо барои истифода:** нағзтар, бароҳаттар, пурратар, сусттар, бемадортар, гулгунтар, сахттар, беҳтар.

**Машқи 205.** Бо ибораҳои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед. Сифат ва пасванди сифатсозро муайян кунед.

Машҳуртарин олим, баландтарин бино, зеботарини иморатҳо.

## ДАРСИ 59. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 206–209

**Машқи 206.** Аз ҷиҳати маъно фарқияти сифатҳоро маънидод кунед.

Хуб – хубтар – хубтарин, дароз – дарозтар – дарозтарин.

Ширин – ширинтар – ширинтарин.
Хушбахт – хушбахттар – хушбахттарин.
Нав – навтар – навтарин.

**Машқи 207.** Сифату пасвандҳои сифатсозро муайян кунед.

Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

*Абулқосим Фирдавсӣ*

Менамояд ба дида бағоят
Пурсафо, дилнишину хуррамтар.

*Мирзо Турсунзода*

**Машқи 208.** Бо сифатҳои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Сафед, сиёҳ, сурх, зард, гулобӣ, бунафш, кабуд, сабз.

**Машқи 209.** Сифатҳои дилхоҳе нависед, ки пасвандҳои *-тар, -тарин* дошта бошанд.

## ДАРСИ 60. ПАСВАНДИ СИФАТСОЗИ *-Ӣ (-ГӢ, -ВӢ)*

Пасванди **-ӣ (-гӣ, -вӣ)** сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифатҳои нисбӣ месозад.

**Машқи 210.** Пасвандҳои таркиби калимаро муайян кунед.

Чашмони бодомӣ, сӯҳбати фардоӣ, соати кисагӣ, либоси хонагӣ, қаҳрамонҳои афсонавӣ.

**Машқи 211.** Муайян намоед ва гӯед, ки пасванди *-ӣ* чӣ гуна ҳиссаҳои нутқ сохтааст?

| ПАСВАНДИ -Й | |
|---|---|
| **ПАСВАНДИ *-Й* ЧЙ ГУНА ҲИССАҲОИ НУТҚ СОХТААСТ?** | Некӣ, бадӣ, дӯстӣ, сахтӣ, сабукӣ. |
| | Кишти тирамоҳӣ, хӯроки пагоҳӣ, хубони тошкандӣ, бози шикорӣ, ресмони пашмӣ. |
| | Агар лаб кушоӣ ба ҳар анҷуман,<br>Бубояд, ки санҷида гӯйӣ сухан. |

**Машқи 212.** Сифат ва пасвандҳои сифатсози таркиби шеърро муайян намоед.

## РУХШОНА

Рухшона ҳамранги моҳ,
Мижгонакҳояш сиёҳ,
Дорад абрӯйи камон,
Чеҳрааш моҳи тобон.
Ин духтари ховарӣ,
Курта дорад гулпарӣ,
Гӯшворакош ахтарӣ,
Доманакош пар-парӣ.
Рақсаду хонад суруд,
Бо шавқу завқ хушнуд.
Ба духтари арзанда,
Чил кокулаш зебанда,
Ин мӯйҳои хушшона,
Аз модараш нишона.

*Зебунисои Тоҳириён*

**Машқи 213.** Бо ёрии сифатҳои пешниҳодгардида, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Оинаи деворӣ, ғурури бачагӣ, гапҳои кӯчагӣ, иморати намунавӣ.

*Намуна:* Вай дар дастонаш дастпӯшаки резинӣ, дар танаш ҷомаи сафеди тиббӣ дошт.

## ДАРСИ 61. ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗИ *-ИН, -ГИН*

Пасвандҳои сифатсози **-ин, -гин** пас аз калима омада, бо он якҷоя навишта мешаванд.

Пасвандҳои **-ин, -гин** аломати монандии предметҳоро ифода намуда, сифатҳои нав месозанд.

**Машқи 214.** Калимаҳои зеринро муқоиса карда, савол гузоред.

Сим – симин
Чӯб – чӯбин
Тирамоҳ – тирамоҳӣ
Равған – равғанин
Ранг – рангин
Пӯлод – пӯлодин

*Намуна:* чӣ? (сим) – чӣ гуна? (симин).

**Машқи 215.** Муайян кунед ва гӯед, ки пасванди *-ин* бо илова гардидани кадом ҳиссаҳои нутқ сифат сохта аст.

| | | |
|---|---|---|
| санг | | сангин |
| оҳан | **-ин** | оҳанин |
| махмал | | махмалин |
| ранг | | рангин |

**Машқи 216.** Ба ҷойи нуқтаҳо пасвандакҳои *-ин, -гин* гузошта, маънояшонро маънидод кунед.

Дили сангин, иродаи оҳанин, саломи оташин, шишаҳои булӯрин

**Машқи 217.** Чистонро хонед, ҷавобашро гӯед. Сифатҳояшро муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Дар дасти Сангин,
Халтаи чармин.
Даруни халта,
Тӯбчаи сангин.
Даруни тӯбча,
Обаки рангин.



**Машқи 218.** Бо ибораҳои *мизи чӯбин, мулоқоти аввалин, дӯсти дерин, сарбанди абрешимин* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 62. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 219–222

**Машқи 219.** Пасвандҳои сифатсозро муайян кунед.

Гандуми баҳорӣ, кори фоиданок, рӯйи гандумгун, камзӯли чармин.

**Машқи 220.** Пешвандҳои сифатсозро номбар кунед ва бо ибораҳои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Одами ношинос, бачаи боақл, ҷомаи базеб, гули бехор.

**Машқи 221.** Бо иловаи пасвандҳои *-тар, -тарин* дар катакчаҳои холӣ шакли аз ҳамдигар фарққунандаи калимаҳоро нависед.

| | | |
|---|---|---|
| накӯ | | |
| хушбахт | | |
| фарбеҳ | | |
| фаровон | фаровонтар | фаровонтарин |

**Машқи 222.** Сифатҳои дилхоҳе нависед, ки дар таркиб пасвандҳои *-ӣ, -гӣ, -вӣ, -ин, -гин, -тар, -тарин* дошта бошанд.

## ДАРСИ 63. АЗ ТАРКИБИ ҶУМЛА МУАЙЯН НАМУДАНИ СИФАТҲО

**Машқи 223.** Сифатҳои таркиби ҷумлаҳоро муайян намоед ва дар бораи имлояшон маълумот диҳед.

1. Рустам дар ҷанги тан ба тан бо Деви Сафед ғолиб омад. 2. Ман ҳар замон аз онҳо чашм канда, ба пеш – ба кӯҳҳои дуродур нигоҳ мекунам. 3. Муқим ба қавли Истадако дуппа-дуруст бо падараш чой хӯрда менишаст. 4. Ӯ ба қалби реш-решам намакпошӣ мекунад.

**Машқи 224.** Сифатҳои таркиби ҷумлаҳои чидаазъзоро номбар карда, савол гузоред ва ба дафтар рӯбардор кунед.

1. Ӯ бачаи боадаб, хушфеъл ва зебо буд. 2. Вай як одами сабукҷусса, гандумгун ва ришдарозе буд. 3. Майдонҳои чормағзу бодомзор, зардолу, шафтолузор ва боғҳои ангури тагобӣ манзараи зебо ва фараҳфазое доштанд.

**Машқи 225.** Сифатҳои таркиби ҷумлаҳоро муайян намоед. Воситаи грамматикӣ ва таркибҳояшро номбар кунед.

### САЛОМИ ДАСТӢ

Вақти салом ё шинос шудан аввал шахси калонсол ба шахси нисбатан ҷавон, зан ба мард, муаллим ба талаба, дар вақти кор роҳбар ба

тобеонаш дасташро дароз мекунад. Дар вақти саломи дастӣ тарҳи рӯйи шахс бояд кушодаву хайрхоҳона бошад. Агар бор дошта бошед, ё ба дасти чап гиред, ё ба замин гузоред. Сумка ва портфелатонро ҳамеша дар дасти чапатон гиред. Бо дасти чап танҳо дар мавридҳои истисно аввал бахшиш пурсида баъд бояд салом кард.

Бо дастпӯшак аз болои сари одамони нишаста ва аз болои мизи таом даст дароз карда салом гуфтан, дасти рафиқатонро сахт ларзондану фишурдан, бо дасти тар, чиркин, маҷрӯҳ низ салом кардан ҷойиз нест. Агар дастатон маҷрӯҳ бошад, узр пурсед, ки бо даст салом карда наметавонед.

*Ёқуб Одинаев*

**Машқи 226.** Бо интихоби сифатҳои чидаву такрор ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 64. ТАКРОРИ ЧОРЯКИ ДУЮМ

## ДАРСҲОИ 65–66. БО ИНТИХОБИ СИФАТ ТАРТИБ ДОДАНИ ҶУМЛАҲО

**Машқи 227.** Бо сифатҳои таъкидӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед ва дар бораи имлояшон фикратонро баён кунед.

Заб-зард, каб-кабуд, суп-сурх, сап-сафед, тип-торик.

**Машқи 228.** Бо сифатҳои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед ва дар бораи имлояшон фикратонро баён кунед.

Коғази рах-рах, мӯйҳои тор-тор, дили реш-реш, ҷигари пора-пора.

**Машқи 229.** Бо интихоби сифатҳои аслӣ ва нисбӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.



**Машқи 230.** Бо сифатҳои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед. *Гулҳои сурху сафед, суханҳои пасту баланд, хешовандони дуру наздик.*

## ДАРСҲОИ 67–68. ИМЛОИ СИФАТ

**Машқи 231.** Хонед ва имлояшонро ба хотир нигоҳ доред.

> Сифатҳои такрор дар байн бо гузоштани нимтире навишта мешаванд.

1. Аз байни сарҳади калон-калони ангури ҷавзо кадуи заб-зарди тиллоӣ худнамоӣ мекард.
2. Аз шарму ҳаё ду кулчаи рӯяш суп-сурх гардид.

Агар дар мобайни сифатҳои такрор **пешоянди дар** ва **миёнванди о** ояд, онҳо якҷоя навишта мешаванд.

1. Мақсадашро **пайдарпай** ва фаҳмо баён менамуд.

2. Дар дашту саҳро гулҳои **рангоранг** рӯйидааст.

**Машқи 232.** Бо ибораҳои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Гулҳои рангоранг, такрори пайдарпай, ҳуҷумҳои паёпай.

Пешвандҳои **но-, бо-, ба-, бе-** пеш аз сифат омада, бо он якҷоя навишта мешаванд.



Пӯпаки мӯяш базеб,
Холаки рӯяш базеб.

но- → дон → нодон
но- → фаҳмо → нофаҳмо
но- → равшан → норавшан

бо + ақл → боақл
ба + ақл → баақл
бе + ақл → беақл



**Машқи 233.** Аз таркиби матн сифатҳои пешванддорро муайян кунед.

Салом пеш аз ҳама инсонро хушхулқу боодоб, ботамизу бофаросат, нармдилу гармдил, дилҷӯву дидадаро, нармгуфтору пурмеҳр месозад. 2. Бо чеҳраи кушода, лафзи ширин, табассуми нарм ва дили гарм салом гуфтан аз доштани фаросати баланди саломдеҳ гувоҳӣ медиҳад. 3. Дар роҳрави мактаб аввал шогирд салом мегӯяд. 4. Дар синфхона бошад, аввал устод салом мегӯяд ва шогирдон ҷавоб медиҳанд.

*Аз «Одоби салом»-и Абдуҷаббор Раҳмонов*

**Машқи 234.** Бо назардошти имлои сифат панҷтогӣ мисол нависед.

## ДАРСҲОИ 69–70. ТАҲЛИЛИ ХАТТӢ ВА ШИФОҲИИ СИФАТ

**Тартиби таҳлили шифоҳӣ ва хаттии сифат:**

1. Муайян намудани сифат.
2. Саволгузорӣ ба сифат.
3. Номбар кардани пасвандҳои сифатсоз.

**Мисол:** Дар найзори канори рӯд тақрибан бист лаклаки сафед гаштугузор мекард.

**Намунаи таҳлил:**

1. «Сафед» сифат аст. Ранги лаклакро ифода кардааст.
2. Ба саволи *чӣ хел?* ҷавоб мешавад.
3. Пасванди сифатсоз қабул накардааст.

**Супориш.** Сифатҳои таркиби ҷумлаҳоро таҳлили хаттӣ кунед.

Нобиное дар шаби торик чароғе дар даст ва сабӯе бар дӯш роҳ мерафт. Фузуле ба ӯ расиду гуфт:

– Эй нодон, рӯзу шаб пеши ту яксон аст ва равшанию торикӣ дар чашми ту баробар. Ин чароғро фоида чист?

Нобино бихандид:

– Ин чароғ на аз баҳри худ аст, аз барои чун ту кӯрдилони бехирад аст, то ба ман паҳлу назананду сабӯи маро нашикананд.

**Шарҳи луғат:**

**Сабӯ** – кӯза, зарфи сафолӣ
**Яксон** – як хел
**Фузул** – пургӯй, лаққӣ

## ДАРСИ 71. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 235–238

**Машқи 235.** Хонед ва сифатҳояшро муайян кунед.

### БАҲОРИ ХУРРАМ

Омад баҳори хуррам
Бо андалебу лола.
Аз қатраҳои борон
Пур мешавад пиёла.
Аз файзи рӯйи хуршед,
Гардида сабзу тар гул.

Аз завқи рӯйи ҳар гул,
Дар чаҳ-чаҳ аст булбул.
Эй дӯстон, биёед,
Шуд вақти айш имрӯз.
Бо чангу бо чағона
Гардем шоду пирӯз.

*Хусрав Саъдуллоҳ*

### Шарҳи луғат:

**Хуррам** – хушнуд, хурсанд
**Андалеб** – булбул
**Хуршед** – офтоб
**Сабз** – сабзидан
**Айш** – шодиву хурсандӣ
**Пирӯз** –хушрӯз, некрӯз

**Машқи 236.** Бо сифатҳои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Боақлу фаросат, сершоху барг, пурнозу неъмат.

**Машқи 237.** Порчаи шеъриро хонед, сифатҳояшро муайян намоед.

Мешавӣ шириндаҳон,
Қобилу ширинзабон.
Дар сари охурчаат
Хӯрда бигардӣ калон.

*Наримон Бақозода*

**Машқи 238.** Такрори мавзӯъҳо доир ба сифат.

## ДАРСИ 72. ТАКРОРИ СИФАТ

### Саволҳо:

1. Сифат чист?
2. Сифат ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Сифат кадом ҷиҳати предметро равшан мегардонад?
4. Сифатҳои аслӣ ва нисбӣ чигунагии предметро ифода мекунанд?
5. Кадом пасвандҳои сифатсозро медонед?
6. Исму сифат ба воситаи чӣ робитаи маъноӣ пайдо мекунанд?

## ТЕСТ

1. Кадоме аз калимаҳои зерин сифат аст?
а) гавҳар б) сияҳгӯш в) тилло

2. Саволи сифат дар кадом банд дарҷ гардидааст?
а) чӣ хел? чӣ гуна? б) киҳо? в) чиҳо?

3. Сифати нисбиро муайян кунед.
а) зебо б) доно в) иродаи оҳанин

4. Пасванди *-тар, -тарин* чигунагии аломати предметро ифода мекунад?
а) аломати зиёдӣ б) аломати монандӣ
в) аломати ичро

5. Қатори пасвандҳои сифатсозро муайян кунед.
а) бо-, бе-, ба- б) -ин, -гин, -гӣ
в) -ҳо, -гон, -вон

6. Кадоме аз воситаҳои сифатсоз пас аз калима омада, бо онҳо якҷоя навишта мешавад?
а) пасванд б) пешванд в) пешоянд

7. Сифатҳои муқобилмаъноро муайян кунед.
а) хунук – гарм б) каб-кабуд
в) калон-калон

8. Сифатҳои ҳаммаъноро муайян кунед.
а) меҳрубон, ғамхор б) даҳ-понздаҳ
в) дур – наздик

## ШУМОРА

### ДАРСИ 73. ШУМОРА

Он ҳиссаи нутқе, ки тартиб ва рақами предметро ифода мекунад, **шумора** ном дорад.

Шумора ба саволҳои **чанд? чандум? чандто? чӣ қадар?** ҷавоб мешавад.

**Машқи 239.** Аз мазмуни шеър шумораҳоро муайян намоед. Онҳоро ба дафтар рӯбардор кунед.

Мо шаст нафар набера,
Чилу дуто абера.
Сию сето чабера,
Бисту якто кабира.
Бибиҷони меҳрубон,
Пир не, тамоман ҷавон.
Вақти гулаки лола,
Нав мешавад садсола.

*Маҳбуба Неъматзода*

**Машқи 240.** Шумораҳои таркиби матнро муайян кунед. Баъд аз он рақамҳоро бо ҳарф нависед.

Аз нимаи дуюми август онҳо ба пайванд сар карданд. Бехи ҳар ниҳолро тоза карда, ба ҷойи аз ҳама ғафси тана муғҷаҳоро часпонданд. Ҳар ниҳоли пайвандшуда рақам дошт. Рақамро ба мехи аз тахтача сохтаашон навишта, ба паҳлуи ҳар ниҳол мезаданд. Дар дафтари махсус, рӯбарӯйи рақамҳо ин гуна сатрҳо сабт мешуданд: Қатори якум. Рақами 1–70 – хурмои сурхи сергӯшт. Таъ-

рихи пайванд: 18 августи соли 1999. Рақами 71–120 – Бинигории зард. Рақамҳои 121–200 – мирсанҷалӣ.

*(Аз «Мурғи сухангӯй»)*

**Машқи 241.** Чистонҳоро хонед, ҷавобашро гӯед. Шумораҳои таркибии онҳоро номбар кунед.

Як суфача
Панҷ бибича.

Як падару модар
Ҳафт бародар.

**Машқи 242.** Шумораҳои ба саволҳои *чанд? чандум? чандто? чӣ қадар* ҷавобшавандаро нависед.

## ДАРСИ 74. ШУМОРА ВА ХЕЛҲОИ ОН

Шумораҳо аз ҷиҳати маъно ва аломатҳои дастуриашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: **шумораи миқдорӣ** ва **шумораи тартибӣ**.

Шуморае, ки адади муҷаррад ва миқдори предметҳоро ифода намуда, ба саволҳои **чанд? чӣ қадар?** ҷавоб мешавад, шумораи миқдорӣ номида мешавад.

Шуморае, ки дар вақти шумурдан тартиби предметҳоро бо адад фаҳмонида, ба саволи **чандум?** ҷавоб мешавад, шумораи тартибӣ ном дорад.

**Машқи 243.** Шумораҳои миқдориву тартибиро дар алоҳидагӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

Шаст, бисту ду, чаҳорум, даҳто, саввум, шонздаҳ, ду ҳазору садум, сию сеюм, чордаҳ, якум, ҳабдаҳ, навадум.

**Машқи 244.** Шумораҳои таркиби матнро муайян кунед.

Вазни миёнаи филҳо 5 тонна, баландиашон 3 метр, дили онҳо то 12 килограмм мешавад. Дар як дақиқа фил 12 маротиба нафас кашида мебарорад. Дар 18 соат 360 килограмм озуқа истеъмол менамояд. Дар як шабонарӯз то 90 литр об менӯшад.

**Машқи 245.** Шумораҳои ба саволҳои *чанд? чӣ қадар? чандум?* ҷавобшаванда нависед.

**Машқи 246.** Бо усули ҷамъ ва тарҳ дар катакчаҳои холии мобайнӣ рақамҳоеро гузоред, ки дар натиҷа адади 23 ҳосил шавад. Ин рақамҳоро бо ҳарф нависед.

## БОЗИИ ГРАММАТИКӢ–МАТЕМАТИКӢ




*Намуна:* Нӯҳ ҷамъи чордаҳ баробари бисту се аст.

Чилучор тарҳи бисту як баробари бисту се аст.

## ДАРСИ 75. ШУМОРАҲОИ МИҚДОРӢ

Шумораи миқдорӣ мувофиқи тарзи ифодаи миқдори предметҳо ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: ***шумораи аслӣ, шумораи тахминӣ*** ва ***шумораи касрӣ***.

**Машқи 247.** Шумораҳои тахминиро ба дафтар рӯбардор кунед. Миқдори онҳоро бо навиштани мисолҳо зиёд гардонед.

Ду-се китоб, даҳ-понздаҳ кабӯтар, сӣ-чил асп ...

**Машқи 248.** Бо шумораҳои касрӣ шинос шавед. Яке аз онҳоро интихоб карда, ҷумла тартиб диҳед.

Чоряк, аз панҷ як, аз даҳ се, садяк, аз панҷ ду, ним, дуним, чоруним.

**Машқи 249.** Шинос шавед ва ба хотир гиред. Шиори кадом сол навишта нашудааст? Бо ёрии омӯзгор нависед.

| МЕДОНАМ ВА ДОНИСТАН МЕХОҲАМ | | |
|---|---|---|
| 2010 | Авлоди баркамол (Насли камолёфта) | Арзиши олии Ватани муқаддаси мо – инсон, ҳуқуқ ва манфиатҳои он аст! |
| 2011 | Тиҷорати хурд ва соҳибкорӣ | Ту азизу муқаддасӣ, Ватани ман – Ӯзбекистони соҳибистиқлол! |

| | | |
|---|---|---|
| 2012 | Оилаи мустаҳкам | Қисмати ман, бахти ман туӣ, Ватани озод ва ободи ман! |
| 2013 | Рӯзгори обод | Муҳаббат ва ифтихори ман туӣ, Ӯзбекистони азиз! |
| 2014 | Кӯдаки солим | Ту ягонаӣ, Ватани муқаддасам, Ӯзбекистони зебоям, эҳдо бароят муҳаббат ва садоқатам! |
| 2015 | Гиромидошти куҳансолон | ? |

**Машқи 250.** Шумораҳои 17, 18, 29, 44, 55, 66-ро бо ҳарфҳо нависед.

## ДАРСИ 76. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 251–253

**Машқи 251.** Шумораҳои таркиби ҷумларо муайян кунед. Онҳоро бо калимаҳо ба дафтар нависед.

1. Бино ба маълумоти Мирзо Улуғбек як сол аз 365 рӯзу 6 соату 10 дақиқаву 8 сония иборат мебошад. 2. Абуалӣ ибни Сино зиёда аз 450-то асар эҷод кардааст. 3. Асари чаҳорҷилдаи «Қонуни тиб» 36 маротиба аз нав чоп шудааст. 4. Дар Ӯзбекистони соҳибистиқлол ҷашнвораҳои 1120-солагии Абӯисо Термизӣ, 920-солагии Маҳмуд Замахшарӣ, 850-солагии Наҷмиддин Кубро, 675-солагии Баҳоуддин Нақшбанд, 1225-сола-

гии Имом Бухорӣ, 600-солагии Хоҷа Аҳрори Валӣ хеле бошукӯҳ пешвоз гирифта шуд.

**Машқи 252.** Ҷумлаҳои аз шумораҳои аслӣ ва тахминӣ таркибёфтаро дар алоҳидагӣ номбар кунед.

1. Дар поёни сандалӣ ду мӯйсафед менишаст. 2. Ману ӯ 15–20 қадам дуртар дар байни алафҳо пинҳон шудем. 3. Шаш аспакӣ асп давонда баромад. 4. Гургҳо одатан 5–6 бача таваллуд мекунанд.

**Машқи 253.** Зарбулмасалу мақолҳои дар таркиб шумора доштаро ба хотир оварда, нависед.

*Намуна:* Ҳафт бор чен куну як бор бур.

## ДАРСИ 77. ШУМОРАИ ТАРТИБӢ

> Шумораҳои тартибӣ аз шумораҳои аслӣ ба воситаи пасванди **-ум (-юм)** сохта мешаванд: **якум, дуюм, чорум, сиюм, чилум.**

**Машқи 254.** Бо илова намудани пасвандҳои *-ум, -юм* шумораҳои аслии даҳиро нависед.

**Машқи 255.** Шумораҳои тартибии таркиби матнро муайян кунед.

Рӯзи якуми таваллуд тойча бештар хоб мекунад, рӯзи дуюм баръакс, ба по меистад, қадам мезанад. Рӯзи сеюм баробари модараш қадам зада давутоз мекунад, ба ҳадде тездав мешавад, ки гумон мекунӣ, аз модараш мегузарад.

*(Аз «Мурғи сухангӯй»)*

**Машқи 256.** Матнро хонед ва дар мавзӯи «Баҳор» матн тартиб диҳед. Дар матн бештар шумораҳоро кор фармоед.

## 1 МАРТ – РӮЗИ АВВАЛИ ФАСЛИ БАҲОР



Баҳор фасли дилафрӯзи сол аст. Онро ҳама одамон дар ҳама ҷо бетоқатона интизор мешаванд. Ин фаслро фасли зиндашавии табиат, арӯси сол меноманд. Дар ҳақиқат ҳам, фасли зебову дилрабост фасли баҳор! Кӯҳу дара, саҳрову ҷангал, боғоти мевазор – ҳама сабзу хуррам аст. Бӯйи хуши сабзаҳои навхез ва гиёҳҳои гуногуни худрӯй ба тани одам қувваю руҳи тоза мебахшанд.

**Машқи 257.** Шумораҳои дилхоҳ нависед ва саволҳо гузоред.

## ДАРСИ 78. ИМЛОИ ШУМОРА

Пасвандҳои шумораи тартибӣ **-ум (-юм), -умин (-юмин)** якҷоя навишта мешаванд.

**Машқи 258.** Шинос шавед ва имлояшро ба хотир гиред. Шумораҳои тартибии пасвандҳои *-ум (-юм), -умин (-юмин)* қабулкунанда нависед.

Сеюм, сеюмин, панҷум, панҷумин, даҳум, даҳумин, шастусеюм, шастусеюмин.

> Шумораҳои тахминии **як-ду, се-чор, даҳ-понздаҳ, сӣ-чил, сад-дусад, ҳазор-ду ҳазор** ва ғайра бо нимтире (дефис) навишта мешаванд.
>
> Шумораҳои мураккаби аз ёздаҳ то нуздаҳ ва аз дусад то нӯҳсад: дувоздаҳ, шонздаҳ, ҳаждаҳ, сесад, шашсад ва ғайра якҷо навишта мешаванд.

**Машқи 259.** Шумораҳои мураккабро номбар кунед ва дар бораи имлояшон маълумот диҳед.

Дувоздаҳ, сию се, ҳафтсад, дуюм, чор, сиюм, дусад, панҷ, нуздаҳ, шаст, ҳазор, сад, бисту як, ҳаштум, дусаду бисту панҷ, понздаҳ.

**Машқи 260.** Хондани мавзӯъҳои омӯхташудаи шумора.

## ДАРСИ 79. ТАКРОРИ ШУМОРА

? **Саволҳо:**

1. Шумора чист?
2. Шумора ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Шумораи тартибӣ ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

5. Чӣ гуна шумораро шумораи тартибӣ меноманд?

6. Пасвандҳои *-ум (-юм)* бо шумораи аслӣ якҷоя навишта шаванд, чӣ гуна шумора пайдо мешавад?

## ТЕСТ

1. Шумораҳо аз ҷиҳати маъно ва аломатҳои дастуриашон ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?

а) ду гурӯҳ
б) ба се гурӯҳ
в) ба як гурӯҳ

2. Шумораи миқдори предметҳоро ифодакунандаи ба саволҳои *чанд? чӣ қадар?* ҷавобшаванда чӣ ном дорад?

а) шумораи тартибӣ
б) шумораи миқдорӣ
в) шумораи касрӣ

3. Шумораи тартибӣ ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?

а) чандум? б) чанд? в) чӣ қадар?

4. Шумора аз кадом ҷиҳат аз дигар шумораҳо фарқ дорад.

а) аз ҷиҳати ифодаи аломат
б) аз ҷиҳати ифодаи миқдори предмет
в) аз ҷиҳати ифодаи номи предмет

5. Шумораҳои чорум, панҷум ба кадом савол ҷавоб мешаванд?

а) чанд? б) чандум? в) чӣ қадар?

# ҶОНИШИН

## ДАРСИ 80. ҶОНИШИН

Ҳиссаи нутқе, ки ба ҷойи исм, сифат ва шумора кор фармуда мешавад, **ҷонишин** ном дорад.

**Машқи 261.** Бо интихоби яке аз ҷонишинҳо ҷумла тартиб диҳед.

Ҳама, ҳамин, ҳамчунон, ҳар кӣ, кадом, чандин, инчунин, ҳеҷ кадом, чӣ тавр, ин тарз, худ, чунон, якчанд, ҳеҷ кадом, хеш, ҳамдигар, ҳар, якдигар, ягон, баъзе, мо, онон.

**Машқи 262.** Ба ҷойи нуқтаҳо ҷонишинҳои заруриро гузошта, порчаҳои шеъриро пурра кунед.

Тавоно бувад, ... доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

*Абулқосим Фирдавсӣ*

... аз пеши ... чизе нашуд,
... оҳан ханҷари тезе нашуд.

*Ҷалолиддин Румӣ*

**Ҷонишинҳо барои истифода:** ҳар ки, ҳеҷ кас, худ, ҳеҷ.

**Машқи 263.** Исми аввали ҷумлаҳоро бо ҷонишинҳои шахсӣ иваз карда нависед.

1. Бачаҳо аз талу теппаҳо гулҳои бахман, сиёҳгӯш чида хона ба хона мегарданд.

2. Кадбону гулҳоро гирифта, се бор ба чашму абрӯ молида, орзу мекунад, ки боз ба баҳору Наврӯзҳои бисёр бирасад, сол осуда ва рӯзгораш фаровон шавад.

**Машқи 264.** Такрори мавзӯи азхудшуда.

## ДАРСИ 81. ҶОНИШИНҲОИ ШАХСӢ

Ҷонишинҳое, ки ба ҷойи шахсҳо кор фармуда мешаванд, **ҷонишинҳои шахсӣ** ном доранд.

**Ман, ту, вай, мо (моҳо, моён), шумо (шумоён, шумоҳо), онҳо (онон), вайҳо** ҷонишинҳои шахсӣ ба шумор меравconfigure.

**Машқи 265.** Бо интихоби ҷонишинҳои шахсӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

| **Танҳо** | | **Ҷамъ** | |
|---|---|---|---|
| Ман | Ман дар синфи чорум мехонам. | Мо | Мо ба тамошои осорхона рафтем. |
| Ту | Ту кадом китобро хондаӣ? | Шумо | Шумо ояндаи халқу Ватан ҳастед. |
| Вай | Вай кӯмакрасони корҳои модаркалон аст. | Онҳо | Онҳо китобхониро дӯст медоранд. |

**Машқи 266.** Ба ҷойи нуқта ҷонишинҳои шахсии ба саволҳо ҷавобшаванда нависед.

1. **(киҳо?)** ... бисёр харид карданд. 2. **(кӣ?)** ... хушрӯй менависад. 3. **(кӣ?)** ... як дона себ додам. 4. **(киҳо?)** ... то пушти дар расидем. 5. **(киҳо?)** ... бар кӣ мадад расонем? 6. **(кӣ?)** ... алафу обат диҳам. 7. **(кӣ?)** ... болои кӯҳ баромад. 8. **(кӣ?)** ... ба гунҷишкак ёрӣ расондам.

**Машқи 267.** Ҷонишинҳои таркиби матнро муайян кунед.

Мову шумо дар замони аҷойибе зиндагӣ мекунем. Бароямон ҳама шароит муҳайёст. Зиндагиамон бо сериву пурӣ ва хушиву хурсандӣ мегузарад. Ҳамеша рӯйи дастархонамон аз неъмати муқаддас – аз нон сар карда, то дигар хӯрданиҳо пур аст. Оё шумо, бачаҳо, боре фикр кардаед, ки ҳамаи ин нозу неъматҳо аз куҷо меоянд, онҳоро кӣ меофарад?! Сарулибосе, ки мо мепӯшем, пеш аз ҳама, аз меҳнати кӣ ба вуҷуд меояд? Ҳамаи он аз меҳнати коркунони хоҷагии қишлоқ – деҳқонону чорводорон ва боғдорон офарида мешаванд. Аз ин рӯ, касби деҳқонӣ аз давраҳои қадим муқаддас ҳисобида мешуд ва ҳама ба он ниёз доштанд.

*Ибодулло Абдуллоев*

**Машқи 268.** Бо интихоби ҷонишинҳои шахсии *ман, ту, вай* ҷумлаҳо тартиб диҳед. Шахсҳои ифодакардаи ҷонишинҳои шахсиро номбар кунед.

*Намуна:* 1. Дӯстони азиз, ман бароятон хабари хуш овардам.

2. Мо натиҷаи кори ҳар касро санҷида мебинем.

## ДАРСИ 82. КОРБАСТИ ҶОНИШИНҲОИ ШАХСӢ ДАР НУТҚ

**Ҷонишинҳои шахсӣ ба се шахс ҷудо мешаванд: шахси якум – гӯянда: ман, мо (моён, моҳо), шахси дуюм – шунаванда: ту, шумо (шумоён, шумоҳо), шахси сеюм – ғоиб: ӯ, вай, онҳо (онон), вайҳо.**

**Машқи 269.** Ҷонишинҳоро аз рӯйи тартиби шахсу шумора нависед.

Ӯ, мо, вайҳо, ман, ту, шумо, вай (шумоён, шумоҳо), (моён, моҳо), онҳо (онон).

**Машқи 270.** Ба ҷойи нуқтаҳо ҷонишинҳои шахсии мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед.

1. ... ин муамморо танҳо ба воситаи ... ҳал карда метавонистам. 2. ... дар гирди гулхан нишастем. 3. ... ба кӯҳсор меравам. 4. ... хонда метавонем. 5. Лабҳои ... танбӯр шуд. 6. ... аз паяш давидам.

**Ҷонишинҳои шахсӣ барои истифода:** ман, ӯ, мо.

**Машқи 271.** Бо навиштани матни номаи табрикотӣ модару модаркалон, хоҳару хоҳарчаатонро бо рӯзи ид табрик кунед. Дар матн бештар ҷонишинҳои шахсиро кор фармоед.

## 8-МАРТ – РӮЗИ ИДИ БОНУВОН

Рӯзи 8-март дар сар то сари сайёраи мо ид аст. Иди модарон, иди онҳое, ки ҳанӯз аз дақиқаҳои аввалини ба дунё омаданамон меҳру муҳаббат



додаанд. Мо алфози ширину дастони навозишкори вайро ҳис кардаем. Ин рӯзи саидро иди баҳор, зебоӣ ва табассум ҳам мегӯянд. Ин идро ҳар яки мо дӯст медорем. Тӯҳфаҳо тайёр мекунем ва онҳоро ҳамчун рамзи меҳру муҳаббати бепоёни худ ба шахсони аз ҳама азизу мӯътабар – модарон, момою хоҳаронамон тақдим менамоем.

Имрӯз ба диёрамон боз баҳори нозанин омадааст. Вай ба пешвози Иди модарони мо тӯҳфаҳо пешкаш намудааст. Тӯҳфаи ӯ замини сабзу хуррам ва боғу чамани гулпӯш аст.

Идатон муборак, модарону хоҳарони азизу ғамхор!



**Машқи 272.** Бо ҷонишинҳои шахсии якуму дуюми танҳову ҷамъ ҷумлаҳо нависед.

## ДАРСИ 83. БО ҶОНИШИНҲОИ ШАХСӢ ТАРТИБ ДОДАНИ ҶУМЛАҲО

**Машқи 273.** Бо ҷонишинҳои шахси якуми гӯяндаи *ман, мо (моён, моҳо)* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 274.** Бо ҷонишинҳои шахси дуюми шунавандаи *ту, шумо (шумоён, шумоҳо)* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 275.** Бо ҷонишинҳои шахсӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед, ки онҳо чунин маъноҳоро ифода карда бошанд.

Ҷонишини **шумо** – ҳурмату эҳтиромро.
Ҷонишини **мо** – хоксориро.
Ҷонишини **ман** – манманию такаббуриро.

*Намуна:* Шумо ғами мардум, беҳбудии тарзи зисти меҳнаткашонро меҳӯред.

**Машқи 276.** Бо ҷонишонҳои шахси сеюми ғоиб *ӯ, вай, онҳо (онон), вайҳо* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 84. АЗ ТАРКИБИ ҶУМЛА МУАЙЯН НАМУДАНИ ҶОНИШИНҲОИ ШАХСӢ

**Машқи 277.** Ҷонишинҳои шахсии таркиби ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Мо аз тамошои шаҳрҳои таърихӣ ва шиносоӣ бо анъанаҳои миллии Ӯзбекистон завқи зиёд бардоштем. 2. Вай аз беист давиданҳо монда шуда буд. 3. Онҳо субҳгоҳон хушхонӣ мекунанд. 4. Ман ба осмон нигаристам.

**Машқи 278.** Матнро хонед, ҷонишинҳои таркиби онро номбар кунед. Шеърҳои ба ҳаққи модар аз ёд кардаатонро гӯед.

Модар! **Зимни** ин панҷ ҳарф чӣ қадар меҳру муҳаббат, хушгуфторию хушрафторӣ, бузургиву муҷассамаи хоксорӣ ниҳон аст. Дар олам муқаддастар аз модар касе нест. Оре, тамоми ҳастии вуҷуди мо аз модар аст, маҳз бо туфайли ҷонкоҳии модар мо ба дунё омада, чун инсон ба камол расидем. Аз ин ҷост, ки мо ӯро муқаддас мешуморему дар лаҳзаҳои душвортарин номашро ба забон мегирему мегӯем: Модар! Модарҷон!

Меҳру муҳаббати самимии модар ва шабзиндадориҳои модар – ин ҳамаро бо ҳеҷ чиз баробар натавон кард. Модар ҳаст, ки мо ҳастем. Вақте ки симои ӯ пеши назар меояд, аз чашмони ӯ, аз тамоми ҳастии вай нур меборад. Ин нур роҳи ояндаи ҳаётамонро равшан месозад. Ширинтарину гуворотарин ва азизтарин сухан – модар мебошад.

Модар! Ту чашмаи ҳаёти инсон ҳастӣ ва ҳаёти инсон ба ту вобаста аст.

*(Аз «Илм ва ҳаёт»)*

**Шарҳи луғат:**

**Зимн** – дарун, мобайн
**Муҷассам** – таҷассум
**Ниҳон** – пӯшида, пинҳон
**Муқаддас** – пок, беолоиш
**Вуҷуд** – ҳастӣ, мавҷудият
**Гуворотарин** – форамтарин
**Маҳз** – алалхусус
**Ҷонкоҳӣ** – ғамхорӣ, меҳрубонӣ
**Самимӣ** – меҳрубонона
**Шабзиндадорӣ** – бедорхобӣ

**Машқи 279.** Исмҳои аввали ҷумлаҳоро бо ҷонишинҳои шахсӣ иваз карда, ба дафтар рӯбардор кунед. Ҷонишинҳои корбаст намудаатонро гӯед.

**киҳо?** **кӣ?**

1. Кӯдакон рақс мекунанд.
2. Омӯзгор ҳикояи шавқоварро нақл кард.

**Машқи 280.** Аз таркиби афсонаҳои дилхоҳи китоби дар даст доштаатон ҷумлаҳои ҷонишиндор интихоб намоед.

## ДАРСИ 85. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 281–284

**Машқи 281.** Шахсу шумораи соҳиби амали ҷумлаҳоро номбар кунед.

1. Ду пояшро дар як мӯза андохт. 2. Лаб ба сухан кушод. 3. Гапи кӯҳнаро бод медод. 4. Хобатро ба об гӯй. 5. Аз таҳти дил хизмат кун.

**Машқи 282.** Матнро хонед ва бо интихоби ҷонишинҳо дар мавзӯи «Ҳар рӯзатон Наврӯз бод, Наврӯзатон фирӯз бод!» суханҳои табрикотӣ нависед.

### 21 МАРТ – ҶАШНИ НАВРӮЗ



Ба истиқболи иди баҳор кӯҳсори сарсафед домани худро бо сабзаю гул пӯшонда, хурсандӣ мекунад. Дашту саҳро ба сар чодари рангин гирифта, ба Иди Наврӯз тайёрӣ мебинад. Обшорон таронаи наврузӣ мехонанд. Насими форам ба ҳар кӯҳ муждае мебарад.

Рӯзи Наврӯз мардум либоси наву тоза мепӯшанд, ба тамошо мебароянд, сайри лола меравонд, онҳо якдигарро муборакбод мекунанд, ба якдигар хушбахтӣ мехоҳанд. «Ҳар рӯзатон Наврӯз бод, Наврӯзатон фирӯз бод!» – мегӯянд.

**Машқи 283.** Ба воситаи хабари ҷумла ҷонишинҳои шахсии ифодакунандаи соҳиби амалро муайян кунед.

1. Соли навро дар хонаи нав пешвоз мегирем. 2. Дар бозиҳои гуногун иштирок менамоянд. 3. Намоишҳои завқоварро тамошо кардем.

**Машқи 284.** Матнро хонед ва бо интихоби ҷонишинҳои шахсӣ дар бораи базми гулҳои диёри худ баён кунед.

Гулҳои баҳман, сиёҳгӯш ва наврӯзӣ дар ҳар маҳал вобаста ба шароити табиию ҷуғрофӣ баробар намешукуфанд. Аз ин рӯ, маросими гулгардонӣ дар ҳар ноҳия пасу пеш барпо мегардад. Дар аксари маҳалҳо ин маросимро аввали моҳи ҳут ё дар миёнаҳои он, яъне, охири моҳи феврал ва аввали моҳи март – ду ҳафта пеш аз иди Наврӯз мегузаронанд. Сокинони деҳаҳои болооби Зарафшон гули баҳманро «бойкандак» меноманд ва таронааш низ бо ин ном маъмул аст. Тарзи гузаронидани маросими гулгардонии «бойкандак» ба маросимҳои гулгардонии маҳалҳои дигар монанд аст. Аммо вазни шеър, мазмуну мундариҷаи он аз таронаҳои «Бойчечак» ва «Сияҳгӯш» каме фарқ мекунад.

# ДАРСИ 86. ТАКРОРИ ҶОНИШИН

**Саволҳо:**

1. Ҷонишин чист?
2. Ҷонишин ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Ҷонишинҳои шахсӣ гуфта чӣ гуна ҷонишинҳоро дар назар доред?
4. Ҷонишинҳои шахси якуми танҳову ҷамъ кадом аст?
5. Кадоме аз ҷонишинҳои шахсӣ ҳурмату эҳтиромро ифода мекунанд?
6. Ҷонишини шахси якуми танҳо кадом аст?
7. Фарқи ҷонишин аз исму сифат дар чист?

## ТЕСТ

1. Ҷонишини шахсиро муайян кунед.

а) худам б) ман в) мардум

2. Кадоме аз онҳо ҷонишини шахсии якуми танҳост?

а) мо б) моён в) ман

3. Ҷонишҳои шахсии дуюми ҷамъро муайян кунед.

а) шумо (шумоён, шумоҳо)
б) мо (моён, моҳо)
в) онҳо (онон), вайҳо

4. Ҷонишинҳои ифодакунандаи шахси сеюми ғоибро дарёфт намоед.

а) ман, мо (моён, моҳо)
б) ӯ, вай, онҳо (онон), вайҳо
в) ту, шумо (шумоён, шумоҳо)

5. Дар вақти мубодилаи афкор хурдсолон нисбат ба калонсолон кадом ҷонишини шахсиро кор мефармоянд?

а) туро б) шуморо в) ӯро

6. Кадоме аз ҷонишинҳои шахсӣ дар қисми зиёди матнҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд?

а) ман б) ту в) шумо

7. Ҷонишинҳои шумораи танҳо кадоманд?

а) ман, ту, вай

б) мо, шумо, онҳо

в) моён, шумоён, онҳо

8. Ҷонишинҳои шахсӣ одатан дар кадом қисми ҷумла кор фармуда мешаванд?

а) байн б) охир в) аввал

9. Ҷонишин ба ҷойи кадом ҳиссаҳои нутқ меояд?

а) исму сифату шумора б) феълу зарф

в) пайвандак

10. Кадоме аз ҷонишинҳо шахси сеюми ғоиби танҳоро ифода мекунад?

а) онҳо б) онон в) ӯ

## ЗАРФ

### ДАРСИ 87. ЗАРФ

Он ҳиссаи нутқе, ки тарзи иҷро, замон, макони амалро ифода мекунад, **зарф** ном дорад.

Зарф ба саволҳои **кай? дар куҷо? чӣ тарз?** ва ғайра ҷавоб мешавад.

**Машқи 285.** Бо интихоби зарфҳо ҷумлаҳои мазмунан алоқаманд тартиб диҳед.

**дар куҷо?**

имрӯз

кай? [ ] бегоҳ

дирӯз

**чӣ тарз?**



**Машқи 286.** Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед.

1. Даврон ... омад. 2. ... пуфак кафид. 3. Турнаҳо одатан, ... мепаранд. 4. ... ба шикор мебарояду роҳҳои дурро тай мекунад.

**Зарфҳо барои истифода:** тез-тез, села-села, қарсикунон, давида.

**Машқи 287.** Савол гузоред ва зарфҳои таркиби тезгӯякҳоро муайян кунед.

Саг дар зери сада,
Хорпушт дар рӯйи беда.

* * *

Имрӯз аз дирӯз,
Фардо аз имрӯз – беҳтар.

**Машқи 288.** Бо зарфҳои *дартоз, даррав, дарҳол* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Намуна:* Гулрӯ даррав омада, ба мо хабар дод.

## ДАРСИ 88. КОРБАСТИ ЗАРФИ ТЕЗ ВА ОҲИСТА ДАР НУТҚ

**Машқи 289.** Ба ҷойи нуқта зарфҳои ифодакунандаи тезиву сустии суръати амалро ҷобаҷо гузошта, ҷумлаҳоро пурра намоед.

1. Фароштурук ... поён мефаромад. 2. Орзуи калони ман ин буд, ки ... забони русиро ёд гирам. 4. Вай ... маро аз дастам дошта гирифт. 5. Автобуси мо ... медавид.

**Зарфҳо барои истифода:** тирвор, тезтар, дартоз, бошаст.

**Машқи 290.** Ба зарфҳои ифодакунандаи суръати амал саволҳои мувофиқ гузоред.

1. Оби наҳр **оҳиста-оҳиста** хира мегардид. 2. **Ногоҳ** аз дар даромада омад. 3. Пойҳоямро **базӯр** мебардоштам. 5. Вай меҳмонҳои баландмартабаро **бесаброна** мунтазир буд. 6. Ду рӯз боз **беором** борон меборид. 7. Бо вуҷуди болҳои паҳну калон доштанаш вай шабона хеле ором парвоз мекунад.

**Машқи 291.** Аз рӯйи ифодаи суръати зуд ва оҳистагии амал ҷумлаҳоро ба ду гуруҳ ҷудо кунед.

1. Ҳамдамфӯрма аз он ҷо **бошитоб** гузашта рафт. 2. Таманно то зону тар шуда, ҳамон зайл **оҳиста-оҳиста** то нисфи роҳ рафту ногаҳон сахт лағжида якпаҳлу афтид. 3. Ман **даррав** чашмонамро бо остинам пок кардам. 4. Об ғулғула бардоштаву печида, **башаст** меомад. 5. Ба ман чунин менамуд, ки бача **хеле оҳиста** калон шуда

истодааст. 6. Дар дуродур нуқтаҳои бисёре **алмосвор** медурахшиданд.

**Машқи 292.** Дар алоҳидагӣ панҷтогӣ зарфҳои ифодакунандаи суръати зуд ва оҳистагии амалро нависед.

*Намуна:* Занбӯр **зуд** парвоз кард.

Фарзанди роҳгарди модар **оҳиста-оҳиста** қадам мемонд.

## ДАРСИ 89. КОРБАСТИ ЗАРФИ ИМРӮЗ ВА ДИРӮЗ ДАР НУТҚ

**Машқи 293.** Бо зарфҳои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Имрӯз, дирӯз, пасфардо, порсол, пареррӯз, имсол.

*Намуна:* Имрӯз офтоби ҷонбахш ба деҳа доман-доман нур мепошад.

**Машқи 294.** Матнро хонед, зарфҳои таркиби онро муайян кунед.

## НАСИҲАТИ ЛУҚМОНИ ҲАКИМ БА ФАРЗАНД

– Эй фарзанд, дар хурдсолӣ қабули адаб кун, дар солхӯрдагӣ аз он суд хоҳӣ бурд.

– Эй фарзанд, ҷаҳд кун, имрӯзат беҳтар аз дирӯз ва фардоят беҳтар аз имрӯз бошад.

– Эй фарзанд, пурфикр ва камсухан бош, то тавонӣ мазоҳ макун. Касеро ришханд манамо, то мавриди маломат воқеъ нашавӣ.

– Эй фарзанд, ман аз анвои таоми лазиз хӯрда, зебоии фаровон дида ва лаззати бисёр

дар зиндагӣ чашидаам. Ҳеҷ чизро лазизтару гуворотар аз сиҳҳату офият наёфтам.

*(Аз «Ганҷинаи васоё»)*

**Шарҳи луғат:**

**Адаб** – одоб
**Солхӯрда** – куҳансол, пир
**Суд** – фоида
**Ҷаҳд** – кӯшиш
**Ришханд** – нописандӣ
**Маломат** – танқид
**Анво** – маҳсулот
**Гуворо** – азиз
**Офият** – беморӣ
**Васоё** – васиятҳо

**Машқи 295.** Сето ҷумлаи дилхоҳи дар таркиб зарф дошта тартиб диҳед. Ба аъзоҳои ҷумла саволҳои мувофиқ гузоред.

**киҳо? кай? чӣ хел? ба куҷо? чӣ кор карданд?**

*Намуна:* Духтарон ин пагоҳ барвақттар ба саҳро баромаданд.

## ДАРСИ 90. КОРБАСТИ ЗАРФИ ШАБ ВА РӮЗ ДАР НУТҚ

**Машқи 296.** Ба ҷойи нуқта зарфҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро пурра намоед.

Мо хеле пеш аз дамидани ... ба роҳ баромадем. 2. Он ... дар канори рӯди кӯҳӣ дам мегирифтем. 3. ... барфи бисёр борид. 4. ... аз кор баргашта, боз шоҳиди он нохушӣ гардид. 5. ... бо чобукӣ ба шохи дарахтҳо баромада, паррандаҳои хобидаро дошта мехӯрд. 6. Мо онро ... мехонем. 7. ... маҳтоб баромад.

**Зарфҳо барои истифода:** субҳ, рӯз, дишаб, бегоҳӣ, шабона, субҳу шом, шаб.

**Машқи 297.** Бо зарфҳои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Шаб, имшаб, дишаб, шабона, бегоҳӣ, шом.

*Намуна:* Рӯзона дар лона хобида, шабона ба шикор мебарояд.

**Машқи 298.** Зарфҳои таркиби шеърро муайян кунед.

### ГУЛИ СИЯҲГӮШ

Пардаи шаб фуромад,
Ситора ҳам баромад.
Вақти саҳар фурӯ рехт,
Қад-қади роҳу ҷӯ рехт.
Гули сияҳгӯш шуд,
Зеби баногӯш шуд.

*Юсуфҷон Аҳмадзода*

**Машқи 299.** Бо зарфҳои *базӯр, поён, боло, баҳузур* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 91. ЗАРФҲОИ ТАКРОР

**Машқи 300.** Аз силсилаи мисолҳо зарфҳои такрорро муайян кунед.

Оромона, даста-даста, зуд, гурӯҳ-гурӯҳ, бошиддат, ҷо-ҷо, беист, халта-халта, бемисл, доман-доман.

**Машқи 301.** Бо зарфҳои такрор ҷумлаҳо тартиб диҳед. Тарзи навишташонро ба хотир нигоҳ доред.

Зуд-зуд, оҳиста-оҳиста, тез-тез, давон-давон

*Намуна:* Бемор вазнин-вазнин нафас мекашид.

**Машқи 302.** Ба ҷойи нуқта зарфҳои ифодакунандаи замони амалро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед.

1. Ҳамин шаб ... ё саҳарӣ барвақт баромада меравем. 2. ... абрҳо пароканда шуданд. 3. Падарам ... саёҳат карданро дӯст медошт ва маро бисёр вақт бо худ мегирифт.

**Зарфҳо барои истифода:** шабона, чоштгоҳ, саҳаргоҳон.

## ДАРСИ 92. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 303–306

**Машқи 303.** Ба зарфҳои ифодакунандаи миқдору дараҷаи амал саволҳо гузоред.

Бисёр, андак, хеле, бағоят, басе, беҳад, торафт.

**Машқи 304.** Бо интихоби дуто зарфи дилхоҳ ҷумла тартиб диҳед.

Нохост, якбора, тирвор, баргибедвор, қасдан, барқсон.

**Машқи 305.** Ба зарфҳои бо ранги сиёҳ ишора гардида саволҳо гузоред.

1. Маҳмуд китобро кушода хоҳаму нахоҳам варақ задан мегирад. 2. Беҳуда сӯйи мо нигоҳ намекард. 3. Ӯро зӯран ва маҷбуран аз хона баровраданд. 4. Барномаи мусиқӣ бо иштироки сарояндагони сурудҳои эстрадӣ, масхарабозон бағоят шавқовар мегузарад.

**Машқи 306.** Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра ба дафтар рӯбардор кунед.

1. Санг ба нишона ... расид. 2. Ман ... шод будам. 3. Шаб ... торик буд. 4. Ӯро ... аз ин ҷо ронданд.

**Зарфҳо барои истифода:** бехато, беҳад, беандоза, бесабаб.

## ДАРСИ 93. ИМЛОИ ЗАРФ

Зарфҳое, ки аз такрори калима сохта шудаанд, бо нимтире навишта мешаванд.

охиста-охиста
зуд-зуд **чӣ тарз?**
тозон-тозон

Меравем давон-давон,
Ба ҳавлии бибиҷон.
Ҳавлияки бибиҷон,
Пур мешавад аз меҳмон.

**Машқи 307.** Зарфҳои такрор нависед. Доир ба тарзи навишташон маълумот диҳед.

Зарфҳое, ки бо пешвандҳои **ба-, бо-, бар-, бе-, дар-, но-, то-** сохта шудаанд, якҷоя навишта мешаванд: **баногоҳ, бакуллӣ, бодиққат, бомуваффақият, ботафсил, барвақт, барқасд, бемаврид, дарҳол, дарвоқеъ, ногоҳ, торафт** ва ғайра.

**Машқи 308.** Бо зарфҳои якҷоя навишташаванда сето ҷумла тартиб диҳед.

Зарфҳое, ки аз такрори калима ва пешоянд иборатанд, ҷудо навишта мешаванд: дам ба дам, рӯз то рӯз, ваҷаб ба ваҷаб, сол ба сол, хона ба хона ва ғайра.

**Машқи 309.** Бо зарфҳои ҷудо навишташаванда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Намуна:** Тундар дам ба дам хурӯш карда, шохҳои атрофро гӯё ба тангӣ медаровард.

## ДАРСИ 94. ТАКРОРИ ЗАРФ

### Саволҳо:

1. Зарф чист?
2. Зарф ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
3. Зарф чигунагии аломати предметро ифода мекунад?
4. Зарфҳои ифодакунандаи суръати тезиву сустии амал кадомҳоянд?
5. Зарфҳои ифодакунандаи замони амал кадомҳоянд?
6. Зарф аз феъл чӣ фарқ дорад?

### ТЕСТ

1. Саволи зарф дар кадом банд навишта шудааст?

а) чӣ хел? чӣ гуна?
б) чӣ кор кард? чӣ шуд?
в) кай? чӣ тарз? чӣ қадар?

2. Кадом калимаи ҷумлаи «Бо ӯ ҷавонвор ҳазлу шӯхиҳо мекарданд» зарф ба шумор меравад?

а) ҳазлу шӯхиҳо б) ҷавонвор
в) мекарданд

3. Ба ҷойи нуқта кадом зарфро гузорем, ҷумлаи «Шамол ... шиддат мекард» мантиқан дуруст мегардад?

а) торафт б) нохост в) шабу рӯз

4. Ҷумлаи нопурраи «Ман ... шод будам»-ро бо дарёфти зарфи даркорӣ пурра кунед.

а) баҳои аъло б) хариди курта
в) беҳад

5. Зарфи ҷумлаи «Ин китобчаро ман бисёр писандидам» ба кадом савол ҷавоб мешавад?

а) кай б) дар куҷо? в) чӣ қадар?

6. Зарфи ҷумлаи «Кӯдакон оромона мехобиданд» ба кадом савол ҷавоб мешавад?

а) барои чӣ? б) чӣ тарз? в) аз чӣ сабаб?

## ПАЙВАНДАК

### ДАРСИ 95. ПАЙВАНДАК

Ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ, ки аъзоҳои чидаи ҷумла ва ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро бо ҳам алоқаманд менамояд, **пайвандак** ном дорад.

**ва, -у, (-ю, -ву), аммо, вале, лекин, балки, ё, ё ки, ё ин ки** пайвандак ба шумор меравrouting.

**Машқи 310.** Мазмуни порчаи шеъриро шарҳ диҳед.

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Аклҳоро ақлҳо ёрӣ диҳад.

*Ҷалолиддини Румӣ*

**Машқи 311.** Пайвандакҳои таркиби матнро муайян кунед. Тарзи навишташонро фаҳмонед. Кадоме ҷудо кадоме якҷоя навишта шудааст?

Табиат аз хоби дарози зимистон бедор шуда, дар канори пайраҳаю лаби ҷӯйҳо қоқую пудина ва сабзаҳои гуногун рӯйиданд. Офтоб нурҳои роҳатбахши худро бедареғ ба сари замин рехта, ба ҷисму ҷони наботот нашъа медавонд. Аз хандаҳои сабзи дарахтон ва хониши гуногуноҳанги паррандагону садои ҳашарот табиат тӯйхонаро мемонд. Дар баробари нумӯи табиат тараддуди мардуми деҳа низ оғоз ёфт. Акнун ягон ҳаёт ё боғе набуд, ки он ҷо нафаре дар даст белу каланд ҷунбуҷӯл намекарда бошад.

*(Аз «Лавҳи сангин»-и Равшани Махсумзод)*

**Машқи 312.** Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандакҳои *аммо, вале, ё, ё ин ки* гузошта, бо навиштани ҷумлаҳо муносибатҳои хилофиву ҷудоиро равшан гардонед.

1. Ҳаво торафт гармтар мешуд, ...
2. Насими форам мевазад, ...
3. Кӣ медонад, ки имрӯз ҳаво гарм мешавад, ...
4. Ягон воқеа рӯй надод, ...

**Машқи 313.** Бо интихоби пайвандаки дилхоҳ дуто ҷумла тартиб диҳед.

*Намуна:* 1. Тезгӯяк мегӯянд ва ҷавоби чистонҳоро дармеёбанд. 2. Шеърро аз аввал то охир хонд, лекин аз ёд гуфта натавонист.

## ДАРСИ 96. ИҶРОИ МАШҚҲО БО ПАЙВАНДАКИ *ВА -У, -Ю*

Пайвандаки **ва -у, -ю** калимаву ибораҳои пайдарпай, инчунин ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвастро мазмунан бо ҳам пайваст мекунад.

Пайвандаки **ва** аз калимаҳои пеш ва пас аз худ омада ҷудо, пайвандакҳои **-у, -ю** бо калимаҳои пеш аз худ омада якҷоя навишта мешаванд.

**Машқи 314.** Пайвандакҳои таркиби калимаҳои пайдарпайро муайян кунед.

1. Салим ва Ҳалим дар рӯйи ҳавлӣ бозӣ мекарданд. 2. Онҳоро бесабаб рамзи садоқату вафодорӣ ва муҳаббати пок намегӯянд. 3. Дар тамоми ноҳияву шаҳрҳо хурдсолону наврасон аз назорати тиббӣ гузаронда шуданд.

**Машқи 315.** Мазмуни зарбулмасал ва мақолҳоро маънидод кунед. Бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1. Н**ону** намакро ҳалол карда хӯрдан.
2. Н**ону** насиба канда шудан.
3. П**ою** қадами худро ба ҷое гузоштан.
4. Дер ояд**у** шер ояд.

*Намуна:* Ман кайҳо поют қадами худро аз он ҷо канда будам.

**Машқи 316.** Матнро хонед, пайвандакҳои таркиби онро муайян кунед.

## НАХӮТАК

Нахӯтак хушҳол шуду бо садои баланд чеғ зад:
— Бобоҷон! Эй бобоҷон! Асоятонро ба ман дароз кунед! Ман даст гирифта мебароям.

Муйсафеди ришдарози ришсафед, ин ҳамон сеҳргаре буд, ки падару модари Нахӯтак ӯро зиёфат карда буданд. Муйсафед фаҳмид, ки ӯро касе чеғ мезанад. Сеҳргар ба даруни чуқурӣ нигоҳ карду писаракро дид. Ҳамон замон асояшро ба чуқурӣ дароз кард.

Нахӯтак ба асо сахт часпиду зуд ба берун баромад.

Писарак ба пирамарди сеҳргар ташаккур гуфту ба сӯйи хона давид.

Падару модараш Нахӯтакро дида бисёр хушҳол шуданд. Аз шодӣ барои мардуми деҳа зиёфат доданд. Ҳама хушҳолӣ карданд.

*(Аз «Афсонаҳои халқи тоҷик»)*

**Машқи 317.** Бо корбасти пайвандакҳои *ва -у, -ю (-ву)* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 97. ИҶРОИ МАШҚҲО БО ПАЙВАНДАКИ *АММО*

> Пайвандакҳои **аммо, вале, лекин, балки, валекин** муносибатҳои хилофиро нишон медиҳанд.

Пеш аз онҳо аломати вергул гузошта мешавад.

**Машқи 318.** Аломати китобатии пеш аз пайвандаки *аммо* гузошташударо номбар карда, муносибату амали бо он иҷрошударо гӯед.

1. Ман ҳам он вақтҳо кам-кам шеър мегуфтам, аммо шеъри худро ба касе нишон намедодам. 2. Рӯйи харсанг нишаста, парвози ҷонварро мушоҳида менамудем, аммо он ҳеҷ дур намерафт. 3. Чеҳраи ӯ ба назари Шодмон хеле гарм тофт, аммо ҳарчанд зӯр зад, ба ёд оварда натавонист.

**Машқи 319.** Бо интихобу ҷобаҷогузории калимаҳои поёнӣ ҷавоби мантиқан дуруст ёбед.

| ГУЛШАНИ ТАФАККУР | |
|---|---|
| Гул растанӣ аст, аммо булбул | |
| Лаклак парранда аст, аммо шер | |
| Чойник зарф аст, аммо дафтар | |
| Шоха қисми тана аст, аммо тана қисми | |
| Зардолу зард аст, аммо гелос | |
| Мор мехазад, аммо мусича | |

**Калимаҳо барои истифода:** ашёи хониш, дарахт, парранда, ҳайвон, сурх, мепарад.

**Машқи 320.** Мавриди истеъмоли пайвандакро хотирнишин кунед.

Аммо ҳоло ту хурдӣ,
Чун як тори гӯгирдӣ.

*Шодӣ Саттор*

Дилбурдагон зиёд,
аммо ту дигарӣ,
Сад гуна меҳру ёд,
аммо ту дигарӣ.

*Хусрав Саъдуллоҳ*

**Машқи 321.** Бо истифодаи пайвандаки *аммо* сето ҷумла тартиб диҳед.

## ДАРСИ 98. ИҶРОИ МАШҚҲО БО ПАЙВАНДАКИ *ВАЛЕ*

**Машқи 322.** Муайян кунед ва гӯед, ки пайвандаки *вале* чӣ гуна муносибату амалро ифода кардааст.

1. Деҳқон ӯро медид, вале зӯраш намерасид, ки пеш кунад. 2. Боз як зӯр зада дид, вале чӯпонро ба гап даровардa натавонист. 3. Шуҷоатмандона кор мекард, валекин он ҳеҷ гоҳ монда намешуд.

**Машқи 323.** Бо интихоби ҷумлаҳо қисми ҷумлаҳоро пас аз пайвандаки *вале* нависед.

1. Кабки зебоякам маро бинад, хониш мекунад, ...
2. Замини навбунёди атрофи деҳ соҳиб дорад мегӯед, ...
3. Корҳои ҳама баҷо мешаванд, ...
4. Ман ҳатман инро исбот мекунам, ...

**Ҷумлаҳо барои истифода:** дигаронро бинад хониш намекунад, бесоҳиб будааст, ту аз ӯҳдаи ин кор баромада наметавонӣ, корҳои ман бебарор аст.

**Машқ 324.** Чистонро хонед, ҷавобашро ёбед.

Чист он, ки дар тани мо
Беш аз ҳама ғамхор аст,
Шабҳо моро хобонад,
Аммо худаш бедор аст?



**Машқи 325.** Бо истифода аз пайвандакҳои *вале, валекин, валек* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Намуна:* Умри одамӣ маҳдуд асту кӯтоҳ, вале орзуҳо беҳудуд.

## ДАРСИ 99. ИҶРОИ МАШҚҲО БО ПАЙВАНДАКҲОИ *ЛЕКИН, БАЛКИ*

**Машқи 326.** Ҷумлаҳоро аз рӯйи пайвандакҳои фарогир ба ду гурӯҳ ҷудо кунед.

1. Медонӣ, лекин қасдан худро ба нодонӣ мезанӣ. 2. Шумо ҳеҷ вақт ба сӯҳбати мо халал намерасонед, балки баръакс дар ҳалли баъзе муаммо ёриатон мерасад. 3. Ман туро аз рӯйи дил ҷанг мекунам, лекин онҳоро ман аз ҷону дил заҳр мезанам. 4. Ҳеҷ саҳву хатое намешавад, балки кори хубе мешавад. 5. Ман даромада хобидан хостам, лекин дигар маро то саҳарӣ хоб набурд.

**Машқи 327.** Мавридҳои истеъмоли пайвандакро аз рӯйи вазифа хотирнишин кунед.

1. Омада маро бурданӣ шуданд, лекин ман розӣ нашудам.
2. Чашмони дурахшон, лекин андешманд, пешонаааш фарох, лекин пурчин, рухсорааш чун себи сурх тобон, лекин ғамгин, ки аз башарааш андешамандӣ намоён буд, ба хаёл фурӯ рафта, дар гӯшае аз бошишгоҳи мардум дуртар менишаст.

**Машқи 328.** Бо истифода аз пайвандакҳои *лекин, балки* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 100. ИҶРОИ МАШҚҲО БО ПАЙВАНДАКИ *Ё*

Пайвандаки ё дар нутқ муносибатҳои ҷудоиро ифода мекунад.

**Машқи 329.** Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандаки даркориро гузошта, мазмуни зарбулмасалу мақолҳоро маънидод кунед.

1. ... мактаб хону илм ёд гир, ... меҳмонхона шину панд ёд гир.
2. ... гарди мактабхона, ... чанги меҳмонхона.
3. ... гули саҳро бошӣ, ... санги дарё.
4. ... шаҳри азим, ... кӯҳи баланд.

**Машқи 330.** Хонед, маънову мазмунҳои ифодакардаашонро дар қисми холии ҷадвал қайд кунед.

| ДОНИСТАН МЕХОҲАМ | | |
|---|---|---|
| Ё ба зорӣ, ё ба зӯрӣ, ё ба зар | | |
| Ё тир мекафад, ё ҷувоз | | |
| Ё нона калон газ, ё гапа калон гӯй | | |

**Ифодаи маънову мазмун:** Ё ғалаба, ё мағлубият, ё ҳаёт, ё марг; боварибахш гап задан; барои ба даст даровардани мақсад ҳама василаҳоро ба кор бурдан.

**Машқи 331.** Шеърро хонед, муносибати ифода кардаи пайвандаки *ё*-ро гӯед.

Ё майсаҳои гандум
Бигрифта ранги алвон?
Ё сабзаҳо шукуфта
Омад чунин ба ҷавлон?

Ё шуд зи шабнами субҳ
Оинае падидор? –
Акси шафақ ба дида
Гардид аз он намудор?

*Эгами Назруллоҳ*

**Машқи 332.** Калимаҳоро ҷобаҷо гузоред ва пайвандаки *ё*-ро истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1. маро, гӯед, корро!
2. ба, розӣ, ташвишу ғусса, шав, пеши зоғ, бинеҳ, ҷигарбанд.

## ДАРСҲОИ 101. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 333–339

**Машқи 333.** Калимаҳои пайвандаки *-у* қабул кардаро ба дафтар рӯбардор кунед. Ҳиссаҳои нутқи пайваст намудаи пайвандакро гӯед.

Ҳамон рӯз бачаҳо белу каланду теша ба даст, ниҳолчаҳои ҳамин баҳор аз донакҳои зери дарахт сабзидаро ба сабаду сатилу қуттиҳо ниҳода ба мактаб оварданд. Ба чӯякҳо об рост карданду дар ҳар ваҷаб як бехӣ ниҳолча шинонда гирифтанд. Барои дарозу кӯтоҳ нашудани фосилаи байни зардолучаҳо ҳар кадоме дар даст ченчӯбак дошт.

*(Аз «Мурғи сухангӯй»)*

**Машқи 334.** Пайвандаки таркиби порчаи шеъриро номбар кунед.

Аз ноку шафтолуяш,
Аз ангуру олуяш,
Ҳамдеҳагон мечашанд,
Хурду калон мечашанд.

*Муҳаммад Ғойиб*

**Машқи 335.** Пайвандакҳои таркиби матнро муайян кунед. Доир ба тарзи навишташон маълумот диҳед.

Сири дандон монанди шишаю чинӣ нозук аст. Агар баъди хӯроки гарм дарҳол оби хунук нӯшем, сири дандон мекафад. Ҳангоми ба дандон шикастани чормағз, донаки зардолу ё бодому писта ҳам сири дандонро мекафонад. Дар ҷойи кафидаи дандон бар асоси мондани ин хӯрокҳо микробҳо зиёд шуда, оҳиста-оҳиста он ҷойро васеъ мегардонанд. Дар натиҷа аз гармиву хунукӣ дандон ба дард меояд. Аз таъсири гармиву хунукӣ, зарарёбӣ ва туршиву ширинии барзиёд сири дандонҳо мераванд. Ин таъсирот боиси урёнии дандонҳо гашта, онҳоро ба пӯсидан оварда мерасонад.

### Шарҳи луғат:

**Урён** – холӣ, ковок, луч

**Машқи 336.** Ба ҷойи нуқтаҳо пайвандаки мувофиқ гузошта, бо мазмуни ҷумлаҳо шинос шавед.

| ҲОДИСАҲОИ ОЛАМИ РАНГИН | |
|---|---|
| **КАДОМ ПАСВАНД?** | 1. ... меваҳо тез пазанд, зимистон барвақт меояд.<br>2. ... дар фасли тирамоҳ баргҳои дарахтон якбора резанд, зимистон қаҳратун мешавад.<br>3. ... бодом маротибаи дуюм гул кунад, зимистон сахт мешавад.<br>4. ... моҳӣ барои нафаскашӣ тез-тез ба рӯйи об барояд, борон меборад.<br>5. ... дар фасли зимистон гунҷишкон баробар ба хониш дароянд, ҳаво гарм мешавад.<br>6. ... саг бардавом аккос занад, ягон ҳодисаи табиӣ рӯй медиҳад. |

**Машқи 337.** Вазифаи пайвандакро аз рӯйи мазмуни ҷумла фаҳмонед.

Қомати ин одам аз миёна пасттар, рангаш сиёҳча, биниаш нӯгпаст ва паҳн, чашмонаш танги бемижгон, **аммо** сиёҳ, сараш он қадар калон не, **аммо** дарозрӯятар, пешонааш дӯнг ва ноҳамвор, рӯяш борик, **аммо** ду устухони ду ҷоғи болоиаш берун баромада дамидагӣ буд.

*(порча аз рӯзномаи «Овози тоҷик»)*

**Машқи 338.** Бо қоидаҳои имло шинос шавед ва аз хотир фаромӯш накунед.

**-ро, қатӣ (катӣ)** пасоянд мебошанд. Пасоянд пас аз калима омада, бо он якҷоя навишта мешавад.

Модар модагов**ро** дӯшид.

Калон аст мисли хона,
Калон бувад ва**ро** гӯш.
Бо ин ҳама бузургӣ,
Бечора тарсад аз муш.





1. Бародару додар якдигар**ро** хеле дӯст медоранд.
2. Пагоҳ ман шумо **катӣ** ба боғ меравам.
3. Додарам **қатӣ** ҳезум кашондем.
4. Нонҳои гарми пухтаи модарам**ро** хӯрдем.





**Машқи 339.** Порчаи шеъриро хонед. Ба мавзӯи «9 май – Рӯзи хотира ва қадр» матн тартиб диҳед. Дар матн бештар пайвандакҳоро кор фармоед.

Ҳар кӣ баҳри халқ қурбон гаштааст,
Шӯълаи тобони чашмон гаштааст.

*Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ*

## ДАРСИ 102. ТАКРОРИ ПАЙВАНДАК

**Саволҳо:**

1. Пайвандак чист?
2. Пайвандак ба кадом гурӯҳи ҳиссаҳои нутқ дохил мешавад?
3. Пайвандак оё ба савол ҷавоб мешавад?
4. Пайвандак ҳамчун ҳиссаи нутқ чӣ гуна вазифаро иҷро мекунад?
5. Кадом пайвандак дар байни калимаҳои чида дар алоҳидагӣ навишта мешавад?
6. Кадоме аз пайвандакҳо бо калимаҳои пеш аз худ омада якҷоя навишта мешаванд?
7. Кадоме аз пайвандакҳо муносибату амали хилофиро ифода мекунанд?
8. Пеш аз пайвандакҳои *аммо, вале, лекин, балки, ё* чӣ гуна аломати китобӣ гузошта мешавад?

**ТЕСТ**

1. Дар кадом банд пайвандаки дар байни калимаҳои пайдарпай ҷудо навишташаванда дарҷ гардидааст?

а) -у б) ва в) -ю

2. Пайвандакҳои бо калимаҳои пеш аз худ омадаи якҷоя навишташаванда кадом аст?

а) аммо б) ё в) -у, -ю -ву

3. Кадоме аз пайвандакҳои зерин ифодагари муносибати амали хилофӣ мебошанд?

а) ва -у, -ю (-ву)
б) аммо, вале, лекин, балки
в) ё

4. Пайвандаки ё чӣ гуна муносибати амалро ифода мекунад?

а) ҷудоиро б) хилофиро в) пайдарҳамиро

5. Пайвандак аз исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл ва зарф бо кадом ҷиҳат фарқ мекунад?

а) маънои луғавӣ надоштан ва ба савол ҷавоб нашудан

б) маънои луғавӣ доштан ва ба савол ҷавоб шудан

в) аз ҳеҷ кадом ҷиҳат

## ДАРСИ 103. ТАКРОРИ ЧОРЯКИ СЕЮМ

## ИБОРА

## ДАРСИ 104. ИБОРА

**Ибора** аз ду ва ё зиёда калимаҳои мазмунан бо ҳам алоқаманд таркиб меёбад. Бандаки изофӣ, пешоянду пасояндҳо воситаҳои алоқаи калимаҳои ибора ба шумор меравbooks.

**Машқи 340.** Муайян кунед ва гӯед, ки кадоме аз онҳо ибора аст.

| | |
|---|---|
| Бахт, ҷовидон | бахти ҷовидон, |
| Дил, хуррам | дили хуррам |
| Сар, сабз | сари сабз. |
| Мурғ, саодат | мурғи саодат |
| Замин, сабз, хуррам | замини сабзу хуррам |
| Фазл, камол, нав | фазлу камоли нав |

**Машқи 341.** Бо калимаҳо иборахо тартиб диҳед.




**Машқи 342.** Воситаи алоқаи калимаҳои ибораҳоро номбар кунед.

Шамолаки кӯҳистон, манзараи зебо, борони фасли баҳор, марди деҳқон.

**Машқи 343.** Ибораҳои зеринро навишта, ба сифатҳо савол гузоред.

Офтобаки хандонрӯ, кабки дарӣ, пайраҳаи печон, зоғи сиёҳтар аз дег.

**Машқи 344.** Матнро хонед, ибораҳои аз тарафи майна гуфташударо муайян намуда, бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Майна монанди тӯтӣ паррандаи сухандон аст. Табиатдӯстони асил чӯҷаи навзоди майнаро аз ошён гирифта, онро бо ҳар гуна ғизо калон ме-

кунанд. Бо мурури рӯзҳо ҷонвар ром мешавад. Онҳо ҳар бегоҳ ба парранда калимаҳои зеборо чил-панҷоҳ маротиба такрор намуда, меомӯзонанд. Ҳангоми «дарс» кӯшиш мекунанд, ки дар атроф саг ё гурбае набошад ва ҷонварон оромиро эҳсос мекунанд. Майна калимаву ибораҳои «Салом», «Хуш омадед», «Биёед, дароед», «Ташаккур», «Хайр», «Хоби хуш», «Роҳи сафед»-ро ёд гирифта, соҳиби худ ва меҳмононро бо чунин суханон истиқболу гусел мекунанд. Агар паррандаро дашном диҳад, дар ҷавоб «Ту аҳмақ» мегӯяд.

*(Аз ҳикояи «Кадом ҷонваронро медонед?»)*

**Машқи 345.** Панҷто ибора нависед, ки яке аз калимаҳояш бо феъл ифода ёфта бошад.

*Намуна:* болодаст шудан.

## ДАРСҲОИ 105–106. ИҶРОИ МАШҚҲО ДОИР БА ИБОРАСОЗӢ

**Машқи 346.** Шеърро хонед, ибораҳои ба тавсифи дӯст алоқамандро ба ҷадвал нависед.

Диёри босафою номдорам, Ӯзбекистон,
Замину боғҳои файзборам, Ӯзбекистон.
Замини сабзбахти ман туӣ, ту тахти ман бошӣ,
Ҷаҳони кӯдакӣ, гаҳвораам, ту Ӯзбекистон.
Қадамҷойи бузургону ниёгонам, туӣ ҷонам,
Ҳаёти пурнишоту нурборам, Ӯзбекистон.
Самоят ахтарафшон асту иқболат дурахшон аст,
Ту хуршеди сахию меҳрубонам, Ӯзбекистон

*Турсун Усмон*




**Машқи 347.** Матнро хонед, ибораҳои *«буттаҳои абз»* ва *«буттаҳои гул»*-ро бо ҳамдигар муқоиса кунед ва гӯед, ки дар кадоми он сифат ҳаст?

Имрӯз машғулияти бачаҳо дар ҳавои кушод, дар хиёбони сабзу хуррами шаҳр мегузашт. Бачаҳо аз чорроҳа ба хиёбон омаданд. Буттаҳои сабз, гулҳои шукуфон хиёбонро чун боғи дилкушо нишон медоданд. Бачаҳо аз зебоии гирду атроф чашм канда наметавонистанд. Мехостанд, ки болои майсаи махмалин ғел зада, бозӣ кунанд, ё аз гулҳо кананд. Вале мураббии сахтгири онҳо фаҳмонд, ки ҳар бача яктоӣ гул канад, буттаҳои гул холӣ мешаванд. Сонӣ хиёбони бе гул оё мисли ҳозира зебо менамояд?

**Машқи 348.** Аз исму сифатҳои зерин ибораҳо тартиб диҳед ва саволҳо гузоред.

| | | |
|---|---|---|
| хона<br>меҳнат<br>вазифа<br>дарвоза<br>асбобҳо<br>бобо<br>кишт | халқӣ<br>барфӣ<br>баҳрӣ<br>дастӣ<br>хонагӣ<br>чӯбин<br>хиштин | |

**чӣ хел?**

*Намуна:* хонаи хиштин.

**Машқи 349.** Аз расму калимаҳо истифода бурда, ибора созед.




**Машқи 350.** Матни дилхоҳи хурдакак интихоб намоед. Ибораҳои бо исму исм, исму сифат, исму феъл омадаро алоҳида нависед.

# ДАРСҲОИ 107–108. ИҶРОИ МАШҚҲО ДОИР БА МУАЙЯН КАРДАНИ ИБОРА

**Машқи 351.** Шеърро хонед, мазмунашро баён кунед. Ибораҳои шоиронаи ифодагари ифтихормандиву ситоишро ба дафтар рӯбардор кунед.

## ДАВЛАТИ ПОЯНДА БОШ!

Ӯзбекистон, ҷаннати рӯйи заминам, зинда бош!
Кишвари сулҳу саодат, давлати поянда бош!
То бубинад халқи машҳури ҷаҳон ояндаат,
То бифахрам ман ба номи зиндавуояндаат.
Ҷон фидои равнақу сарсабзиву иқболи ту,
Дил ба ҷӯш ояд аз ин эҳёи истиқлоли ту.
Сарфарозу бахтиёрам бо диёри нозанин,
Фахр дорам бо ҳазорон шоирони сарзамин.
Ӯзбекистон, ҷаннати рӯйи заминам зинда бош!
Эй диёри навбаҳорам, то абад фархунда бош!

*Нормурод Каримзода*

### Шарҳи луғат:

**Поянда** – ҷовид, абадӣ
**Равнақ** – инкишоф
**Сарфароз** – сарболо, сарбаланд
**Фахр** – ифтихор
**Фархунда** – муборак, нек

**Машқи 352.** Аз рӯйи маънои ибораҳо дар қатори холии ҷадвал ҷумлаҳоро ҷобаҷо гузоред. Онҳоро ба дафтаратон нависед.

| КАДОМ МАЪНО? | | |
|---|---|---|
| КАДОМЕ АЗ ОНҲО | забон газидан | ҲАМИН МАЪНОРО ИФОДА МЕКУНАД? |
| | | |
| | забон гирифтан | |
| | | |
| | фарёд кардан | |
| | | |
| | ҳавобаландӣ кардан | |
| | | |

**Ҷумлаҳо барои истифода:** Замину осмонро ба сар бардоштан. Бисёр бофандаҳоро дидаам, ки андак пеш рафта, биниҳояшонро боло мекунанд. Забон газиду лаб фурӯ баст. Бофанда аз тарс ҳайрону ларзон шуда, забонаш гирифт.

**Машқи 353.** Ибораҳои ба маънои маҷозӣ кор фармударо муайян кунед.

1. Забони сурх сари сабз медиҳад барбод.
2. Ҳама мӯҳри хамӯшӣ бар лаб зада, ба вай гӯш карда менишастанд.
3. Бо ваъдаҳои хушку холӣ, чормағзи пуч бағаламро пур мекард.
4. Одами бад касро ба роҳи бад мекашад, одами бад одами нағзро аз роҳ мезанад.
5. Чанд рӯз боз ашӯлаи вайро нашунида, дилҳо занг зад.

**Машқи 354.** Шеърро хонед, иборахои таркиби онро ба дафтар рӯбардор кунед.

## АБРИ БОРОН

Ду қатра борон омад,
Аз абри поён омад.
Абрак, абрак, чӣ борӣ?
Фасли тобистон омад!
Гуфто: – Ман абри борон.
Раҳмондаи баҳорон.
Навбат ба ман наёмад,
Борам ба киштзорон.
Бобои деҳқон омад,
Гуфто: «Абрак, борон деҳ»,
Ашкам чу марҷон омад.
Ду қатра ашки ман рехт,
Дар кӯҳу дар даман рехт,
Дар кишту дар чаман рехт,
Дар домани Ватан рехт.
Ман абри нарми борон,
Раҳмондаи баҳорон ...
Аз дашти тафсон омад.

*Меҳмон Бахтӣ*

**Машқи 355.** Аввал панҷто ибораи аз ду калима таркибёфта, сонӣ боз панҷтои дигар ибораи аз се калима иборатбуда нависед.

## ДАРСҲОИ 109–110. БО ИНТИХОБИ ИБОРА ТАРТИБ ДОДАНИ ҶУМЛА

**Машқи 356.** Бо интихобу корбасти бамавриди иборахо ҷумлаҳоро пурра кунед.

1. ... боз ториктар мешуд. 2. Табиати зан ... аст. 3. ... рӯз то рӯз лабрез мешавад. 4. Ғаму ғусса одами танумандро ҳам ... . 5. ... омад. 6. ... забонаш ба комаш часпид. 7. ... аз ... метарсад. 8. Хоб ба осонӣ ... намешуд.

**Ибораҳо барои истифода:** мисли тор нозук, дили торикам, косаи сабрам, аз по меафтонад, ҷонаш ба лаб, аз ғояти ғазаб, ресмони ало, одами моргазида, ба чашмонам меҳмон.

**Машқи 357.** Ба ҷойи нуқта ибораҳои ифодакунандаи номи қаламҳои рангаро гузошта, сатрҳои пурраи шеъро пайдо кунед.

| ҚАЛАМҲОИ РАНГА | | |
|---|---|---|
| Мекашад ...<br>Шоху барги дарахтон.<br>... ... амон<br>Мекашад гули хандон | ... ... и мо<br>Мекашад рӯйи осмон.<br>... ...<br>Мекашад абри равон | ... ... и мо<br>Мекашад гули лола<br>... ... и мо<br>Мекашад расми жола |
| *қалами сабз, қалами гулоби* | *қалами кабуд, қалами хокистарӣ* | *қалами сурхак, қалами оби* |

**Машқи 358.** Бо ибораи «шавқи зиёд», феъли «табассум мекард», сифати «хуб», исми «ҳавлӣ» ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 359.** Такрори мавзӯъ дар бораи ибора.

## ДАРСҲОИ 111–112. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 360–362

**Машқи 360.** Мазмуни матнро нақл карда, бо калима ва ибораҳои *«паррандагон», «чойҳои дастнорас», «маслиҳати муаллимон»* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

### МОР ВА МУСИЧА

Боре ман рӯйи ҳавлиамонро мерӯфтам. Мусичае дар болои дарахт патаррос мезад. Ба кучо задани худро намедонист. Дидам, ки море ба лонаи мусича ҳамла карда, бачаҳояшро хӯрданист. Ман зуд акаамро чеғ задам. Вай аз воқеа огоҳ шуда, чӯбро ба даст гирифту болои дарахт баромад. Мор худро партофта гурехт. Хайрият бачаҳои мусича эмин монданд.

**Машқи 361.** Маънои ибораҳоро дуруст ва бехато шарҳ диҳед. Бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

| ШАРҲИ МАЪНОИ ИБОРА | | |
|---|---|---|
| Дандон ба дандон мондан | ? | Ба даҳон об гирифтан |
| Дарди дил гуфтан | | Забонкӯтоҳ шудан |
| Дасту по гум кардан | | Аз лафзи худ гаштан |

**Машқи 362.** Бо ибораҳои *истироҳат кардан, нафаси ором гирифтан* ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ТЕСТ

1. Дар кадом банд ибора навишта шудааст?
а) забон
б) фан
в) фанни забони модарӣ

2. Калимаи дуюми ибора кадом ҳиссаи нутқ ба шумор меравад?
а) исм б) сифат в) феъл

3. Дар кадом банд ибораҳои аз исму сифат таркибёфта мушоҳида карда мешавад?
а) такрори мавзӯъ б) баҳои аъло
в) аз ёд намудан

4. Ибораи «забони гӯё» кадом маъноро ифода мекунад?
а) забондон
б) забоншинос
в) забони равон

5. «Дил кушодан», «дил ба даст овардан» чӣ ба шумор меравад?
а) калима б) ибора в) ҷумла

6. Кадоме аз ин ибораҳо маънои хушию хурра-миро ифода мекунанд?
а) сари сабз б) сари чашма в) сари об

7. Кадом ибора маънои ҳазлу бозӣ карданро ифода мекунад?
а) ташаккур гуфтан
б) офарин гуфтан
в) шӯхӣ кардан

# ҶУМЛА

## ДАРСИ 113. ҶУМЛА

> Ду ва зиёда калимаҳои ба ҳам алоқаманд ё калимаҳои ҷудогона, ки як фикри тамомшударо мефаҳмонанд, **ҷумла** номида мешавад.

**Машқи 363.** Калимаҳоро бо ҳам алоқаманд намуда, ҷумла тартиб диҳед.

1. Офтоб, нисфирузӣ, байн, абрҳо, сафед, баромадан гирифт.
2. Кӯҳсорон, сабза, гул, лабрез, шуданд.
3. Бачагон, фасл, зебо, чидан, гулҳо, мебароянд.

**Машқи 364.** Муайян кунед ва гӯед, ки кадоме аз онҳо ҷумла аст.

| | |
|---|---|
| Бодом гул кард. | Гули бодом |
| Бузғола тозон омад. | Олам ситоразор аст. |
| Ду қатра борон борид. | Борони найсон |
| Бузғолаи алоча | Ситораҳои дурахшон |

**Машқи 365.** Хонед, доир ба ҷумлаҳои *ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ, амрӣ* маълумот диҳед.

> Ҷумла мақсади шахси гӯянда ва шунавандаро дар мазмуни ахбор, савол, фармоиш, илтимос, амр ифода менамояд.

**Машқи 366.** Бо ҷобаҷогузории бомавриди калимаҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1. тоқӣ, дӯхт, Холаҷонам. 2. ёфт, Мӯрчаяк, дона. 3. шудам, дандон, Ман дарди. 4. омад, навбаҳор, Шамоли. 5. рафт, асалдуздӣ, Хирсак, ба.

| Хели ҷумлаҳо аз ҷиҳати ифодаи мақсад | | | |
|---|---|---|---|
| *Ҷумлаи ҳикоягӣ* | *Ҷумлаи саволӣ* | *Ҷумлаи хитобӣ* | *Ҷумлаи амрӣ* |
| Сафо аспашро зин зад | Шумо забони англисиро дар кадом дараҷа медонед? | Ватан – ҷисму ҷон ва ҷаҳони мост! | Китобро рӯйи парта гузоред! |

## ТЕСТ

1. Калимаҳои ба ҳам алоқаманд ё калимаҳои ҷудогонаеро, ки як фикри тамомшударо ифода мекунанд, чӣ меноманд?
а) калима б) ибора в) ҷумла

2. Кадоме аз онҳо фикри ба охир расидаро ифода мекунад?
а) ибора б) ҷумла в) калима

3. Дар охири ҷумла чӣ гуна аломатҳои китобатӣ гузошта мешавад?
а) тире б) нимтире в) нуқта, савол, хитоб

4. Сарҳарфи ҷумла чӣ гуна навишта мешавад?
а) хурд б) калон в) бо гузоштани аломат

5. Дар охири ҷумлаи саволӣ чӣ гуна аломати китобатӣ гузошта мешавад?

а) нуқта б) ду нуқта в) савол

6. Дар охири чӣ гуна ҷумлаҳо аломати хитоб гузошта мешавад?

а) хитобӣ, амрӣ а) саволӣ в) ҳикоягӣ

**Машқи 367.** Ба сифатҳои ширин, баланд, калон, зӯр пасванди *-тар* илова намуда, ҷумла созед.

## ДАРСИ 114. АЪЗОҲОИ ҶУМЛА

Калимаҳо бо ҳам алоқаманд буда, аъзоҳои ҷумларо ташкил медиҳанд.

Мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол аъзоҳои ҷумла ба шумор меранд.

Аъзоҳои ҷумларо ба воситаи саволҳо муайян мекунем.

**Машқи 368.** Аъзоҳои ҷумлаҳоро муайян мекунем.

1. Боз пурсид. 2. Чуғз ҷавоб дод.

Ҷумлаи якум: **чӣ кор кард?** (пурсид), **чӣ?** (боз).
Ҷумлаи дуюм: **чӣ кор кард?** (ҷавоб дод), **чӣ?** (чуғз).

**Машқи 369.** Ба воситаи савол аъзоҳои ҷумларо муайян кунед.

1. Гурба лаби бом омад. 2. Муш роҳи халосӣ мекофт. 3. Мурғи саҳар садо кард. 4. Говаш беғам мечарид. 5. Ман калон мешавам. 6. Кӯдак

дар гаҳвора хоб буд. 4. Гавҳаршиносон гавҳари ҷустуҷӯ кардаашонро ёфтанд.

**кӣ? чиро? чӣ кор кард?**

*Намуна:* Модар дастархонро кушод.

**Машқи 370.** Шинос шавед ва аз хотир фаромӯш накунед.




**Машқи 371.** Аломатҳои китобатии дар охири ҷумлаҳо гузошташударо гӯед. Ҷумлаҳоро аз ҷиҳати ифодаи мақсад ба гурӯҳҳо ҷудо кунед.

1. Ман акнун бо кӣ мебозам? 2. Шуморо дӯст медорам! 3. Онҳо чаро ғун шуданд? 4. Хона пур аз меҳмон аст. 5. Озодона бояд зист! 6. Аз баҳри чӣ битозад? 7. Дарсатро тайёр кун! 8. Ба китобхонаи мактаб рав! 9. Ӯ дар роҳи бозор аст.

Ҷумлаҳои ҳикоягӣ:
Ҷумлаҳои саволӣ:
Ҷумлаҳои хитобӣ:
Ҷумлаҳои амрӣ:

**Машқи 372.** Бо гузоштани аломатҳои нуқта, савол, хитоб ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 115. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 373–377

**Машқи 373.** Ҷумлаҳои зеринро мехонем ва таҳлил мекунем.

1. Баҳор омад. 2. Шамоли форам мевазад. 3. Мусичаҳо дар осмони соф парвоз мекунанд.

Ҷумлаи якум – Баҳор омад. (**Чӣ кор кард?** – омад, **чӣ омад?** – баҳор).

Ҷумлаи дуюм – Шамоли форам мевазад. (**Чӣ кор мекунад?** – мевазад, **чӣ?** – шамол, **чӣ гуна шамол?** – форам).

Ҷумлаи сеюм – Мусичаҳо дар осмони соф парвоз мекунанд. (**Чӣ кор мекунанд?** – парвоз мекунанд, **чиҳо?** – мусичаҳо, **дар куҷо парвоз мекунанд?** – дар осмон, **чӣ гуна осмон?** – соф).

**Машқи 374.** Ба хабарҳои таркиби матни додашуда хат кашед ва савол гузоред.

### ОЗОДА

Духтарчае ба дугонааш гуфт:

Ба бетартибию чиркинӣ тобам нест, озодагиро дӯст медорам. Агар дар хона ягон ҷойро чиркин кунам, дарҳол ба модарам мегӯям, ки тоза карда монад.

*(Аз ҳикояҳои «Рангинкамон»)*

**Машқи 375.** Аз тиреза берунро мушоҳида намоед ва доир ба обу ҳаво, паррандаҳо, дарахтон ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**Машқи 376.** Аъзоҳои ҷумларо муайян кунед.

1. Подачамъкунӣ ним ё як соат тӯл мекашид. 2. То ҷамъ шудани пода бузу гӯсфандони ман хеле мечариданд.

**Машқи 377.** Аъзоҳои ҷумлаҳоро муайян кунед.

**1. Зиндагии ибратангез дар ҷаъмияти дурахшон ҷӯш мезанад. 2.** Баҳри нашъунамои Ватан камари ғайрат бубандед. 3. Рангу рӯяш дока барин сап-сафед шуд.

## ДАРСИ 116. САРАЪЗОҲОИ ҶУМЛА

**Мубтадо ва хабар** саръазоҳои ҷумла мебошанд.

Мубтадо ба саволҳои *кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?*, хабар ба саволҳои *чӣ кор мекунад? чӣ кор кард? чӣ мешавад?* ҷавоб мешаванд.

Дар ҷумла бештар феълҳо хабар шуда меоянд.

**Машқи 378.** Дар байни мубтадову хабар аъзоҳои пайравро гузошта, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1. Гунҷишкакон кофтанд. (**Чиро?** – донаи гандумро).

2. Муаллим сӯҳбат мекард. (**Бо киҳо?** – падару модарон).

**Машқи 379.** Эътибор диҳед. Мубтадо ва хабари ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Офтоб баромад. 2. Бунафша мерӯяд. 3. Синфи мо барои тозагӣ мубориза мебарад.

*Намуна:* Вай тулӯи офтобро тамошо мекунад.

(**Чӣ кор мекунад?** – тамошо мекунад (хабар), **кӣ?** – вай (мубтадо)).

**Машқи 380.** Калима ё ҳарфҳои заруриро дарёфт кунед ва ҷавоби дуруст гардонед.

| ЧӢ АСТ ОН? | | |
|---|---|---|
| Мепарад аз гул ба гул,<br>Якбора рангинкамон –<br>Аз шохае ба шоха,<br>Мебарад ҳусни ҷаҳон! | ... омаду «Ашт» сохт<br>... омаду «Рашт» сохт<br>... омаду «ҳашт» сохт<br>... омаду «дашт» сохт | ... зеби кӯҳ<br>... зеби роғ<br>... зеби дашт<br>... зеби боғ |
| **арча, сабза, лола, савсан** | **шапалак** | **А, Р, Ҳ, Д** |

**Машқи 381.** Мубтадо ва хабари ҷумлаҳоро муайян кунед.

## ГУЛДАСТОН

Маҳбуба аз мактаб омада, хӯрокашро хӯрду ба кори хона машғул шуд. Дегу табақҳоро шуста ҳавлиро рӯбучин кард. Дере нагузашта, ҳамсинфонаш Мақсуда ва Мағфират ҳам расида омаданд.

Маҳбуба, рафтем, бевақт шуд.

Ба куҷо, духтарон? – ҳайрон шуд модар.

Ба «Гулдаст», очаҷон, имрӯз куртача медӯзем, – ҷавоб дод Маҳбуба.

**Машқи 382.** Ба воситаи хабар бо интихоби ҷонишинҳои шахсӣ мубтадои ҷумлаҳоро барқарор кунед.

1. Тухми каду шинондем. 2. Боз калонтар шудам. 3. Ҳамроҳи модараш нишаст. 4. Шаб майли хоб кардам. 5. Суруди шӯх мехонад. 6. Аз ӯҳдааш набаромадам.

*Намуна:* Суруди шӯх мехонад.
Ӯ суруди шӯх мехонад.

## ДАРСҲОИ 117–118. ИҶРОИ МАШҚҲО БО САВОЛҲОИ *КӢ? КИҲО? ЧӢ? ЧИҲО?*

**Машқи 383.** Ҷумлаи зеринро нависед ва таҳлил кунед. Гӯед, ки кадом ҳиссаҳои нутқ мубтадо ва хабар шуда омадаанд?

1. Чашмони мӯйсафед пури об шуданд.
2. Бунафша дар лаби ҷӯй мерӯяд.

**Машқи 384.** Бо саволгузорӣ мубтадои ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Дилам зарра барин танг гардид. 2. Гулрӯ кӯзаро гирифта, ба ҳавлӣ даромад. 3. Шахсе аз хонае косаи сафолро об пур карда овард.

**Машқи 385.** Матнро хонед, ба зери мубтадо як хат ва ба зери хабар ду хати рост кашед.

Офтоб хеле баланд шуда, ба замину замон гармӣ мебахшид. Осмон мусаффо, нилобӣ ва дастнорас буд. Аз сабзаи навхези баҳорон гирду атроф каб-кабуд метофт. Дар пеш кӯҳи Ҳафтсар бо ғурур қад афрохта, барфи қуллаҳояш дар пар-

тави офтоби чошттоҳӣ хуш ҷило медод. Олам дар оғӯши сукунат буд. Ҳа, ин сукунатро танҳо садои на чандон баланди суми аспҳо халалдор мекард.

*Саттор Турсун*

**Машқи 386.** Ҷумлаҳои мубтадоҳояшон ба саволҳои *кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?* ҷавобшаванда нависед.

## ДАРСҲОИ 119–120. ИҶРОИ МАШҚҲО БО САВОЛҲОИ *ЧӢ КОР КАРД? ЧӢ КОР МЕКУНАД? ЧӢ МЕШАВАД?*

**Машқи 387.** Матнро хонед ва ба зери калимаҳое, ки ба саволҳои *чӣ кор мекард? чӣ буд? чӣ кор мекарданд?* ҷавоб медиҳанд, хат кашед.

### СЕБАК

Дар кунҷи боғ як дарахти пастакаки себ мерӯйид. Вай аз дигар дарахтони себ фарқ мекард. Дар таги ин себак як ҳавзча буд. Дар ҳавзча моҳичаҳо шино мекарданд. Кӯдакон ҳар рӯз омада, дар таги ин себак бозӣ мекарданд ва ба моҳичаҳо нонреза мепартофтанд.

*Акобир Шарифӣ*

**Машқи 388.** Бо назардошти саволҳо, ҷумлаҳоро пурра намуда, ҳаракату амали предметҳоро равшан гардонед.

| ХУШЗЕҲНӢ | | |
|---|---|---|
| *Чӣ кор мекунад?* | Муаллим мепурсад. | Донишомӯз ... |

| | | |
|---|---|---|
| | Ҳаво хунук ме-шавад. | Барф ... |
| ***Чӣ кор кард?*** | Одамон ба ҷой-ҳои худ нишас-танд. | Автобус ... |
| ***Чӣ мешавад?*** | Барф меборад | Ҳаво ... |

*Намуна:* Муаллим мепурсад, донишомӯз ҷавоб медиҳад.

**Машқи 389.** Калимаҳои зеринро нависед ва саволҳои *чӣ кор мекард? чӣ кор кард?*-ро гузоред.

мехиромид — дид
мепечид — моил гашт
мегузашт — андешид

**Машқи 390.** Тасвирро аз назар гузаронида, дар қаторҳои холии ҷадвал ҷумлаҳои хабарҳояш ба саволҳо ҷавобшавандаро нависед.






**Машқи 391.** Ҷумлаҳоро хонда, ҳаракати одамон ва чизҳоро мувофиқи саволҳо нависед.

1. Бо хоҳиши муаллим Шариф аз ҷояш хест, назди тахтаи синф омад, бӯрро гирифт ва навишт. 2. Комбайн медаравад ва мекӯбад. 3. Себ мепазад, мепӯсад, мерезад. 3. Ҳаво гарм мешавад, хунук мешавад.

| чӣ кор кард? | чӣ кор мекунад? | чӣ мешавад? |
|---|---|---|
| ... | ... | ... |

**Машқи 392.** Ҷумлаҳои хабарҳояш ба саволҳои *чӣ кор кард? чӣ кор мекунад? чӣ мешавад?* ҷавобшаванда нависед.

## ДАРСИ 121. АЪЗОҲОИ ПАЙРАВИ ҶУМЛА

Аъзоҳои пайрави ҷумла ба саволҳои **чӣ хел? чӣ гуна, киро? чиро? ба кӣ, ба чӣ? аз чӣ? бо кӣ? бо чӣ? кай? дар куҷо? кай? ба куҷо? чӣ тарз? чӣ тавр?** ҷавоб мешаванд.

**Машқи 393.** Ҷумлаҳои зеринро хонда, дар сутуни якум аъзоҳои асосии ҷумла – мубтадо ва хабар, дар сутуни дуюм аъзоҳои дигари ҷумларо нависед.

1. Мағфират ҳавлиро рӯфт. 2. Талабагон ба саёҳат тайёрӣ мебинанд. 3. Дар Ватани мо ҳамаи бачаҳо мехонанд. 4. Ӯ ҷавони ростқавли сангин аст.

**Машқи 394.** Ба ҷойи саволҳо аъзоҳои пайравро гузошта, ҷумлаҳоро ба дафтар рӯбардор кунед.

Модари ман (дар куҷо?) кор мекунад. 2. Коргарон (ба кӣ?) муроҷиат менамоянд. 3. Ман (киро?) дӯст медорам. 4. (кай?) парандагон (аз куҷо?) бармегарданд. 5. Зебо (чӣ тавр?) рақс мекунад.

**Машқи 395.** Аъзоҳои ҷумларо муайян кунед.

1. Ӯ дар миёнаи дарахтони кӯҳӣ озодона сайругашт мекард. 2. Дар сояи ин Офтоби саридеворӣ пеши пойи худро дида метавонед. 3. Некӣ набувад сазои бадкирдорӣ.

**Машқи 396.** Сето ҷумла навишта, сараъзову аъзоҳои пайравашро муайян кунед.

## ДАРСҲОИ 122–123. ИҶРОИ МАШҚҲО БО САВОЛҲОИ *ЧӢ ХЕЛ? ЧӢ ГУНА?*

**Машқи 397.** Дар байни мубтадову хабар аъзоҳои пайравро гузошта, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1. Борон борид (**чӣ хел?** – бошиддат, тез, бисёр).
2. Рангинкамон баромад (**чӣ гуна?** – ҳафтранг).

*Намуна:* Осмон ситоразор аст (**чӣ гуна?** – софу беғубор).

Осмони софу беғубор ситоразор аст.

**Машқи 398.** Ба ҷойи нуқтаҳо пуркунандаву муайянкунандаҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед.

1. Мо (чиро?) ... дидем. 2. (аз чӣ?) ... шуд гирди тут бозор. 3. Бӯйи (чиро?) ... шамидем. 4. Дар таъми (кадом тут?) ... туршӣ намонду талхӣ. 5. Додари мо (чӣ гуна?) ... шудааст.

**Пуркунандаву муайянкунандаҳо барои истифода:** теппаҳоро, аз мурғакони бисёр, саҳро, тути балхӣ, калон.

**Машқи 399.** Ҷумлаҳои муайянкунандаҳояш ба саволҳои *чӣ хел? чӣ гуна?* ҷавобшаванда нависед.

## ДАРСИ 124. ИҶРОИ МАШҚҲО БО САВОЛҲОИ *ЧИРО? КИРО?*

**Машқи 400.** Ба ҷойи нуқтаҳо пуркунандаҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед.

1. Мардум (чиро?) ... паси ҳам ба подаҷо ҷамъ мекарданд. 2. Вай (чиро?) ... ронда ба чаро мебурд. 3. Мо (чиро?) ... дидем.

**Пуркунанда барои истифода:** гову молҳояшонро, подаро, теппаҳоро.

**Машқи 401.** Аз таркиби матн пуркунандаҳои ба саволҳои *чиро? киро?* ҷавобшавандаро дар алоҳидагӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

## ВАСИЯТИ ЛУҚМОНИ ҲАКИМ

Эй фарзанд, туро васият мекунам, ки ин суханонро фаро гирӣ ва бад-он амал намоӣ, то хирадмандат донанд. Сухан ба андоза гӯй. Қадри некӣ бишнос. Рози худро худ нигаҳ дор. Дар кори хайр ҷаҳди тамом кун. Бо мардуми доно машварат кун. Дӯстонро азиз дор. Падару модарро икром кун. Ҷомаву танро пок дор. Шабҳангом оҳиставу нарм сухан гӯй. Кор ба донишу тадбир кун. Ноомӯхта устодӣ макун. Кори имрӯзаро ба фардо маяфкан. Бо бузургтар аз худ шӯхӣ макун. Бо бузургон сухан дароз магӯй. Ба вақти баромадани офтоб махоб. Бо бекорон бар сари кӯчаву бозор манишин. Ангушт дар бинӣ макун. Таоми бисёр махӯр ва то тавонӣ танҳо махӯр.

(*Аз «Ганҷинаи васоё»*)

### Шарҳи луғат:

**Хирадманд** – шахси доно
**Роз** – сирру асрор
**Ҷаҳд** – кӯшиш
**Машварат** – маслиҳат
**Икром** – ҳурмат, эҳтиром
**Пок** – тоза, озода
**Шабҳангом** – бегоҳӣ
**Бузургон** – калонсолон
**Таом** – хӯрок

**Машқи 402.** Бо саволгузорӣ пуркунандаҳоро муайян кунед.

1. Мо Парвинро кофтем. 3. Бобоям маро аз ҳад зиёд дӯст медорад. 3. Бузургон моро ба оқилона рафтор кардан даъват мекунанд. 4. Вай бо ваъдаҳои бисёр домани Ӯро бо чормағзи пуч пур кард. 5. Ӯ шеърҳояшро чандин бор гаштаву баргашта менавишт ва ҳар бор ба онҳо тағйироте медаровард, обу тоби наве медод.

**Машқи 403.** Ба ҷойи нуқтаҳо бо гузоштани пуркунанда ҷумлаҳои чидааъзо тартиб диҳед.

**чиро?**

1. Бар ӯ ..., ... ҳикоят мекунем.

**Пуркунандаҳои чида барои истифода:** хониши аълои худро, орзуҳои накӯро.

**Машқи 404.** Пуркунандаҳои таркиби ҷумлаҳоро бо саволгузорӣ муайян кунед.

1. Аз болотар сангҳои калонро ғелонд. 2. Шодигул панди модаркалонро бодиққат гӯш мекард. 3. Шумо аввал гапи маро дурустакак гӯш кунед. 4. Асалиддин нияташро ба Абдусаттор фаҳмонд. 5. Ӯро дар бехи бутта беҳуш гумон карда, рафта доштанӣ мешудам, наметавонистам.

**Машқи 405.** Ҷумлаҳои пуркунандаҳояш ба саволҳои *чиро? киро?* ҷавобшаванда нависед.

**чиро?**

*Намуна:* 1. **Офтобро** бо доман пӯшида намешавад.

**киро?**

2. Ба хонаи Оймуллои Танбӯр рафтам, **амаки заргарро** хабар кардам.

## ДАРСИ 125. ИҶРОИ МАШҚҲО БО САВОЛҲОИ *АЗ ЧӢ? БО КӢ? БО ЧӢ?*

**Машқи 406.** Ҷумлаҳои чидааъзои пуркунандадор тартиб диҳед.

| ТАБИАТ БО ЧӢ ЗЕБОСТ? | |
|---|---|
| бо булбулон | |
| бо қозу кафтар | |
| бо кабки хушхон | |
| бо оҳубарра | |
| бо долу дарахт | |
| бо кӯҳу дара | |
| бо чашмасорон | |
| бо барфу жола | |
| бо боду борон | |

**Машқи 407.** Ба ҷойи нуқтаҳо бо гузоштани пуркунанда ҷумлаҳои чидааъзо тартиб диҳед.

**аз чӣ?** **аз чӣ?**

1. ..., ..., ... ҳастем шоду мамнун. 2. ... у ... меларзам дағар-дағар.

**Пуркунандаҳои чида барои истифода:** аз тӯтии сухангӯ, аз филу карку оҳу, аз нағмаҳои маймун; аз жолаву аз тундар.

**Машқи 408.** Ҷумлаҳои пуркунандаҳояш ба саволҳои *аз кӣ? бо кӣ? бо чӣ?* ҷавобшаванда нависед.

**бо кӣ?**

*Намуна:* Бо падару модарам ба тамошои «Боғи ҳайвонот»-и шаҳрамон рафтем.

## ДАРСҲОИ 126–127. ИҶРОИ МАШҚҲО БО САВОЛҲОИ *КАЙ? ДАР КУҶО? АЗ КУҶО? ЧӢ ТАРЗ?*

**Машқи 409.** Бо гузориши саволи *кай?* аъзои пайрави ҷумла – ҳолро муайян кунед.

1. Дарёчаҳои кӯҳӣ дар тобистон сероб мешаванд. 2. Он шаб барфи бисёр борид. 3. Зимистон дар кӯҳҳои пурбарф зиндагии савсорҳо душвор мешавад. 4. Дар ин давра ба ҳайвоноти хонагӣ ҳуҷум намекунад. 5. То вақти баргашта омадани сайёҳ лаб ба гап накушод.

**Машқи 410.** Чистонро хонед, ҷавобашро гӯед. Кадоме аз калимаҳои таркиби чистон ба саволи *кай?* ҷавоб мешавад.

Тобистону зимистон,
Меистад дар рӯйи бом.
То дар хона нишаста,
Кино бубинад бобом.



**Машқи 411.** Ба кадом савол ҷавоб шудан ва мисоли кадом аъзои пайрави ҷумла буданашро гӯед.

1. Имрӯз ба кӯча мебароем. 2. Дарсамон аз соати нӯҳ сар мешавад. 3. Дар охирҳои зимистон падарам ба Маҳаллаи Боло рафтан хост. 4. Оби нуқрагини чашма дар тобистон ях барин хунуку дар зимистон гарм аст.

**Машқи 412.** Ба ҷойи нуқта ҳоли мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед.

1. **(дар куҷо?)** ... се дона лола рӯйид. 2. **(дар куҷо?)** ... дастархони пур аз нозу неъмат кушоданд. 3. **(дар куҷо?)** ... суфаи баланде буд. 4. **(аз куҷо?)** ... баромада омад. 5. **(дар куҷо?)** ... овоз баланд шуд. 6. Аз рӯйи одат соҳиби хона дар пеши меҳмонҳо **(дар куҷо?)** ... наменишинад.

**Ҳол барои истифода:** дар байни сабзазорон, дар назди бобо, дар пеши ин хона, аз даруни хона, аз беруни дарвоза, дар пешгоҳ.

**Машқи 413.** Ҷумлаи аввал ва чорумро ба дафтар рӯбардор карда, аъзоҳои ҷумлаҳоро муайян кунед.

Аз ҳавлӣ берун намебаромад. Ҷойи хобаш тоқчаи айвон буд. Саҳар барвақт аз хобаш бедор шуда, ба сари деворча мебаромад. Кабк бо овози хушаш моро ҳам аз хоб бедор мекард. Мо, ки аз хоб хеста ба ҷунбуҷӯл медаромадем, вай аз пайи дон мешуд. Аз дасти мо мағзи чормағз, нонреза, гӯшт ва тухми майда кардашударо дошта мехӯрд

*(Аз «Симинганҷ»-и Нӯъмон Розиқ)*

**Машқи 414.** Сето ҷумла нависед. Аъзоҳои ҷумларо бо гузоштани саволҳо муайян кунед.

*Намуна:* Бо даҳшати аз одат берун ҳаво гулдуррос зад.

*чӣ кор кард?* – гулдуррос зад (хабар).

*чӣ?* – ҳаво (мубтадо).

*чӣ гуна?* – бо даҳшати аз одат берун (муайянкунанда).

**Машқи 415.** Хонед ва аз таркиби он калимаҳои ба саволи *кай?* ҷавобшавандаро муайян кунед.

## ФАСЛҲОИ СОЛ

Чарх занад фасли сол
Ба сони чархи фалак,
Аз пайи рӯз шаб ояд,
Бинӣ кӯри шапалак.
Дирӯз буд фасли сармо
Омад фасли Баҳорон,
Пагоҳ шавад Тобистон,
Наборад барфу борон.
Агар ояд Тирамоҳ,
Гӯянд фасли хазонрез,
Мешавад рӯзҳо кӯтоҳ,
Абрҳо кунанд даву тоз.
Соле гар иваз шавад,
Якуми Январ ояд.

*Асад Гулзодаи Бухороӣ*

**Машқи 416.** Ҷумлаҳои ҳолаш ба *саволҳои кай? дар куҷо? аз куҷо? чӣ тарз?* ҷавобшаванда нависед.

**кай?**

*Намуна:* Вақте ки кор танг омад, аз дара ба дара, аз кӯҳ ба кӯҳ мегурехт.

## ДАРСИ 128. ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО

Аъзоҳои ҷумла – мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол дар як ҷумла дуто ё зиёдтар бошанд, **аъзои чидаро** ташкил медиҳанд.

**Машқи 417.** Аъзоҳои чидаи ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Бӯйи райҳон, кашнич, ҳулбӯ, гули садбарг ба машом мерасид. 2. Хӯшаҳои калони сиёҳ, сафед, зард ва сурхтоби ангур аз байни баргҳо дар ҳавоза назаррабой мекарданд. 3. Баробари торик шудан бум бадқаҳр, чолок ва нотарс мегардад. 4. Сол хушку камбориш ояд, оби чашма ҳам кам мешавад.

**Машқи 418.** Ҷумлаҳои чидааъзо тартиб диҳед.





Ҷӯҷаи мурғ **ва** мешавад.

Хиромон навзод **монанди** хурӯс калон

**Машқи 419.** Ҷумлаҳоро дар алоҳидагӣ навишта, аъзоҳои чидаро муайян кунед.

Гули бойчечак охирҳои зимистон, ҳамин ки ба кӯҳу дашту теппа нафаси баҳор расид, аз замини мулоиму нарм рӯйида, аз ҳавои сабуку форам баҳра гирифта, шукуфон мешавад. Ин гул дар пеши садбаргу савсан ва наргису хайрӣ барин гулҳои назаррабои зебову хушбӯю рангин намуде надорад.

*Раҷаб Амонов*

**Машқи 420.** Матнро хонед, ҷумлаеро, ки аъзои чида дорад, ба дафтар рӯбардор карда, саволҳои мувофиқ гузоред.

# ФАЗИЛАТИ САЛОМ

Салом якчанд фазилат дорад, ки донистани он ба манфиати шахс мебошад. Салом, пеш аз ҳама, ба покии ҷисмонии инсон таъсир мерасонад. Он алфози қабеҳро аз забони инсон дур месозад ва гӯяндаро фозилу хирадманд мегардонад. Кӯдак агар ба бераҳмтарин шахс бо лафзу лаҳни тифлона салом гӯяд, раҳмдил мешавад ва ҷаҳлаш ба фазл мубаддал мегардад. Аз ин рӯ, салом барои хушҳол гардонидани инсон низ таъсир мерасонад. Муҳим он аст, ки салом адоват, хусумат, бухл, кина, ҳасад барин хислати инсониро рафъ месозад. Саломи аз рӯйи сидқ дар дили инсон ҷой гирифта, савоби беш дорад, зеро тавассути он шахс тадриҷан дорои хислатҳои ҳамида: ростқавлу ростгӯй, дилсофу раҳмдил, мушфиқу меҳрубон, дилсӯзу ғамхор, халқдӯсту мардумнавоз, раиятпарвару меҳнатқарин, содиқу вафодор, хушзабону хушмуомила, ҳалиму дилҷӯ, дидадорову маҳбуб, ғамхору ғамгусор мегардад.

*(Аз «Одоби салом»-и Абдуҷаббор Раҳмонов)*

**Шарҳи луғат:**

**Манфиат** – фоида
**Алфоз** – лафзҳо
**Қабеҳ** – дурушт, дағал
**Фозил** – доно
**Хирадманд** – донишманд
**Лаҳн** – забон
**Тифл** – кӯдак
**Фазл** – дониш, илм
**Мубаддал** – табдил
**Адоват** – душманӣ
**Хусумат** – адоват
**Бухл** – бахилӣ

**Ҳасад** – нотавонбинӣ
**Рафъ** – бартараф
**Тавассут** – восита

**Тадриҷ** – оҳиста-оҳиста
**Раиятпарвар** – халқпарвар
**Меҳнатқарин** – меҳнатдӯст

**Машқи 421.** Сето ҷумлаи хабарҳояш чида нависед.

## ДАРСИ 129. САРАЪЗО ВА АЪЗОҲОИ ПАЙРАВИ ЧИДА

**Машқи 422.** Сараъзо ва аъзоҳои пайрави чидаро муайян кунед.

Шахси боадаб ҳамеша гули сари сабад, шамъи маърака, азизу гиромии мардум аст. Адаб аслиҳаи тавоноӣ ва хулқу атвори писандидаи инсон аст.

**Машқи 423.** Ба ҷойи нуқтаҳо бо гузоштани ҳол ҷумлаҳои чидааъзо тартиб диҳед.

**дар куҷо?** **дар куҷо?**

1. Мо ... , ... , ... оббозӣ мекунем. 2. ... , ... чорабиниҳои гуногуни маданию маърифатӣ ташкил шудаанд.

**Ҳоли чида барои истифода:** дар оби сарди ҷӯйбор, дар оби софи чашмасор, дар мавҷҳои беқарор, дар шаҳру ноҳия, деҳоту маҳаллаҳо.

**Машқи 424.** Матнро хонед ва аз таркиби он ҷумлаҳои чидааъзоро муайян кунед.

## МАДАНИЯТИ ИҚТИСОДӢ – ВОСИТАИ БЕҲТАРИНИ ХОҶАГИДОРӢ

Иқтисодиёт асоси тамоми соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъият ва шахс аст. Пеш аз ҳама, ҳар кас ба хӯроку пӯшок, манзилу захира эҳтиёҷ дорад. Ни-

шонаи маданияти иқтисодии шахсро ҳосилнокии меҳнат, муносибати оқилона бо молу мулки худ ва ҷамъият ташкил медиҳад. Маданияти иқтисодӣ ба ҳар фард барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва сифати меҳнат имконият медиҳад. Ӯ ҳам ба худ ва ҳам ба ҷамъият бештар фоида меорад.

**Машқи 425.** Аъзоҳои чидаи ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Ҳар ду гаштаю баргашта механдиданду завқ мекарданд. 2. Дар байни меҳмонон ҷавоне менишаст гандумгин, миёнқад, мӯйи сараш сиёҳи ҷингила ва дар таги чашми росташ чени нохун холи сиёҳе дошт.

## ДАРСИ 130. КОРБАСТИ ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗОИ ПАЙВАНДАКДОР ВА БЕПАЙВАНДАК ДАР НУТҚ

Аломати вергул (,) мисли пайвандаки **ва -у, -ю (-ву)** воситаи алоқаи ҷумлаҳои чидааъзо ба шумор меравад.

Ҷумлаи чидааъзои ба воситаи пайвандакҳои **ва -у, -ю (-ву)** ба вуҷуд омада, **пайвандакдор**, ба воситаи аломати вергул омада, **бепайвандак** ном дорад.

Агар дар байни аъзоҳои чидаи ҷумла пайвандакҳои **ва, -у, -ю (-ву)** оянд, вергул гузошта намешавад.

**Машқи 426.** Пайвандакҳои ҷумлаҳои чидааъзоро номбар кунед.

1. Қурбон аз хурсандӣ дасту по гум карда, бо тамоми овозаш фарёд зад. 2. Орзую умеди дерина дубора дили ӯро ба ҷӯш овард. 3. Мушу калламуш аз чанголи досшакли онҳо раҳо намеёбад. 4. Ақлу хиради онҳо ба тамоми ҷаҳон нур мепошад. 5. Мову шумо дар замони аҷойибе зиндагӣ мекунем.

**Машқи 427.** Матнро хонед, ҷумлаҳои чидааъзоро ба дафтар рӯбардор намуда, таҳлил кунед.

Болои сабзаҳои навдамида даву тоз мекардем. Пудинаю лимукаҳак, қоқуву шибит мечиндем ва аз онҳо даста баста ба хона меовардем. Ба хониши мурғони даштӣ гӯш дода, мафтуни овози онҳо мешудем. Нағмаҳои ҷонварак ба ман бисёр маъқул буд. Вай болафшон ба сӯйи осмон парвоз мекард. Вақте ки аз болобарой монда мешуд, рост ба замин фаромада, дар бехи буттае ором мегирифт. Ба ҳоли вай раҳми ман меомад. Ҳамин ки ба он наздик мешудам, вай фиррӣ карда, парида мерафт

*(Аз «Симинганҷ»-и Нӯъмон Розиқ)*

**Машқи 428.** Аломатҳои китобатии аъзоҳои чидаро номбар кунед. Кадоме аз аъзоҳои ҷумла чида шуда омадааст?

1. Чиллагӣ, соҳибӣ, бахтиёрӣ, такобӣ, ҳусайнӣ, шибирғонӣ, дили кафтар, кишмиши сиёҳу сафед, тоифӣ, думи рӯбоҳ, бедона, обак

ва ғайраҳо яке аз дигаре хушлаззату сероб аст. 2. Саҳни ҳавлиро гулҳои рангоранг: сафед, сурх, зард оро медоданд. 3. Зану мард, писару духтар, хурду калон, пиру ҷавон — ҳама ба тамошо омада буданд. 4. Боғбонон дар ин айём ток, анҷир, анор барин рустаниҳои гармидӯстро аз зери хок мебароранд.

**Машқи 429.** Ҷумлаи чидааъзои таркиби матнро муайян кунед.

## МАДАНИЯТИ ЭКОЛОГИИ ШАХС

Экология илм дар бораи масъалаҳои муносибати ҷамъияту табиат ва одаму муҳити табиист.

Маданияти экологии шахс муносибати илмӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ, гигиенӣ ва санитарии ӯ бо муҳити атрофаш – чашма, дарё, ҷангал, набототу ҳайвонот ва ғайра аст. Аммо рафтори ваҳшиёна нисбат ба табиат нишонаи бефаросатӣ ва бемаданиятии инсон аст, зеро ки маданияти экологӣ ҷузъи маданияти умумии ӯст.

**Машқи 430.** Хондани мавзӯъҳои омӯхташуда.

## ДАРСИ 131. ТАКРОРИ ЧОРЯКИ ЧАҲОРУМ

## ТАКРОРИ СОЛОНА

## ДАРСИ 132. ТАКРОРИ ИСМУ СИФАТ

**Машқи 431.** Реша ва воситаҳои калимасози исмҳои сохтаро муайян кунед.

Ҳамшира, ҳамдиёрон, шамъдон, хасрӯба, мададгор, гавҳарак.

**Машқи 432.** Аз таркиби шеър исмҳои ҷамъро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед. Исмҳои «нишотҳо», «наҷотҳо»-ро аз ҷиҳати маъно шарҳ диҳед.

## ВАТАН МУҚАДДАС АСТ!

Ба чашми оқилон
Ба чашми ҳамдилон
Ба чашми дӯстон
Ватан муқаддас аст!

Нишотҳо дар ӯст,
Ҳаётҳо дар ӯст,
Наҷотҳо дар ӯст,
Ватан муқаддас аст!

*Хусрав Саъдуллоҳ*

**Машқи 433.** Сифатҳои аслӣ ва нисбиро муайян кунед.

Калон, хурд, дур, наздик, бисёр, сурх, кабуд, сафед, зард, талх, ширин, зебо, тунд, доно, гулгун, маҳваш, даштӣ, хонагӣ, деворӣ, кӯҳӣ, баҳорӣ, имсола, бачагона, хирадмандона, дастӣ, обӣ, оҳанин, чӯбин, фарбеҳ, камгап, сиёсӣ, дарсӣ.

**Машқи 434.** Номи предметҳои аз ҳама чиз ширинтарро номбар карда, ба ҷойи нуқта нависед. Гӯед, ки онҳо кадом ҳиссаҳои нутқ ба шумор меравcovered.

| ЧӢ ШИРИН АЗ ҲАМА? | | |
|---|---|---|
| ... | ... | Карим гуфт: «Ин ширин», |
| ... | ... | Раҳима гуфт: «Он ширин», |
| ... | ... | Гуфт муаллим чунин: |

| | | |
|---|---|---|
| ... | ... | – Аз ҳама ҳам нон ширин. |
| ... | ... | Эй бачаҳои хушҳол, |
| ... | ... | Нони меҳнатӣ – ҳалол. |
| ... | ... | Ҳар кӣ хӯрад аз ин нон, |
| ... | ... | Нонаш шавад нӯши ҷон! |

**Машқи 435.** Хонед, исмҳои хосро муайян кунед.

## ШОИР МЕШАВАМ

Бароятон шеър хонам,
Аз Саъдии бузургвор,
Бароятон шеър гӯям,
Аз он волии ашъор.
Бихонам мисли булбул
Васфи ватану диёр,
Аз Ҳофиз ғазал донам,
Аз Ҷомӣ панди бисёр.

Биболаму бифахрам
Чун фарзанди зафарёр,
Рӯзе шавад шеър гӯям,
Чун Лоиқи хушгуфтор.
Рӯҳи аҷдоди покам
Гардад ба ман мададгор,
Ман ҳам рӯзе мешавам,
Шоири хеле номдор.

*Зебунисои Тоҳириён*

**Машқи 436.** Матнро хонед, исмҳои ҷамъ ва пасвандҳои ҷамъсозро номбар кунед.

## ҒАЛЛАИ ФАРОВОН

Деҳқонони мо дар саҳроҳо пурмаҳсул меҳнат карда, ғаллаи фаровон мерӯёнанд. Осиёбонон ғалларо сап-сафед орд мекунанд. Кормандони иттиҳодияи нонпазӣ аз он орд барои шумо нонҳои ҳархелаи болаззат мепазанд. Ин хел рӯз ба ҳама насиб нашудааст. Ҳоло ҳам дар рӯйи

ҷаҳон мамлакатҳо, халқҳое ҳастанд, ки мӯҳтоҷи як бурда нонанд. Онҳо ба шиками сер ва рӯйи сурхи мову шумо бо ҳавас нигоҳ мекунанд. Ба қадри ин ҳаёт расед.

**Машқи 437.** Замонҳои феълро номбар кунед.

Мекашад роҳ бар сари кӯҳсор,
Меравад рост бар дару девор.

*Абдусалом Деҳотӣ*

**Машқи 438.** Аз таркиби матн исмҳои пасвандҳои ҷамъсоз қабулнамударо муайян карда, ба дафтар рӯбардор кунед.

## УСТОД ВА ШОГИРД

Абӯалӣ ибни Сино рӯзе бо хотири парешон як асар навишта, онро барои тозанавис кардан ба як шогирдаш додааст. Шогирд иншои Ибни Синоро дуруст хонда натавонистааст ва ба устодаш муроҷиат карда гуфтааст:

– Устод, хататонро хонда натавонистам, илтимос минбаъд камтар бодиққат нависед, моён шогирдҳоятон, мабодо маънии асаратонро ғалат нафаҳмем.

Абӯалӣ дар ин ҷавоб фақат як шеър гуфтааст, ки он шеър ин аст:

Ҳарчанд, ки мекунам такопӯ,
Н-омад зи қалам нақши некӯ.
Азбаски қалам шикастасар буд,
Хотир зи қалам шикастатар буд.

*(Аз «Нақлу ривоятҳо дар бораи Абӯалӣ ибни Сино»)*

**Шарҳи луғат:**

**Иншо** – дастхат.
**Нақши нек**ӯ – фикри хуб.

**Такопӯ** – кӯшиш, ҳаракат.

**Машқи 439.** Хондани мавзӯъҳои омӯхташудаи исму сифат.

## ДАРСИ 133. ТАКРОРИ ШУМОРА ВА ҶОНИШИН

**Машқи 440.** Ба ҷойи нуқтаҳо нумеративҳои мувофиқро гузоред.

Даҳ ... шогирд, сад ... деҳқон, ду ... қалам, сесаду панҷоҳ ... беда, як ... гул, се ... шоир, чор ... дарахт, бист ... дафтар, як ... шоҳӣ, як ... қанд, панҷ ... кафш, ду ... курта, бисту панҷ ... китоб, шаш ... курсӣ, ду ... матоъ, як ... гул.

**Машқи 441.** Исму сифатҳояшро муайян кунед.

Дар мамлакати мо дӯстии устувор барқарор гаштааст. Зану мард, пиру барно бо як нияту орзу, бо як мақсад аҳлона кор ва зиндагӣ мекунанд. Ин аз они ман, ин аз они ту, ин кори ман, ин кори ту вуҷуд надорад.

**Машқи 442.** Исмҳои хос ва сифатҳои таркиби матнро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

## ҚИМАТИ ШЕЪР

Мегӯянд, Алишер Навоӣ дар тарбияи шоирони ҷавон ғамхории зиёде мекард. Вай боре ба шоири ҷавон Осафӣ насиҳат карда, ӯро ба камкор

ва ба корҳои бемаънӣ машғул шуданаш сарзаниш менамуд. Осафӣ гуфт:

– Ин вақтҳо назар ба пештара ба шеъргӯӣ бештар машғулам. Чунончӣ шабе дар он қадар фурсат, ки як шамъи дупулӣ сӯхт, дусад байт гуфтам.

Навоӣ гуфт:

– Дар ин сурат аз он шеърҳо ҳар сад байташ як пул меистад!

*(Аз «Лутфи латиф»)*

**Машқи 443.** Хондани маълумотҳои дахлдори шумораву ҷонишин.

## ДАРСИ 134. ТАКРОРИ ФЕЪЛ ВА ЗАРФ

**Машқи 444.** Феъл ва мавриди истеъмолашро муайян кунед.

### ВАСФИ ВАТАН

Бишнав суруди булбул,
Биншаста дар шохи гул.
Вақте ки месарояд,
Барги гул мекушояд.
Чаро ба гӯши одам
Овози булбул форам?

Донистам охир, ёрон,
Асрори мурғи хушхон:
Месарояд дар чаман
Ӯ аз барои Ватан.
Вагарна мешуд безор
Аз ин хониши бисёр.

*Расул Ғамзатов*

**Машқи 445.** Ба саволҳои *чӣ кор кард? чӣ кор мекунад? чӣ мешавад?* сетогӣ феъл нависед.

*Намуна:* Парид, мехонад, гарм мешавад.

**Машқи 446.** Аз таркиби шеър зарфҳои ифодакунандаи замони амалро муайян кунед.

## МӮРЧАҲО

Мӯрчаҳо субҳу шом –
Дар равуо, беқарор,
Лекин саломи худро
Доимо кунанд такрор.
Ин кори мӯрчагонро
Дида бигуфто Ҳотам:

– Саломи мӯрчаҳо ҳам
Мисли саломи одам?!
Гуфто бобояш: – Оре,
Мӯрчаҳо – боинтизом,
Онҳо ҳам бо ҳамдигар
Доранд иззату икром.

*Шодӣ Саттор*

**Машқи 447.** Феъл ва замонҳои онро номбар кунед.

## КАРИЕС – БЕМОРИИ ДАНДОН

Кариес – ин пӯсиши дандон буда, сабаби он якчанд ангезандаҳо мешавад. Яке аз онҳо нодуруст нигоҳдории тозагии дандону даҳон мебошад. Агар одам бисёр шириниҳоро истеъмол кунаду меваю сабзавотро нахӯрад, дандонҳояш тез ба пӯсиш гирифтор мешаванд. Дар ин дам дар даҳон микробҳову паразитҳои бисёр пайдо мешаванд, ки агар дар вақташ дандонҳоро нашӯяд, тамоми даҳонаш ба касалӣ гирифтор мешавад.

*Н.Ахмедова*

**Машқи 448.** Байтҳои зеринро хонда маънидод намоед. Феълҳои таркиби шеърро муайян кунед.

Пай афкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.

*Фирдавсӣ*

Сар зи модар макаш, ки тоҷи шараф,
Гарде зи роҳи модарон бошад.

*Абдураҳмони Ҷомӣ*

Адаб хоҳӣ, зи ҳад берун манеҳ пой,
Зи ҳар ҷониб, ки хоҳӣ, дар миён ой.

*Бадриддин Ҳилолӣ*

Пайи маслиҳат маҷлис оростанд,
Нишастанду гуфтанду бархостанд.

*Абулқосим Фирдавсӣ*

**Машқи 449.** Зарфҳои таркиби ҷумлаҳоро муайян кунед.

1. Ман рӯзро рӯз, шабро шаб нагуфта, китоб мехондам, менавиштам, ба дарс тайёрӣ медидам. 2. Бедор шудам, ки рӯз сафед шуда омадааст. 3. Вай дар интизори мактуб рӯзро шаб мекард.

**Машқи 450.** Хондани маълумотҳои дахлдори феълу зарф аз китоби дарсӣ.

## ДАРСИ 135. ТАКРОРИ ПАЙВАНДАК

**Машқи 451.** Пайвандакҳоро номбар кунед ва мавриди истеъмолашонро гӯед.

Агар нишаста бошем, аз ҷой бархоста дасти рост ба пеши синаи худ мегузорем ва қомати худро рост намуда, бо табассум ва лаҳни ширин салом мегӯем.

Агар рост бошем, даст пеши бар менамоем ва бо чеҳраи кушода, овози нарм салом мегӯем ва интизори ҷавоб мешавем.

Агар бузургсол даст дароз накунад, ҳеҷ гоҳ кӯшиш насозем, ки пеш аз ӯ даст дароз кунем ва ӯро маҷбур намоем, ки бо мо бо даст салом кунад, ки ин аз рӯйи одоб нест.

*(Аз «Одоби салом»-и Абдуҷаббор Раҳмонов)*

**Машқи 452.** Пайвандакҳои таркиби матнро муайян кунед.

## РАШИДИ ВАТВОТ ВА АДИБ СОБИР

Мегӯянд, рӯзе барфи бисёр меомад ва боди сард мевазид. Дар чунин вақт Рашиди Ватвотро завқи сӯҳбати Адиб Собир шуд. Онҳо бо якдигар робитаи дӯстӣ ва муҳаббат доштанд. Чун Рашид ба дари хонаи Адиб Собир расид, ҳалқа ба дар зад. Канизаке пеши дар омад ва гуфт: – Кист?

Гуфт: – Рашид аст ва Адибро мехоҳад.

Гуфт: – Хоҷаам дар хона нест.

*(Аз «Лутфи латиф»)*

**Машқи 453.** Бо корбасти пешояндҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

| аз | то | ба | бо | бе | барои | монанди |
|---|---|---|---|---|---|---|

↑ пешоянд мебошанд

Пешояндҳо аз калимаҳои дигар ҷудо навишта мешавад.

## ЧИСТОН

Аз гул ба гул мешинад,  
Гарде зи гул мечинад.  
Шод аст, гарчи бечора  
Умри чандрӯза бинад.



**Машқи 454.** Бо интихоб ва корбасти пайвандакҳои *аммо, вале, лекин* ҷумла тартиб диҳед.

## ДАРСИ 136. ИҶРОИ МАШҚҲОИ 455–457

**Машқи 455.** Исмҳои таркиби матнро муайян кунед. Исмҳои танҳоро ба исмҳои ҷамъ табдил диҳед.

Ба хонаи мӯрчаякон чашм медӯзаму ба меҳнатдӯстиашон ташаккур мегӯям. Онҳо корашонро байни худ чунон тақсим кардаанд, ки дар байнашон мӯрчаи бекоре нест. Ҳама боиттифоқ саргарми меҳнат. Мӯрчае дона меорад, дигаре хона мекобад. Онҳо доимо барои беҳбудии ҳаёташон дар ҳаракатанд. Сӯйи мақсадҳои дар замирашон парвардаи худ далерона қадам мемонанд. Бинобар ин, боре ҳам надидаам, ки мӯрчаяке аз гуруснагӣ ё сармои сахт мурда бошад.

*Манзила Маҳмудӣ*

**Шарҳи луғат:**

**Чашм дӯхтан** – нигоҳ кардан
**Ташаккур** – раҳмат
**Боиттифоқ** – дӯст
**Саргарми меҳнат** – бо меҳнат машғул
**Беҳбудии ҳаёт** – зиндагонии хуб
**Дар замир** – дар дил
**Далерона** – нотарсона
**Сармо** – ҳавои хунук

**Машқи 456.** Пайвандакҳоро муайян кунед ва дар бораи онҳо маълумот диҳед.

1. Сабзиши ҳар ниҳолу дарахт ва боғи оянда ба пайванд вобаста аст. 2. Аз гиря монда шуда, бо сари хам аз ҷояш бархост. 3. Аммо ин остинзании ӯ аз як боди суст зиёдтар таъсир надошт.

**Машқи 457.** Калимаҳои пасванддорро ба дафтар рӯбардор кунед ва ба кадом савол ҷавоб шуданашонро гӯед.

## ЯК БАҒАЛ ГУЛ

Ҳарчанд мехост, ки қатраҳои чашмонашро наберааш Шамшод набинад, вале донаҳои ашк рӯйи пурожанги Муродбоборо нам намуд.

Шамшод аз карда пушаймон, оҳиста сар хам карду зери лаб гуфт:

– Мебахшед, бобоҷон, дигар ман ҳаргиз гулҳои садбарги сафедро намеканам. Чашмони Шамшод низ пур аз об шуданд.

Ин ҳоли набераашро дида, Муродбобо ба худ омад ва сӯйи Шамшод нигариста гуфт:

– Ҳеҷ гап не, бачем, хиҷолат накаш. Агар зинда бошем, соли оянда мебарем, ҳа ... соли оянда. Садбарг маро мебахшидагист, ба вай ҳамаашро мефаҳмонам.

*З. Ҳасанзода*

# ШАРҲИ КАЛИМАҲОИ ДУШВОРФАҲМ

## А

**Абадӣ** – боқӣ, ҷовид
**Аён** – равшан, фаҳмо
**Аз по афтодан** – бемор шудан
**Айём** – ҳангом, маҳал
**Андӯҳгин** – ғамангез
**Анво** – навъи маҳсулоту таом
**Андарун** – дар дарун, дар дохил
**Амвоҷ** – мавҷҳо
**Асрор** – сирҳо
**Атторон** – мушку анбар фурӯшон
**Атроф** – тарафҳо
**Ашхос** – шахсҳо
**Афкор** – фикрҳо
**Афлок** – фалакҳо

## Б

**Ба даҳонаш об гирифтан** – ҳеч чизе нагуфтан, гап назадан
**Ба дил алав афтодан** – ба ташвиш афтодан, серҳаракат гардидан
**Барно** – ҷавон
**Баҳс** – мунозира
**Бадаъмол** – шахси бадфеъл
**Бениёз** – мӯҳтоҷ набуда
**Беҳдошти саломатӣ** – нигоҳубини саломатӣ
**Бузург** – калон

## В

**Ваҷаб** – ченаки ангушти аввалу хурдӣ
**Ворид** – дохил гардидан, дохил шудан

## Г

**Гала** – тӯдаи ҳайвонот
**Гапи кӯҳнаро бод додан** – воқеа ва ҳодисаи пештараро рӯкаш намудан
**Ганҷи бебаҳо** – хазинаи бебаҳо, чизи қиматбаҳо
**Гесувон** – зулфҳо
**Гиромӣ** – азиз, арҷманд
**Гиромидошт** – эъзоз, эҳтиром
**Гулхан** – оташи афрӯхта

## Ғ

**Ғизо** – хӯрок

## Д

**Дили торик** – табъи хира, хиртабъӣ
**Дифоъ** – ҳимоя намудан, муҳофиза

**Долон** – роҳрави болопӯшида, даҳлез, гузаргоҳи болопӯшида
**Дурахшанда** – тобон, пурҷило

### З

**Зафар** – ғалаба

### И

**Иғво** – ҷангу ҷидол, низоъ
**Изтироб** – ранҷ, азоб
**Иродаи оҳанин** – иродаи мустаҳкам
**Ифтихор** – фахр кардан, болидан

### К

**Кӯчак** – хурд

### Қ

**Қалби сангин** – бераҳм, бераҳмӣ
**Қалби реш-реш** – дили дардманд
**Қаср** – сарой, кӯшк
**Қобил** – баодоб

### Л

**Лафзи модарӣ** – забони модарӣ
**Лому мим нагуфтан** – ҳарфе нагуфтан, гап назадан

### М

**Мағоза** – магазин
**Мазоҳ** – масхара, тамасхур
**Манфиат** – фоида, нафъ
**Маъмул** – машҳур, маълум
**Машварат** – анҷуман
**Маҷалла** – журнал
**Маҷрӯҳ** – дардманд, касалманд
**Меангехт** – ба ангезиш меовард
**Меҳмонҳои баландмартаба** – меҳмонҳои боэҳтиром
**Момо** – модаркалон
**Мозӣ** – гузашта, пешин
**Мувофиқ** – муносиб, даркорӣ, зарурӣ
**Муваффақият** – комёбӣ
**Мулк** – кишвар, сарзамин
**Мурувват** – саховат, саховатпешагӣ
**Мушоҳида** – бо чашми худ дидан
**Мӯр** – мӯрча

### Н

**Нахуст** – аввал
**Нашъа давондан** – нур илқо намудан
**Нашъунамо** – сабзиш, сабзидан

**Некандеш** – некбин, нек-гуфтор
**Нумӯ** – инкишоф, нашъу-намо

## О

**Оғоз ёфт** – сар шуд
**Оташзабон** – суханвар, сухандон
**Ошён** – лона

## Р

**Ранҷ** – заҳмат кашидан, меҳнат кардан
**Ростқавл** – ростгӯй
**Рушд** – инкишоф
**Рӯзнома** – газета

## С

**Сабукҷусса** – сабуквазн
**Сабт** – дарҷ намудан, навиштани чизе, овозе
**Саломи оташин** – саломи самимӣ
**Самар** – пурфайз, натиҷабахш
**Сармо** – хунукӣ
**Сарфароз** – хурсанд, шоду масрур
**Сипор** – асбоби шудгор
**Субҳ** – саҳарӣ, пагоҳӣ
**Суд бурдан** – фоида дидан

## Т

**Табассум** – ханда
**Тағйирот** – дигаргун
**Тараққиёт** – пешравӣ, инкишоф
**Тасанно** – офарин, ташаккур
**Тасаллӣ** – таскин
**Ташаккур** – раҳмат
**Тифлон** – кӯдакон
**Тиҷорат** – савдо
**Туршрӯй** – хиратабъ
**Тӯҳфа** – савғо

## У

**Урён** – луч, бараҳна

## Ӯ

**Ӯҳдаи кор** – иҷрои кор

## Ф

**Фалак** – осмон, само
**Фаровон** –бисёр
**Фарҳанг** – адаб, дониш, илм
**Фосила** – масофа

## Х

**Хамида** – хам гашта
**Харошид** – тарошид
**Хатм намудан** – тамом кардан

## Ҳ

**Ҳамла** – ҳуҷум
**Ҳамсабақон** – шарикдарсон
**Ҳомӣ** – кӯмакрасон, ёрирасон
**Ҳудуд** – канор

## Ш

**Шамидан** – бӯйидан, бӯй кашидан
**Шарфаи по** – садои по
**Шаҳдрез** – ширин
**Шуҷоатмандона** – бо-саъю кӯшиш, боғайрат

## Э

**Эҳтиром намудан** – ҳурмат кардан
**Эҳсос** – ҳис кардан
**Эъзоз** – ҳурмат кардан, эҳтиром намудан

## Ч

**Чамани гулпӯш** – саҳрои гулзор

## Ҷ

**Ҷанбаҳои фикрӣ** – асосҳои фикрӣ
**Ҷаҳд кардан** – саъю кӯшиш намудан

## ИСТИЛОҲОТИ АСОСӢ

**Аз сатр ба сатр кӯчонидан** – кӯчонидани қисми калима аз як қатор ба қатори дигар.

**Алифбо** – тартиби ҳарфҳо.

**Аломатҳои китобӣ** – нуқта, ду нуқта, се нуқта, вергул, нуқта-вергул, савол, хитоб, тире ...

**Асос** – қисми асосӣ ва маънодори калима, ки реша, пешванд, пасвандро фаро мегирад.

**Аъзоҳои ҷумла** – мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, ҳол.

**Аъзоҳои пайрав** – муайянкунанда, пуркунанда, ҳол.

**Бандак** – воситаҳои калимасози пас аз решаи калима омадаи ифодакунандаи шахс ва соҳиби амал.

**Вергул** – аломати китобие, ки дар байни калима, ибора, аъзоҳои пайиҳам омада гузошта мешавад.

**Зарф** – ҳиссаи нутқи ифодакунандаи иҷрои тарзу тариқаи иҷрои амал.

**Зада** – талаффузи баланду бошиддат.

**Ибора** – воҳиди забоне, ки аз ду ва ё аз он зиёда таркиб ёфта, маънои мураккабро ифода мекунад.

**Исм** – ҳиссаи нутқи ифодакунандаи номи предмет.

**Калима** – воҳиди забоне, ки маънои амиқро ифода мекунад.

**Матн** – фикрҳои алоқаманди аз ҷумлаҳо таркибёфта.

**Миёнванд** – воситаҳои калимасози дар мобайни решаҳои калима истеъмолшаванда.

**Муайянкунанда** – аъзои ҷумлаи ифодакунандаи аломату амалҳои предметҳо.

**Мубтадо** – аъзои ҷумлаи ифодакунандаи соҳиби амал.

**Нақша** – тартиб додани кори эҷодӣ аз рӯйи мазмуни матн, муайян кардани тартиби баёни фикр.

**Нутқ** – маҷмӯи овоз ва ҳарфҳо.

**Нуқта** – аломати китобие, ки дар охири ҷумла гузошта мешавад.

**Овоз** – ҳавои аз шуш бароянда и ба садопардаҳо бархӯранда.

**Пайвандак** – ҳиссаи нутқи дар пайваст ва тобеъ кардани калима, аъзоҳои чидаи ҷумла, ҷумлаҳои соддаву мураккаб корбастшаванда.

**Пешванд** – воситаҳои калимасози пеш аз решаи калима иловашаванда.

**Пасванд** – воситаҳои калимасози пас аз решаи калима иловашаванда.

**Пешоянд** – ҳиссаи нутқи пеш аз калимаҳо оянда и ҷудо навишташаванда.

**Пуркунанда** – аъзои пайрави ҷумла.

**Реша** – қисми асосӣ ва маънодори калима.

**Садонок** – овоз ва ҳарфҳои зангӯладор.

**Савол** – аломати китобие, дар охири чумлаҳои саволӣ гузошта мешавад.

**Сархат (абзатс)** – аз сари қатор дар ҳаҷми ғафсии сарангушт ҷо партофта навиштани ҷумла, фикр.

**Сарлавҳа** – номи матн.

**Сифат** – ҳиссаи нутқи ифодакунандаи аломати предмет.

**Сараъзо** – мубтадо, хабар.

**Таркиби калима** – реша, асос, пешванд, пасванд, бандак.

**Феъл** – ҳиссаи нутқи ифодакунандаи ҳаракати предмет.

**Хабар** – аъзои ҷумлаи ахбордиҳандаи амал ва ҳолатҳои иҷрошудаю иҷрошаванда.

**Ҳамсадо** – овоз ва ҳарфҳои безангӯладор.

**Ҳамсадоҳои ҷарангнок** – овоз ва ҳарфҳои бошиддату бурротар талаффузшаванда.

**Ҳамсадоҳои бечаранг** – овоз ва ҳарфҳои пасттар талаффузшаванда.

**Ҳарфҳои шадда (ташдид)** – ҳарфҳои якхелаи ҳампаҳлӯ омада.

**Ҳиссаҳои нутқ** – исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф, пешванду пасванд, пайвандак, ҳиссача, нидо.

**Ҳиҷо** – қисми калима.

**Ҳиҷои кушод** – қисми калимае, ки бо ҳарфи садонок тамом шудааст.

**Ҳиҷои баста** – қисми калимае, ки бо ҳарфи ҳамсадо тамом шудааст.

**Хитоб** – аломати китобие, ки дар шакли чӯбча дар охири ҷумлаҳои хитобӣ гузошта мешавад.

**Ҳол** – аъзои пайрави ҷумла.

**Ҷумла** – фикри том.

**Ҷумлаи ҳикоягӣ** – ҷумлае, ки оиди воқеъа ва ҳодисаҳои содиршудаву содиршаванда хабар медиҳад.

**Ҷумлаи саволӣ** – ҷумлае, ки матлаб ва суханҳои ба таври оҳанги савол баёншавандаро дар бар мегирад.

**Ҷумлаи хитобӣ** – ҷумлае, ки матлаб ва суханҳои бо оҳанги хитоб баёншавандаро дар бар мегирад.

**Ҷумлаи амрӣ** – ҷумлае, ки матлаб ва фикрҳои ба таври амр баёншавандаро дар бар мегирад.

**Ҷонишин** – ҳиссаи нутқи ба ҷойи исм, сифат корбастшаванда.

**Шумора** – ҳиссаи нутқи ифодакунандаи адади предмет.

# МУНДАРИЧА

## ТАКРОРИ МАВОДҲОИ ДАР СИНФИ III ОМӮХТАШУДА

Дарси 1. Аъзоҳои ҷумла ........ 4
Дарси 2. Ҷумлаҳои чидааъзо ........ 6
Дарси 3. Иҷрои машқҳои 9–12 ........ 8
Дарси 4. Корбасти ҳиссаҳои нутқ дар нутқи хаттӣ ........ 10
Дарси 5. Корбасти ҳиссаҳои нутқ дар нутқи шифоҳӣ ........ 11
Дарси 6. Истифодаи ибора дар ҷумлаҳои содда ........ 14
Дарси 7. Корбасти ҷумлаҳои содда дар нутқи хаттӣ ........ 15
Дарси 8. Корбасти ҷумлаҳои содда дар нутқи шифоҳӣ ........ 16
Дарси 9. Матн ва нутқ ........ 18
Дарси 10. Иҷрои машқҳои 38–40 ........ 19

## ҲИССАҲОИ НУТҚ

### ИСМ

Дарси 11. Исм ........ 20
Дарси 12. Исмҳои хос ........ 22
Дарси 13. Имлои исми хос ........ 23
Дарси 14. Иҷрои машқҳои 56–59 ........ 25
Дарси 15. Исмҳои танҳо ва ҷамъ ........ 27
Дарси 16. Пасвандҳои ҷамъсози исм ........ 29
Дарси 17. Пасванди ҷамъсози *-ҳо* ........ 31
Дарси 18. Пасванди ҷамъсози *-он* ........ 33
Дарси 19. Пасванди ҷамъсози *-гон* ........ 34
Дарси 20. Пешванди исмсози *ҳам-* ........ 35
Дарси 21. Исмҳои сохта ........ 36

Дарси 22. Имлои исмҳои сохта........................................37
Дарси 23. Пасвандҳои исмсоз........................................38
Дарси 24. Пасванди *-чӣ*........................................39
Дарси 25. Пасванди *-гар*........................................40
Дарси 26. Пасванди *-зор*........................................41
Дарси 27. Пасванди *-истон*........................................41
Дарси 28. Пасванди *-сор*........................................44
Дарси 29. Иҷрои машқҳои 113–116........................................44
Дарси 30. Иҷрои машқҳои 117–119........................................46
Дарси 31. Таҳлили хаттӣ ва шифоҳии исм........................................48
Дарси 32. Такрори исм........................................49

## ФЕЪЛ

Дарсҳои 33–34. Феъл........................................50
Дарси 35. Феълҳои ифодакунандаи ҳаракату ҳолат........................................52
Дарси 36. Такрори чоряки якум........................................53
Дарсҳои 37–38. Феълҳои ифодакунандаи вазъият ва тағйироти аломат........................................53
Дарси 39. Иҷрои машқҳои 137–140........................................55
Дарси 40. Замонҳои феъл........................................57
Дарси 41. Замони гузашта........................................58
Дарси 42. Замони ҳозира........................................59
Дарси 43. Замони оянда........................................61
Дарси 44. Иҷрои машқҳои 159–162........................................62
Дарси 45. Иҷрои машқҳои 163–166........................................63
Дарсҳои 46–47. Корбасти феъл дар нутқ........................................64
Дарсҳои 48–49. Аз таркиби ҷумла муайян намудани феъл........................................66
Дарсҳои 50–51. Бо интихоби феъл тартиб додани ҷумлаҳо........................................68
Дарси 52. Таҳлили хаттӣ ва шифоҳии феъл........................................69
Дарси 53. Такрори феъл........................................70

## СИФАТ

Дарси 54. Сифат ... 71
Дарси 55. Иҷрои машқҳои 188–192 ... 73
Дарси 56. Сифатҳои аслӣ ва нисбӣ ... 74
Дарси 57. Корбасти сифатҳои аслӣ ва нисбӣ дар нутқ ... 75
Дарси 58. Пасвандҳои сифатсози *-тар, -тарин* ... 77
Дарси 59. Иҷрои машқҳои 206–209 ... 78
Дарси 60. Пасванди сифатсози *-ӣ* (*-гӣ, -вӣ*) ... 79
Дарси 61. Пасвандҳои сифатсози *-ин, -гин* ... 81
Дарси 62. Иҷрои машқҳои 219–222 ... 82
Дарси 63. Аз таркиби ҷумла муайян намудани сифатҳо ... 83
Дарси 64. Такрори чоряки дуюм ... 84
Дарсҳои 65-66. Бо интихоби сифат тартиб додани ҷумлаҳо ... 84
Дарсҳои 67-68. Имлои сифат ... 85
Дарсҳои 69-70. Таҳлили хаттӣ ва шифоҳии сифат ... 87
Дарсҳои 71. Иҷрои машқҳои 235–238 ... 88
Дарси 72. Такрори сифат ... 89

## ШУМОРА

Дарси 73. Шумора ... 91
Дарси 74. Шумора ва хелҳои он ... 92
Дарси 75. Шумораҳои миқдорӣ ... 94
Дарси 76. Иҷрои машқҳои 251–253 ... 95
Дарси 77. Шумораи тартибӣ ... 96
Дарси 78. Имлои шумора ... 97
Дарси 79. Такрори шумора ... 98

## ҶОНИШИН

Дарси 80. Ҷонишин ........ 100
Дарси 81. Ҷонишинҳои шахсӣ ........ 101
Дарси 82. Корбасти ҷонишинҳои шахсӣ дар нутқ ........ 103
Дарси 83. Бо ҷонишинҳои шахсӣ тартиб додани ҷумлаҳо ........ 104
Дарси 84. Аз таркиби ҷумла муайян намудани ҷонишинҳои шахсӣ ........ 105
Дарси 85. Иҷрои машқҳои 281–284 ........ 107
Дарси 86. Такрори ҷонишин ........ 109

## ЗАРФ

Дарси 87. Зарф ........ 110
Дарси 88. Корбасти зарфи тез ва оҳиста дар нутқ ........ 112
Дарси 89. Корбасти зарфи имрӯз ва дирӯз дар нутқ ........ 113
Дарси 90. Корбасти зарфи шаб ва рӯз дар нутқ ........ 114
Дарси 91. Зарфҳои такрор ........ 115
Дарси 92. Иҷрои машқҳои 303–306 ........ 116
Дарси 93. Имлои зарф ........ 117
Дарси 94. Такрори зарф ........ 118

## ПАЙВАНДАК

Дарси 95. Пайвандак ........ 119
Дарси 96. Иҷрои машқҳо бо пайвандаки ва, *-у, -ю (-ву)* ........ 121
Дарси 97. Иҷрои машқҳо бо пайвандаки *аммо* ........ 122
Дарси 98. Иҷрои машқҳо бо пайвандаки *вале* ........ 124
Дарси 99. Иҷрои машқҳо бо пайвандакҳои *лекин, балки* ........ 125

Дарси 100. Иҷрои машқҳо бо пайвандаки *ё* ............ 126
Дарсҳои 101. Иҷрои машқҳои 333–339 ...................... 127
Дарси 102.Такрори пайвандак ..................................... 131
Дарси 103. Такрори чоряки сеюм ............................... 132

## ИБОРА

Дарси 104. Ибора ......................................................... 132
Дарсҳои 105–106. Иҷрои машқҳо доир ба иборасозӣ ................................................................. 134
Дарсҳои 107–108. Иҷрои машқҳо доир ба муайян кардани ибора ....................................... 137
Дарсҳои 109–110. Бо интихоби ибора тартиб додани ҷумла ....................................................... 139
Дарсҳои 111–112. Иҷрои машқҳои 360–362 ............... 141

## ҶУМЛА

Дарси 113. Ҷумла ......................................................... 143
Дарси 114. Аъзоҳои ҷумла .......................................... 145
Дарси 115. Иҷрои машқҳои 373–377 ........................... 147
Дарси 116. Сараъзоҳои ҷумла ...................................... 148
Дарсҳои 117–118. Иҷрои машқҳо бо саволҳои *кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо?* ................................................... 150
Дарсҳои 119–120. Иҷрои машқҳо бо саволҳои *чӣ кор кард? чӣ кор мекунад? чӣ мешавад?* ............ 151
Дарси 121. Аъзоҳои пайрави ҷумла ........................... 154
Дарсҳои 122–123. Иҷрои машқҳо бо саволҳои *чӣ хел? чӣ гуна?* ..................................................... 155
Дарси 124. Иҷрои машқҳо бо саволҳои *чиро? киро?* ................................................................... 155
Дарси 125. Иҷрои машқҳо бо саволҳои *аз чӣ? бо кӣ? бо чӣ?* .......................................................... 158
Дарсҳои 126–127. Иҷрои машқҳо бо саволҳои *кай? дар куҷо? аз куҷо? чӣ тарз?* ....................... 159

Дарси 128. Ҷумлаҳои чидааъзо.................................. 161
Дарси 129. Сараъзо ва аъзоҳои пайрави чида ....... 164
Дарси 130. Корбасти ҷумлаҳои чидааъзои
пайвандакдор ва бепайвандак дар нутқ................. 165
Дарси 131. Такрори чоряки чаҳорум.......................... 167

## ТАКРОРИ СОЛОНА

Дарси 132. Такрори исму сифат.................................. 167
Дарси 133. Такрори шумора ва ҷонишин .................. 171
Дарси 134. Такрори феъл ва зарф ............................ 172
Дарси 135. Такрори пайвандак.................................... 174
Дарси 136. Иҷрои машқҳои 455–457........................... 176
Шарҳи калимаҳои душворфаҳм ................................... 178
Истилоҳоти асосӣ ......................................................... 182

Чориев Таваккал
Ч-78 **Забони модарӣ.** Китоби дарсӣ барои синфҳои 4-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ / Т. Чориев. – Т.: «O'zbekiston», 2015. – 192 саҳ.

ISBN 978-9943-28-341-1

УЎК 811.222.8(075)
372.881.1
КБК 81.2 Тож-922

*O'quv nashri*

Т. ЧОРИЕВ

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

*Umumiy o'rta ta'lim maktablarining 4-sinf o'quvchilari uchun darslik*

(Tojik tilida)

Муҳаррир *З. Тоҳириён*
Мусаввирон: *Б. Зуфаров, М. Рахматджанова*
Муҳаррири техникӣ *Л. Хижова*
Саҳифабанди компютерӣ *Н. Аҳмедова*

Литсензияи нашриёт AI № 158, 14.08.2009.
Ба чопаш 20 июли соли 2015 иҷозат дода шуд. Андозаи 70х90[1]/[16]. Чопи офсетӣ.
Гарнитураи «Arial Tj». Кегли 14,5; 13,5. Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 14,04. Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 7,89.
Адади нашр 6608. Супориши № 15-447.

Агентии матбуот ва ахбори Республикаи Ўзбекистон, Хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston», 100129, Тошканд, Навоӣ, 30.

Телефон: (371) 244-87-55, 244-87-20
Факс: (371) 244-37-81, 244-38-10.
e-mail: uzbekistan@iptd-uzbekistan.uz
www.iptd-uzbekistan. uz

**Ҷадвали нишондиҳандаи ҳолати китоби ба иҷора додашуда**

| № | Ному насаби хонанда | Соли хониш | Ҳолати китоб ҳангоми гирифтан | Имзои раҳбари синф | Ҳолати китоб ҳангоми супоридан | Имзои раҳбари синф |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | | | |
| 2. | | | | | | |
| 3. | | | | | | |
| 4. | | | | | | |
| 5. | | | | | | |

**Ҷадвали болоӣ ҳангоми ба иҷора дода шудан ва дар охири соли хониш баргардонида гирифтани китоб аз тарафи раҳбари синф аз рӯйи меъёрҳои зерини баҳогузорӣ пур карда мешавад:**

| Нав | Ҳолати китоб ҳангоми бори аввал супоридан |
|---|---|
| Хуб | Муқоваааш бутун, аз қисми асосии китоб ҷудо нашудааст. Ҳамаи варақҳояш ҳаст, надаридааст, ҷудо нашудааст, дар саҳифаҳо навишт ва хатҳо нест. |
| Қаноатбахш | Муқова каҷ шудааст, канорҳояш коҳида, якчанд хатҳо кашида ҳолати аз қисми асосӣ ҷудошавӣ дорад, аз тарафи истифодабаранда қаноатбахш таъмир шудааст. Варақҳои ҷудошуда аз нав таъмир гаштааст, дар баъзе саҳифаҳо хат кашида шудаанд. |
| Ғайриқаноатбахш | Муқова хат кашида шудааст, даридааст, аз қисми асосӣ ҷудо шудааст ё ки умуман нест, ғайриқаноатбахш таъмир гаштааст. Саҳифаҳо дарида, варақҳо намерасанд, хат кашида, ранг карда шудааст, китобро барқарор карда намешавад. |